ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТИИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ

АРАБОВ Ф.П., ИБОДОВ Н.Ҳ., ИБОДОВ А.Ҳ.

НИЗОМИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ ВА МОЛИЯВӢ

МОНОГРАФИЯ

ДУШАНБЕ - 2026

ТДУ:368.382:614(575.3)
ББК: 65.495(5Тад)
А - 79

Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Институти илмӣ-тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи ДБССТ аз 30.06.2026, №06 ба нашр тавсия гардидааст.

Муаллифон:
Арабов Ф.П. – *доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;*
Ибодов Н.Ҳ. – *номзади илмҳои иқтисодӣ;*
Ибодов А.Ҳ. – *номзади илмҳои иқтисодӣ.*

Муқарризон:
Мирсаидов А.Б. – *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.*
Содиков К.А. – *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.*

Муҳаррир:
Наимова Ф. – *номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

А – 79
Арабов Ф.П. Низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон: асосҳои ташкилӣ ва молиявӣ [Матн] / Ф.П. Арабов, Н.Ҳ. Ибодов, А.Ҳ. Ибодов / ҶДММ «Донишафруз» – Душанбе, 2026. – 220 с.

Монографияи мазкур ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии ташаккул ва рушди низоми суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асар таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ оид ба суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ, механизмҳои маблағгузории соҳаи тандурустӣ, манбаъҳои ташаккули фондҳои суғуртавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Монография барои олимон, муҳаққиқон, омӯзгорон, донишҷӯён, кормандони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва мутахассисони соҳаи тандурустӣ тавсия мегардад. Мавзӯи монография ба асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, такя мекунад.

ISBN:978-9906-9935-7-9

© Арабов Ф.П., Ибодов Н.Ҳ., Ибодов А.Ҳ.- 2026

МУНДАРИҶА

		Саҳ
	НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО.....	**3**
	МУҚАДДИМА.....	**4**
БОБИ 1.	**АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ.....**	**9**
1.1.	Моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сохтор ва вазифаҳои суғуртаи тиббӣ..... ...	**9**
1.2.	Асосии методологии таҳлил ва арзёбии суғуртаи тиббӣ.....	**30**
1.3.	Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ.....	**44**
БОБИ 2.	**АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ТОҶИКИСТОН.....**	**60**
2.1.	Вазъи муосири соҳаи тандурустӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон.....	**60**
2.2.	Таҳлили бозори суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....	**79**
2.3.	Арзёбии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.....	**101**
БОБИ 3.	**САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....**	**120**
3.1.	Рушди суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми ташкилӣ-иқтисодии молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ.....	**120**
3.2.	Самтҳои мукаммалгардонии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар шароити муосир.....	**134**
3.3.	Таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокӣ ва дастгирии молиявии суғурташудагон.....	**152**

3.4. Татбиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти ташаккул ва рушди суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон..... **169**

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО..... 186

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..... 198

ЗАМИМАҲО..... 219

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
ММД – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ
ССМ – Системаи суғуртаи миллӣ
НТМ – Ноҳияҳои тобеи марказ
ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил
ҶДММ –Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд
ҶСП – Ҷамъияти саҳомии пӯшида
ҶСК – Ҷамъияти саҳомии кушода
СИТ – Суғуртаи ихтиёрии тиббӣ
СҲТ – Суғуртаи ҳатмии тиббӣ
СҲТД – Суғуртаи ҳатмии тиббии давлатӣ
БМТ – Бонки миллии Тоҷикистон
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
СМСАҶТ – Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
СҲСАҶТ – Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ТСТ – Ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ
ВТҶТ – Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КОА – Комиссияи оилии аттестатсионӣ

МУҚАДДИМА

Суғуртаи тиббӣ яке аз механизмҳои иқтисодӣ-молиявӣ маҳсуб мешавад, ки самаранокии хизматрасониҳои тиббиро ба шахсони суғурташаванда таъмин намуда, вазъи молиявии суғурташудагон ва такмили низоми моддӣ - техникии соҳаи тандурустиро беҳтар мегардонад. Дар ҷаҳони муосир, давлатҳои дорои иқтисоди пешрафта моделҳои гуногуни суғуртаи тиббиро ҷорӣ намудаанд, ки ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби бахши хусусӣ дастгирӣ меёбанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташкили суғуртаи тиббӣ ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, ба ҳалли мушкилоти мавҷуда ва пешрафти назаррас диққати ҷиддӣ зоҳир намудан зарур аст. Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, масъалаҳои марбут ба маблағгузории хизматрасониҳои тиббӣ, сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ ва норасоии танзими қонунгузорӣ монеаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои таъмини рушди босуръати иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ, ҳифз ва нигаҳдории солимии аҳолӣ дар кишвар бояд низоми суғуртаи тиббӣ тағдиди назар карда шавад. Мушкилоти такмили суғуртаи тиббӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ имрӯзҳо дар мадди назари ҳам давлатҳои рӯ ба тараққӣ ва ҳам давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон қарор дорад ва ин мушкилотҳо хусусияти глобалиро ба худ касб намудаанд. Барои тадбиқи суғуртаи тиббӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шуд. Қонуни мазкур мебоист аз моҳи январи соли 2010 дар амал тадбиқ мегардид, вале бо сабабҳои вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сохторӣ татбиқи Қонун дар чанд марҳила бетағйир монда, амалишавии он то соли 2025 ба таъхир

гузошта шуд. Сабабҳои аслии тадбиқ нашудани қонуни мазкур дар омода набудани инфрасохтори зарурӣ барои гузаштан ба суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ва паст будани маърифати молиявии аҳолӣ ба шумор меравад.

Дар баробари он ки тайи 5 соли охир суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикитон рушд карда истода бошад ҳам, вале то ба ҳол заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва базаи моддӣ-техникӣ барои тадбиқи пурраи он муҳайё карда нашудааст. Соҳаи тандурустии мамлакат имрӯзҳо ба норасоии кадрӣ ва техникӣ рубарӯ буда, дар пешниҳоди химатрасониҳои босифати тиббӣ мушкилотҳои назаррас ба чашм мерасанд. Вобаста ба зарурияти ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ, моҳи декабри соли 2024 иброз доштанд, ки: «...тайи чанд соли охир мо бинои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро, ки кормандони он дар шароити бисёр номусоид фаъолият мекарданд, ба истифода додем. Инчунин, даҳҳо беморхона ва дигар муассисаҳои тиббиро, ки 70 – 80 сол пеш сохта шуда буданд, таҷдиду азнавсозӣ ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудем. Умуман, дар 33 соли соҳибистиқлолӣ, ғайр аз таъмиру таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи соҳаи тандурустӣ, бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо 3076 муассисаи нави тиббӣ бунёд карда шуд» [7]. Дар баробари ин, ҳоло ҳам дар шаҳру ноҳияҳо инфрасохтори соҳаи тандурустӣ ба шароити имрӯза ҷавобгӯ набуда, бинобар сабаби норасоии кадрӣ хизматрасониҳои тиббии босифат ба аҳолӣ расонида намешавад. Дар ин замина, самти асосии молиякунонии соҳаи тандурустӣ тадбиқи суғуртаи тиббӣ мебошад, ки он ҳамчун механизми молиякунонӣ барои беҳтар

намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ ва дар ин баробар баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи тандурустӣ хизмат хоҳад намуд.

Ҳамин тариқ, барои тадбиқи суғуртаи тиббӣ ва самтҳои молиякунонии соҳаи тандурустӣ ва ҳамзамон беҳтар намудани сатҳи даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби коҳиш додани хароҷотҳо барои нигаҳдорӣ ва ёрии тиббӣ ба суғурташудагон омӯзиши махсусро талаб менамояд. Аз ин нуқтаи назар, масъалаҳои таҳияи муқаррароти илмӣ, методӣ ва назариявии марбут ба ташаккул, рушд, фаъолият, инчунин роҳҳои имконпазири тадбиқи пурраи суғуртаи тиббӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми афзалиятҳо ва маҳдудиятҳоро барои он муайян мекунанд, мубрам буда, барои омӯзиш мувофиқ мебошад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

1.1. Моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сохтор ва вазифаҳои суғуртаи тиббӣ

Асоси сиёсати иҷтимоии давлатро кафолати ҳифз ва таҳкими солимии ҷомеа ҳамчун қувваи муҳимтарини истеҳсолкунанда, ки амнияти миллӣ ва рушди иқтисодии кишварро муайян мекунад, ташкил медиҳад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми солонаи худ иброз доштанд: «...соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд» [11]. Вобаста ба ин, рушди соҳаи тандурустӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва таъмини бозорҳои дохилӣ ба қувваи неруманд ва солими ҷомеа аҳамияти авалиндараҷаро касб менамояд.

Вазъи саломатии аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосиест, ки сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишварро муайян мекунад. Саломатии аҳолӣ, таъмини ғизои солим барои баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ кумак намуда, дар баланд бардоштани малакаи касбии кормандон саҳми калон мебозад. «...Таъмини солимии аҳолӣ масъалаи байнисоҳавӣ буда, ҳалли он аз саломатӣ ҳангоми таваллуд, саводнокӣ ва тарзи зиндагӣ, ҳолати экологии муҳити зист, шароити меҳнат,

мукаммалии истеъмоли ғизо, дараҷаи некӯаҳволӣ ва самаранокии низоми тандурустӣ вобастагӣ дорад, аз ин рӯ равиш ва роҳҳои ҳалли он бояд маҷмӯӣ бошад» [15].

Дар шароити муосир суғурта омили муҳими ҳавасманд-гардонии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ буда, категорияи иқтисодию молиявӣ мебошад. Ба категорияи «суғурта» таърифи якхела додан қариб ғайриимкон аст, ки он дақиқ буда, тамоми вазифаҳо ва хусусиятҳои онро тавсиф намояд. Дар ин самт олимони ватанӣ ва хориҷӣ корҳои зиёде анҷом додаанд, ки дар алоҳидагӣ онҳоро дида мебароем.

Дар адабиёти иқтисодӣ таърифҳои зиёде мавҷуданд, вале онҳо танҳо баъзе ҷанбаҳои суғуртаро дар бар мегиранд, ки имкон намедиҳанд суғуртаро ба маънои васеътар баррасӣ кунем. Ҳанӯз дар соли 1874 Леон Валрас суғуртаро ҳамчун дастгоҳи рафъи номуайяние, ки ба дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ хос аст, баррасӣ мекард [67, с. 126]. А. Вагнер бошад, суғуртаро аз байн бурдани муассисаҳои хоҷагидорӣ ё ҳадди ақал коҳиш додани оқибатҳои зарари ҳодисаҳои тасодуфии инфиродии ғайричашмдошт ба моликияти шахси воқеӣ маънидод мекард [56, с. 47]. Вобаста ба хусусиятҳои хоси суғурта Карл Маркс дар китоби худ «Капитал» чунин қайд намудааст: суғурта механизме мебошад, ки муқобили ҳодисаҳои ногаҳонӣ, зарурати рушди талабот ва васеъгардонии доимии ҷараёни такрористеҳсолро талаб менамояд [45, с. 908]. Карл Марк суғуртаро барои беҳтар намудани раванди фаъолияти корӣ дар корхонаҳо ва пешгирӣ аз омилҳои номатлуб дида баромада, онро омили асосии ҳифзи меҳнати кормандон донистааст. Ин механизм барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ҳавасмандии кормандон кумак хоҳад кард.

Саҳми олимони ватанӣ низ дар рушди суғурта хеле калон буда, дар ин самт корҳои илмӣ-таҳқиқотии зиёде анҷом дода шудааст. Доир ба мафҳуми суғурта олими соҳаи иқтисодӣ Искандари Сулаймон чунин қайд мекунад, ки: «...суғурта дар шароити иқтисоди бозорӣ на танҳо тарзи ҳимояи соҳибкорӣ аз ҳолатҳои фавқуллода, балки воситаи ҳимоя аз тағйиротҳои иқтисодӣ дар бозор маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, суғурта дар ин ҳолат алоқамандии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро байни иштирокдорони муносибатҳои бозорӣ танзим менамояд» [74, с. 38]. Олими дигари соҳаи иқтисодӣ Н. Шаропов суғуртаро ҳамчун «...фаъолияти иқтисодӣ фаҳмида, онро аз як тараф, ҳамчун маҳаки асосии ҳифзи некуаҳволии аҳолӣ ва тиҷорат ҳисобида, аз тарафи дигар, ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ, ки барои гирифтани фоида равона шудааст, баён намудааст» [53, с. 19].

Муҳақиқи соҳаи иқтисодӣ Ғ.Д. Ашуров суғуртаро ҳамчун муносибатҳои иқтисодие, ки бо мақсади ҳимояи манфиатҳои шахсиву амволии шаҳрвандон аз ҳодисаҳои нохуш ва дигар садамаҳои ғайричашмдошт ҳамчун фонди мақсадноки пулӣ таъсис ёфтааст, маънидод намудааст [57, с. 9]. Ин олим суғуртаро ҳамчун манфиатҳои иқтисодӣ ва барои ба даст овардани фоида маънидод намуда, манфиатҳои иҷтимоии суғуртаро сарфи назар намудааст.


Бархе аз олимони соҳаи иқтисодӣ, ба монанди Р.К. Рачабов, Ҳ.Н. Фақеров, М. Нурмаҳмадов, М.Ҳ. Саидова суғуртаро ҳамчун «...механизми иқтисодӣ маънидод намудаанд, ки тавассути он шахсони алоҳида ва муассисаҳо метавонанд хавфи холиси худро (дар алоқамандӣ нисбат ба зарари молиявӣ номуайян аст) ба дигар субъект ҳавола кунанд» [49, с. 207]. А. Ҷабборов бошанд, суғуртаро:

«...ҳамчун категорияи иқтисодӣ системаи муносибатҳои иқтисодиро оид ба маҷмӯи муносибатҳои сарбастаи азнавтақсимкунии иштирокчиёне, ки аз ҳисоби пардохти ҳаққи узвияташон фонди мақсадноки суғуртавӣ бунёд намуда, онро барои ҷуброни зарари эҳтимолии корхонаву ташкилотҳо ҳангоми сар задани ҳодисаҳои фавқуллода, инчунин барои таъминоти моддии шаҳрвандон ҳангоми ҷой доштани баъзе ҳодисаҳо дар ҳаёти онҳо истифода мекунад, ифода менамояд. Ба маънои дигар, суғурта тақсими зарари як суғурташуда байни ҳамаи суғурташудагон мебошад» [110, с. 24]. Дар ақидаи ин олимон низ мафҳуми пурраи суғурта инъикоси худро наёфтааст ва норавшанӣ дида мешавад.

Вобаста ба ақоиди муҳаққиқони болозикр муаллиф бар ин ақида аст, ки зарурати суғурта дар шароити иқтисоди бозорӣ пеш аз ҳама таҷассумкунандаи вазъи иҷтимоӣ буда, сараввал манфиатҳои шахсиро ҳимоя менамояд ва дар ҳамбастагии муносибати суғурташаванда ва суғуртакунанда ҳадафҳои иқтисодӣ низ ба миён меоянд.

Бояд қайд намуд, ки суғурта таиноти гуногун дошта, он вобаста ба объекти гузоришашон ба самтҳои алоҳида равона карда мешавад.

Пеш аз он, ки дар бораи самтҳои алоҳидаи суғурта сухан ронем, таснифоти суғуртаро пешниҳод менамоем, ки дар он суғурта ба соҳаҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Тибқи таснифоти (расми 1.1.) суғурта ҷудо карда мешавад ба: суғуртаи ҳатмии давлатӣ, суғуртаи шахсӣ, суғуртаи молиявӣ ва суғуртаи масъулияти шаҳрвандон, ки ҳар яке он дар навбати худ ба гурӯҳои алоҳида ҷудо карда мешавад.



Расми 1.1. - Таснифоти суғурта ва самтҳои тадбиқи он

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Вобаста ба объекти таҳқиқот дар диссертатсия самт таваҷҷуҳро ба суғуртаи тиббӣ зоҳир карда шудааст, ки он дар таснифоти овардашуда ба суғуртаи шахсӣ мансуб мешавад.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки дар равишҳои илмӣ ва адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми ягонаи он вуҷуд надорад. Тибқи таърифи Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, [23] суғуртаи тиббӣ ин сохтори маблағгузорие мебошад, ки ёрии таббиро таъмин намуда, сатҳи хавфҳои молиявиро барои суғуртакунандагон поин мебарад. Ба ақидаи Н. Климчук суғуртаи тиббӣ – сохтори ҳифзи молиявӣ мебошад, ки ҳангоми пардохти ҳақи хизматрасонии суғуртавӣ, дастрасиро ба ёрии табиӣ таъмин намуда, хавфи саломатиро мепушонад [80, с. 55].

Олими иқтисодӣ А. Левкович [82, с. 55] вобаста ба суғуртаи тиббӣ қайд меанмоянд, ки: ин як шакли ҳифзи иҷтимоӣ мебошад, суғурташавандаро бо захираҳои пулӣ ҳангоми бад шудани вазъи саломатиаш таъмин намуда, ёрии тиббиро низ муҳайё мекунад.

Олими амрикоӣ Дж. Морган [143, с. 327]. суғуртаи тиббиро ҳамчун шакли ҳифз аз хароҷотҳои ғаринавбатии молиявӣ дониста, ки ба воситаи он ҳама қишри ҷомеа метавонад ба ёрии тиббӣ, новобаста аз вазъи даромадашон дастарсӣ дошта бошад. Чи тавре, ки аз мафҳумҳои дар боло овардашуда бармеояд, олимон суғуртаи тиббиро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи системаи тандурустӣ медонанд, ки он бояд дар навбати худ натанҳо таъмини молиявӣ балки дастрасӣ ба хизматрасонии босифати тиббиро фароҳам овардат. Муҳаққиқони дигар бар он ақидаанд, ки суғуртаи тиббӣ метавонад на танҳо як ҷузъи молиявӣ буда, балки хидматҳои муайяни тиббиро пешниҳод мекунад ва ба

системаи нигоҳубини тиббӣ дар маҷмӯъ таъсири назарраси худро мерасонад. Вобасат ба ин, суғуртаи тиббиро метавон ҳамчун муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии байни суғуртакунанда ва суғурташаванда (бемор) ҳисобид, ки дар он субъект давлат, шахсони суғурташуда, корфармоён, муассисаҳои тиббӣ мебошанд, ки барои бадаст овардани манфиатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ баҳам омадаанд.

Дар асоси таҳқиқотҳо мафҳуми суғуртаи тиббӣ метовон аз рӯи LES-маълумот шаҳр дод, ки онро ба 3 ҷузъи муҳим ҷудо намуд, ки ҳар яки он хусусиятҳои хоси худро дошта, аз нуқтаи назари зерин иборат мебошанд:

- Ҳуқуқӣ (Law);
- Иқтисодӣ (Economic);
- Иҷтимоӣ (Segmental).

Вобаста ба нақтари назари аввал (Law) ҳаминро бояд қайд карда, ки суғуртаи тиббӣ, ҳамчун шакли муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар байни субъектҳо баҳисоб меравад, ки асоси онро манфиъатҳои молиявӣ ҳам барои суғуртакунанда, суғурташаванда, шахси суғурташуда ва ҳам барои муассисаи тиббӣ мебошад. Вобаста ба ин ақидаи олимон вобаста ба хусусиятҳои ҳуқуқии суғурати тиббӣ дар ҷадавали 1.1. оварда шудааст.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки суғуртаи тиббӣ ин шартномаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ байни байни иштирокчиён ба мақсади расонидани ёрии тиббӣ ва гирифтани манфиатҳои иқтисодӣ-молиявӣ мебошад. Шартномаи мазкур тарафҳоро муаззаф менамояд, ки уҳдадориҳои худро сари вақт иҷро намуда, хизматрасониҳоро дар роидари шартнома бе нигоҳ доштани фосилаи вақт иҷро намоянд.

Ҷадвали 1.1. - Мафҳуми суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ (Law)

МУҲАҚИҚОН	ШАРҲИ СУҒУРТА
О.О. Воронина [63, с.733]	Пешниҳоди кафолат ҳуқуқи гирифтани ёрии тиббӣ ба шаҳрвандон дар асоси маблағҳои ҷамъовардашуда.
О.Д. Вовчак, О.И. Завийская [37, с. 156]	Ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон дар сурати бо ягон сабаб гум шудани саломатиашон, ки бо ҷуброни хароҷоти шаҳрванди вобаста ба пардохти ёрии тиббӣ ва хароҷоти дигари вобаста ба нигаҳдории тандурустӣ.
Қонуни Ҷ. Т. «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷ.Т.» [6, с. 6]	Суғуртаи тиббӣ ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба онҳо хизмати сифатноки тиббию санитарӣ ва дигар хел хизмат расонида, бо маводи доруворӣ таъмин менамояд.
Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [3]	Суғурта дар асоси шартномаҳои амвол ё суғуртаи шахсӣ, ки байни шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ (суғурташаванда) бо ташкилоти суғурта (суғуртакунанда) баста шудааст, анҷом дода мешавад.
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”. [8, с. 36]	манфиатҳои молумулкии вобаста ба пардохти маблағ ҷиҳати ташкил ва расонидани ёрии тиббию доруворӣ (хизматрасонии тиббӣ) ва хизматрасонии дигари дар натиҷаи бад шудани саломатӣ ё ҳолати ҷисмонии шахси суғурташуда, ки ташкил ва расонидани чунин хизматрасонӣ, инчунин гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда, ки дараҷаи хатари ба ҳаёт ва саломатии шахси воқеӣ таҳдидкунандаро коҳиш медиҳанд ё онҳоро (суғуртаи тиббиро) бартараф мекунанд;
Н. Шаропов, Х. Норкулов	Онро метавон ҳамчун фаъолияти ҳифзи саломатии аҳолӣ, ки давлат бо мақсади расонидани ёрии тиббӣ дар ҳолати рух додани ҳодисаҳои суғурта аз ҳисоби маблағҳои ҷамъшуда амалӣ менамояд, муайян кард. [124, с. 111]
Энсиклопедияи фармасевтӣ	фаъолияти суғуртавӣ, ки ҳамчун системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ё аъзои оилаи онҳо

	ҳангоми бо ягон сабаб гум шудани саломатиашон муайян карда мешавад.
В.Ю. Стеценко	Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро барои ҳифзи манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ҳангоми гирифтани ёрии тиббӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, ки дар шартномаи суғурта ё қонунгузории амалкунанда аз ҳисоби маблағҳои суғуртавӣ, ки аз ҳисоби мукофотҳои суғурта ташаккул меёбанд, танзим мекунанд. [97, с. 597]
М. И. Каримов, Ш. Х. Собирова	Суғуртаи тиббӣ имкон медиҳад, ки хатари аз даст додани саломатӣ кам карда шуда, ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани ёрии тиббӣ амалӣ карда шавад.[81,с. 125]

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳо боло

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ суғуртаи тиббӣ дар шакли васеъ истифода мешавад, яъне аз як тараф ҳамчун сохтори иқтисодӣ ва аз тарафи дигар ҳамчун ҷузъи иқтисоди бозорӣ. Дар ин замина, суғуртаи тиббӣ натанҳо ҳамчун таъминкунандаи манфиатҳо байни суғуртакунанда ва суғурташаванда, балки ҳамчун механизми мустаҳками таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ба ҳисоб рафта, дар натиҷа таъсири мусбати худро ба иқтисодиёти кишвар ва системаи молиявии давлатӣ мерасонад. Хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ (economic) дар ҷадвали 1.2. оварда шудааст.

Ҷадвали 1.2. Мафҳуми суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ (Economic)

МУҲАҚИҚОН	ШАРҲИ СУҒУРТА
М.С. Болтаев	Суғуртаи тиббӣ ин- чуброни моддие мебошад, ки ба таксими зарари пешбинишуда ба ахолӣ аз руи хавфи беморӣ дар байни ҳамаи суғуртакунандагон (пардозандагон) ва шахсони сугурташуда асос ёфта-аст.[60, с. 381]
Ш.	Суғуртаи тиббӣ ин- хусусиятҳои муҳими мутақобила

Шамсуллозода	мебошанд, ки имкон медиҳад саҳмҳои фонди суғурта аз суғуртакунанда, интиқоли тавааккал аз суғурташавананда ба сугуртакунанда мебошад, ки имконияти аз нав таксим кардани маблағи фонди суғурта барои конеъ гардондани эҳтиёҷоти суғуртакунандагон муттаҳид карда шаванд.[123, с. 133]
А. А. Кудрявсев, Р. Г. Плам, Г. В. Чернова	Чернова бар он ақидаанд, ки суғуртаи тиббӣ як шакли мутобиқнамоии гардиши пули нақд аст, ки хатарҳои инфиродӣ барои унсурҳои алоҳидаи онро коҳиш медиҳад ва ба ин васила дастрасии истеъмол-кунандагонро ба хидматҳои дахлдор осон мекунад ва сатҳи муайяни сифати ин хидматҳоро кафолат медиҳад [44]
О. Губарь	Суғуртаи тиббӣ ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ ва воситаи татбиқи принсипҳои бозорӣ дар соҳа мебошад.[38, с. 23]
Н. Ногайчук	Системаи муносибатҳои иқтисодии байни суғуртакунанда, суғурташаванда ва дигар субъектҳои муносибатҳои суғурта, ки тибқи он суғуртакунанда бо пардохти мукофоти суғуртавӣ ба худ ё шахси дигар (суғурташаванда) ҳуқуқи гирифтани ёрии тиббиро (хизматрасониро) таъмин менамояд, агар хавфи суғуртавӣ дар объекти хифзи суғурта ва/ё пардохти он ба амал меояд ва суғуртакунанда захираҳои суғуртавиро ташкил ва ба таври муассир ҷойгир мекунад. Ва он тадбирхоеро, ки ба пешгирии ҳодисаи суғуртави ё кам кардани захираҳои манфии суғурта нигаронида шудаанд, маблағгузори мекунад. Оқибатҳо ва манфиатҳои суғурташудагонро дар муносибатҳо бо расонидани ёрии (хизматрасонии) тиббӣ намояндагӣ ва ҳимоя мекунад.[47, с. 22]
Т. Стецюк	Системаи муносибатҳои иқтисодии байни иштирокчиёни ташкили фондҳои пулӣ, ки барои таъмини ҳифзи суғуртаи манфиатҳои амволии шахрвандон вобаста ба талафоти саломатӣ пешбинӣ шудааст. [52, с. 18]

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳо боло

Воста ба иқидаҳои олимони дар боло овардашуда ҳаминро бояд қайд кард, ки суғуртаи тиббӣ ин механизми молиявӣ-иқтисодӣ буда, барои беҳтар намудани вазъи моливии шаҳрванд ва ҳивзи саломатии онҳо хизмат менамояд.

Мақсади асосӣ аз он ба шаҳрвандон дар сурати фаро расидани ҳодисаи суғурта кафолати гирифтани ёрии тиббӣ аз ҳисоби маблағҳои ҷамъшуда ва маблағгузории тадбирҳои пешгирикунанда, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми суғуртаи тиббиро дар шакли маҳдудаш ҳамчун як намуди суғуртаи шахсӣ баррасӣ мешавад, ки он кафолат додани имкониятҳои баробар барои гирифтани кӯмаки тиббии дастрас ва муносиб барои ҳамаи шаҳрвандон, вале пеш аз ҳама барои қишрҳои аз ҳама камтар ҳифзшавандаи аҳолӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, оид ба хусусияти суғуртаи тиббӣ ба воситаи объекти суғуртаи иҷтимой фикру мулоҳизахои асоснок мавҷуданд. Вобаста ба ин, дар ҷадвали 1.3. хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари иҷтимоӣ (Segmental) оварда шудааст.

Ҷадвали 1.3. – Муносибатҳои сегментивӣ вобаста ба мафҳуми суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари иҷтимоӣ (Segmental)

МУҲАҚИҚОН	ШАРҲИ СУҒУРТА
Ш. Шамсуллозода	Суғуртаи тиббӣ танҳо стандарти ҳадди ақали иҷтимоӣ барои расонидани ёрии тиббӣ мебошад, яъне ин минимуми кафолатноки ёрии бепули тиббӣ мебошад, ки дар мавридҳои зарурӣ таъмин карда мешавад. [123, с. 133]
Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад. [5, с. 135]
Қонуни Ҷ.Т.	Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ низоми навъҳои

Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ	азҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи беморӣ, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пирӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад.[7,]
В.Д. Базилевич	Шакли суғуртаи шахсӣ, ки ба шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои ҷамъшудаи суғурта гирифтани ёрии тиббиро ҳангоми фаро расидани ходисаи суғурта кафолат медиҳад.[35, с. 374]
С.С.Осадец	Намуди суғуртаи шахсӣ, ки бо ҷуброни хароҷоти шаҳрвандон вобаста ба гирифтани ёрии тиббӣ, инчунин хароҷоти дигаре, ки ба нигоҳдории саломатӣ нигаронида шудааст.[48, с. 599]
М. И. Каримов, Ш. Х. Собирова	Як кисми сугуртаи ичтимой, ки аз кафолат додани имкониятхои баробари гражданинхо барои гирифтани ёрии тиббй ва фармасевтй иборат аст.[81, с. 125]
Ф Н. Икромов, А.Ю. Юнусов, С.С. Саймуртазоев	Сугуртаи шахсии шахрвандон, ки объекти он манфиатхои шахсии вобаста ба хаёт ва саломати мебошад.[40, с. 194]

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳо боло

Вобаста ба хусусиятҳои хоси суғуртаи таббӣ аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ҳаминро бояд гуфт, ки ин низоми кафолатноки ҷуброни аҳолӣ ҳангоми оқибатҳои хавфи иҷтимоии маҳз марбут ба маъюбӣ ва гум кардани қобилияти корӣ мебошад, ки дар асоси пардохтҳои суғуртавии корфармоён ва кормандон асос ёфта, танҳо ба шахсоне дахл дорад, ки ҳаққи суғуртавиро пардохт кардаанд.



Расми 1.2. Принсипҳо ва самтҳои назаривии низоми суғуртаи тиббӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Вобаста ба ин, он ҳамчун низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон оид ба таъминоти моддӣ дар ҳолатҳои муайяни муқаррарнамудаи қонун амалӣ мегардад.

Самтҳои асосии суғртаи тиббӣ ва принсипҳои ташаккули он дар расми 1.2. оварда шудасст. Объекти асосии суғуртаи тиббӣ ин саломатии суғурташудагон дар асоси шартномаи дуҷониба мебошад. Мавзӯи суғуртаи тиббӣ ҳамчун таваккали суғуртае муайян карда мешавад, ки бевосита ба хароҷоти расонидани хадамоти табобатӣ ва ташхисӣ дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғурта алоқаманд аст. Дар баробари ин, хавфҳои суғурта бемориҳои шахси суғурташуда мебошанд.

Ҳадафҳои суғуртаи тиббӣ аз инҳо иборатанд:

- баланд бардоштани вазъи молиявии аҳолӣ;
- нигоҳ доштани сатҳи тандурустии аҳолӣ;
- беҳтар шудани сатҳи хизматрасониҳои тиббӣ;
- вазифадор намудни корфармоён барои ҳифзи соломии кормандон;
- нигоҳ доштани саломатии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳои тиббӣ;
- беҳтар намудани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои тиббӣ;
- коҳиш додани хароҷоти хонаводаҳо аз ҳисоби сарфаи маблағ барои нигаҳдории тандурустӣ;

идоракунии сифатноки хизматрасонии тиббию санитарӣ ва таъминот бо доруворӣ дар низоми суғуртаи тиббӣ бо иштироки васеъи аҳолӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ.Бояд гуфт, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» суғуртаи тиббӣ дар ду шакл амалӣ карда мешавад:

суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ. Суғуртаи ҳатмии тиббӣ шакли бартаридоштаи суғуртаи тиббӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ мебошад. Мақсади асосии он ҷамъоварии маблағҳои суғуртавӣ барои расонидани ёрии босифати тиббӣ ба ҳамаи шаҳрвандон дар тибқи шартҳо ва ҳаҷми кафолатдодашуда, ки қонун ва шартномаи суғурта муайян кардааст, мебошад. Он инчунин унсури асосии системаи ҳифзи иҷтимоии ҳифзи саломатии шаҳрвандон баҳисоб меравад. Суғуртаи ихтиёрии тиббӣ бошад бо хоҳиши шаҳрвандон ва суғуртакунандагон дар асоси шартномаи дутарафа бо ширкатҳои суғуртавӣ барои пешгири аз хавфҳои ба саломати таъсиррасон ва баланд бардоштани вазъи молиявии суғурташаванда анҷом дода мешавад.

Дар ин замина, аз тафовут байни суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ вобаста ба самтҳои фарогирии онҳо дар ҷадвали 1.4. оварда шудааст. Аз маълумоти ҷадвали 1.4. дида мешавад, ки байни суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ тафовутҳои зиёд ҳам дар самти фарогирӣ ва ҳам дар самти субъект ва объкти суғурта ба чашм мерасад. Дар шароити имрӯза ҳар як шаҳрванд дар баробари суғуртаи ҳатмии тиббӣ метавонат суғуртаи ихтиёрии тиббиро низ гирад, ки ин пардохти хизматрасониҳои тиббиро дар ҳаҷми зиёдтар аз ҳаҷми пешбининамудаи барномаи ҳатмӣ кафолат медиҳад. Ин намуди суғурта дар аксари кишварҳои ҷаҳон вуҷуд дорад.

Ҷадвали 1.4. - Тафовути суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ

САМТҲО	**ХУСУСИЯТҲОИ ФАРҚКУНАНДА**	
	Суғуртаи ҳатмии тиббӣ	Суғуртаи ихтиёрии тиббӣ
Таснифоти суғуртаҳо	- яке аз шаклҳои суғуртаи иҷтимоӣ;	- яке аз шаклҳои махсуси суғурта

Шумораи суғуртакунандагон	- фарогири ҳама шаҳрвандон аст;	- фарогири шахсони ихтиёрӣ дар доираи шартнома
Шакли танзими ҳуқуқӣ	- тибқи қонунҳои амалкунанда идора карда мешавад;	- бо қонунгузории амалкунандаи граждани ва қонунгузории махсуси суғурта танзим карда мешавад.
Субъекти суғурта	- чун қоида, онҳо аз ҷониби суғуртакунандагони давлатӣ ва суғуртакунандагон амалӣ карда мешаванд - инҳо корфармоён ва мақомоти давлатӣ мебошанд.	- аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ ва шахсони ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад - инҳо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд.
Тартиби муқаррар намудани шартҳои суғурта.	- аз ҷониби давлат муайян карда мешавад;	- аз ҷониби ширкатҳои суғуртаи тиҷоратӣ бо розигии мақомоти назорати суғурта муайян карда мешавад.
Сарчашмаҳои маблағгузорӣ	- аз ҳисоби корфармоён ва буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад.	- аз ҳисоби даромади шахсии шаҳрвандон ва корфармоён мебошад.
Ҳаҷми пардохти суғурта	-ҳаҷми ҳадди ақали хизматрасонӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ тасдиқ шудааст.	-барномаи суғурта ва ҳаҷми хизматрасониҳо бо қоидаҳо ва шартномаи суғурта муқаррар карда мешавад.

Назорати сифати хизматрасонии тиббӣ	- СҲТ-назорат аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад.	-системаи назорати сифатро шартномаи суғурта муқаррар мекунад.


Сарчашма: таҳияи муаллиф

Суғуртаи тиббӣ мисли дигар навъҳои суғурта, байни хатарҳои суғуртавӣ ва ҳодисаҳои суғуртавӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, бемории шахси суғурташуда хатари суғурташаванда буда, дастрасии бевоситаи ӯ ба хизматрасонии тиббӣ ва гирифтани хизматрасонии тиббӣ ходисаи суғурташуда мегардад. Бар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем бо итминон бигӯем, ки мавҷудияти суғуртаи тиббӣ барои тамоми ҷаҳони мутамаддин ҳатмист, зеро танҳо тавассути он мо метавонем маблағгузории соҳаи тандурустиро дар сатҳи зарурӣ таъмин кунем ва дар натиҷа чизи арзишмандтаринро яъне саломатӣ ҳифз кунем.

Мавҷудияти ин ду навъи суғурта аз он шаҳодат медиҳад, ки суғуртаи тиббиро чи дар доираи суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва ё дар доираи суғуртаи ихтиёрӣ ҳисоб кунем. Аммо сарфи назар аз он, ки мавҷудияти ин ду навъ боиси мавҷудияти баъзе хусусиятҳои субъектҳои суғурта ва шартҳои ҳифзи суғурта мегардад, моҳият ва мақсади иҷтимоӣ-иқтисодӣ-ҳуқуқии суғуртаи тиббӣ тағйир намеёбад.

Принсипҳои тадбиқи суғуртаи тиббиро вобаста ва функсияҳои амалкунандаи он дар (расми 1.3.) инъикос инъикос карда шудааст, ки он аз 2 самти асоси иборат мебошад: принсип ва функсияҳои суғуртаи тиббӣ. Дар доираи принсипҳо овардашуда дар маркази асоси хавфҳои суғуртавӣ мебошад, ки он дар суғуртаи тиббӣ нисбат ба дигар навъҳои суғурта зиёдтар ба чашм мерасад.

Бояд қайд намуд, ки дар расми боло принсипҳои асосии суғуртаи тиббӣ бо самтҳои фарогирии онҳо оварда шудааст, ки принсипҳои суғурта дар муаяйн намудан ва танзими муносибатҳо байни субъект ва объекти суғурта нақши каилиди дошта, самтҳои ҳуқуқӣ ва молияии низоми суғуртаи тиббиро танзим менамояд.



Расми 1.3. – Суғуртаи тиббӣ ва принсипҳои асосии амалишавии он

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Аз ин рӯ, принсипҳое, ки дар фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ муқаррар шудаанд ва ба суғуртаи тиббӣ, ки яке аз намудҳои он мебошад, алоқаманданд. Принсипи асосӣ барои суғурташаванда ин ҷуброни зарар мебошад, ки бояд ташкилоти суғуртавӣ тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳангоми бад шудани вазъи саломатӣ барои пӯшонидани зарари суғурташуда расонида пардохт менамояд. Ин омил боиси сарфа шудани маблағҳои буҷаи хонаводаҳо гашта, ба беҳтар шудани вазъи молиявии ҳар як оилаи суғурташуда кӯмак менамояд. Зеро ҳаҷми маблағи суғуртавӣ дар суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ҳангоми ҷуброн (мукофоти суғуртавӣ) аз 3 % то 10 % аз маблағи суғуртавӣ зиёд дар давоми сол пардохт карда мешавад. Ин нишондиҳанда дар ширкатҳои суғуртавии ватанӣ ба таври гуногун роҳандозӣ карда шудааст, ва он самтҳои хизматрасонии тиббиро дарбар мегирад.

Хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ, ки дар боло зикршуданд, бояд гуфт, ки дар сурати умумӣ, ҳам суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва ҳам суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, барои ноил шудан ба як ҳадафҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ- иҷтимоӣ муҳим хизмат мекунад, аз қабили:

- ба шаҳрвандон (шахсони воқеӣ) аз ҳисоби маблағҳои дар ташкилоти суғурта ҷамъшуда ё дар фондҳои махсус ҷамъшуда таъмин намудани ёрии тиббии босифат (дар ин ё он ҳаҷм);
- беҳтар намудани ваъи молиявии муассисаҳои тиббӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ;
- таъмини маблағгузории тадбирҳои пешгирикунанда дар доираи фаъолияти муассисаҳои табобатӣ;
- беҳтар шудани вазъи молиявии хонаводаҳо ва дастрасии онҳо ба хизматрасонии босифати тиббӣ;

- таъмини тадбирҳои дастгирии иҷтимоии категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон дар сурати эҳтиёҷоти объективии онҳо ба ёрии иловагии тиббӣ ё фармасевтӣ;
- таъмини иқтидори иловагии сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёт тавассути тақсимоти маблағҳои аз ҷониби ташкилотҳои суғуртакунанда дар бозори молиявӣ ҷамъшуда.

Ҳаминтариқ, суғартаи тиббӣ дар шароити гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ механизми асосии таъмини маблағгузории аҳолӣ дар ҳолати пайдо шудани хавҳои беморӣ баҳисоб меравад. Рушди бозори суғуртаи тиббӣ ба баланд шудани маърифати молиявии аҳолӣ мусоидат намуда, вазъи молиявии хонаводаҳо ва муассисаҳои тиббиро беҳтар мегардонад. Ин дар навбати худ ба рушди иқтисод ва сармоягузорӣҳо ба дигар соҳаҳои иқтисодӣ аз ҳисоби маблағҳои барзиёди ширкатҳои суғуртавӣ оварда мерасонад. Моҳияти суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббиро ҳамчун объектҳои бозори суғуртаи тиббӣ баррасӣ намуда, марҳила ба марҳила тадбиқи низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар ҳама сатҳи қишрҳои ҷомеа бояд амалӣ намуд.

Дар маҷмуъ, дар асоси зербоби мазкур чунин хулоса ва пешниҳодҳо намудан мумкин аст:

1. Суғуртаи тиббӣ ҳамчун омилии муҳимтарини ҳифзи обективии ҳам давлат ва ҳам ҷамъият баҳисоб меравад. Бояд самтҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлат, ки ба рушди иқтисодии ҷамъият, баланд бардоштани некуаҳволӣ ба инобат гирифта, дар навбати худ муҳити рушти иҷтимоӣ муҳайё карда шавад. Самтҳои назаривии мафҳуми суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ оварда шуда, ки он метавонад ҳамчун ташакул барои хусусиятҳои LES-маълумот

истифода шавад. Дар асоси таҳлили адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ маҳуми суғуртаи тиббӣ пешниҳод карда шудааст, ки он ҳамчун суғуртаи шахсӣ, ки аз бастани шартнома барои манфиатҳои суғуртакунанда амалӣ карда шуда, барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ бо пардохти ҷуброни зарар равона карда мешавад. Аз тарафи дигар он рушди маблағгузории муассисаҳои тиббиро аз ҳисоби маблағҳои ҷамъоваришуда ва пардохти ҷумрони зарар хуб мегардонад;

2. Дар асоси таҳлилҳои адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми асосии баланд бардоштани сатҳи солимии аҳолӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявии оилаҳо нишон дода шудааст. Рушди суғуртаи тиббӣ метавонад якчанд хусусиятҳои масбат барои оилаҳо ба бор овард, ки муҳимтарини он сарчашмаи иловагии малбағ барои хизматрасонии тиббӣ ва дастрасӣ ба ёрии тиббӣ босифат дар шароити имрӯза мебошад, ки ҳамарӯза бемориҳои гуногун хуруҷ карда истодааст ва суғуртаи тиббӣ кафолати асосии аз расонидани ёрии тиббӣ ва маводҳои дорӯворӣ дар муҳити хона мебошад. Лекин, мутасифонаи низоми суғуртаи ихтиёрии тибӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хело суст рушд карда истодааст, ки барои беҳтар шудани вазъ, такмил ва таҷдиди ин низом ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоиро тақозо менамояд. Муҳим он аст, таҷдиди низоми суғуртаи тиббӣ бояд маблағгузории соҳаи тандурустиро хуб, ва сатҳи хизматрасониҳои тиббиро бамаротиб беҳтар гардонад. Агар аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ таъмин карда нашавад, дар ин замина мушкилоти асосии кадрӣ дар иқтисодиёт ба вуҷуд меояд.

1.2. Асосҳои методологии таҳлил ва арзёбии суғуртаи тиббӣ

Сарфи назар аз аҳамияти баланди рушди соҳаи тандурустӣ барои иқтисодиёти миллӣ, масъалаҳои ҳаҷми зарурии захираҳои ба он ҷудошуда, ҳиссаи онҳо дар маҷмӯи маҳсулоти миллӣ дар якҷоягӣ бо баҳодиҳии самаранокии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳанӯзҳам пурра омухта нашуда, ба қадри кифоя инкишоф наёфтаанд.

Дар айни замон сатҳи ҷузъи хизматрасонӣ ба як нишондиҳандаи нави арзёбии сифати хизматрасонии тиббӣ ва самаранокии фаъолияти ташкилотҳои тиббӣ дар маҷмуъ табдил ёфтааст. Ин мушкилот таҳти назорати мақомоти қонунгузор қарор дорад ва дар байни тадқиқотчиёни мактабҳо ва самтҳои гуногуни илмӣ таваҷҷуҳи бетағйирро ба вуҷуд овардааст.

Дар робита ба ин, ҳангоми баррасии тарҳрезии таҳқиқоти инфиродӣ оид ба технологияҳои арзёбии самаранокии суғуртаи тиббӣ ва соҳаи тандурустӣ, ҳам аз нуқтаи назари ба даст овардани натиҷаҳо ва ҳам аз нуқтаи назари рушди стратегӣ, зарурати умумӣ ва ба низом даровардани системаи маълумотии ягонаи иттилоотию таҳлилӣ ба миён меояд.

Вобаста ба ин, дар шароити кунунӣ дар адабиётҳо равишҳои гуногунии арзёбии суғуртаи тиббӣ ва самаранокии он во мехуранд, ки ҳар яке онҳо аз хусусиятҳои махсус бархурдор мебошанд. Равандҳои методологии таҳлил ва арзёбии системаи суғуртаи тиббӣ дар корҳои як зумра олимони рус, ба монанди А.Д. Рыжаков, А.В. Березников, А.М. Лебедева, М.Е. Промин, Ю.О. Онуфрийчук [91, с. 30], Е.Е. Чупандина, О.А. Эригова [108, с. 269], В.И. Стародубов, Т.А. Ефремова, Н.В. Коробов, Л.А. Лошаков 94, с. 4] ва

олимони тоҷик Р. К. Раҷабов, Ғ. Д. Ашуров [90] ва Ҳ.Н. Фақеров мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Аз нуктаи назари иқтисодӣ низоми суғуратаи тиббӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ як ниҳоди институтсионӣ маҳсуб мешавад, ки барои пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ бо роҳи бастани шартномаи дуҷониба амалӣ менамоянд. Дар доираи ин шартнома шарти асосӣ пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ва ёрии тиббӣ мебошад, ки ба суғурташаванда пешниҳод карда мешавад. Дар амалия 2 шакли пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ амал мекунад, ки ин ҳам: хизматрасониҳои тиббии самаранок ва ғайрисамаранок мебошанд.

Дар адабиётҳои илмӣ ва таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ самти таъсири суғуртаи тиббӣ ба самаранокии хизматрасонии тиббӣ во мехуранд. Дар баробари ин, имрӯз баъзе паҳлуҳои он дар кори олимонӣ хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Олимон [152, с. 13], [156, с. 249], дар таҳқиқоти худ қайд мекунанд, ки самаранокии хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи нақшаи суғуртаи тиббӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Зеро, рушди низоми суғуртаи тиббӣ аз хизматрасониҳо вобастагӣ дорад, ки ақидаи олим дар ин самт гуногун буда, онҳоро ба 5 гурӯҳ ҷудо менамоем.

Як қатор таҳқиқотҳо бар он назаранд, ки суғуртаи тиббӣ ба самаранокӣ ва беҳтар шудани хизматрасониҳои тиббӣ алоқамандии калон доранд. Олимон Д. Перес, А. Энг, В.А. Вега [147, с. 555], сатҳи қабули суғуртаи тиббӣ ва нақши дар баланд бардоштани сатҳи солимии аҳолиро дар аҳолии Америкаи лотинӣ санҷида, ба хулосае омаданд, ки шахсони суғурташуда саҳми суғуртаро дар баланд бардоштани хизматрасониҳои тиббӣ баланд арзёбӣ намуданд (81% -

пурсидашудагон баҳои аъло доданд). Олимони дигар Х. Нгуен, Й. Раджкотия, Х. Ванг [144, с. 12] қайд намудаанд, ки шахсони суғурташуда дар Гана нисбат ба шахсони суғуртанашуда хароҷоти камуналии камтар дошта, сарфаи маблағ аз ҳисоби хизматрасонии тиббӣ зиёд мебошад.

Гуруҳи дуюми олимон бар он назаранд, суғуртаи тиббӣ ба сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва сифати ёрии тиббӣ таъсири манфӣ мерасонад. П.А. Далинджонг, А.С. Лаар [134, с. 13] дар раванди таҳқиқоти худ маълум намудаанд, ки маълум намудаанд, ки суғуртаи тиббӣ вобаста ба интизории зиёди суғурташудагон дар беморхонаҳо, тахшисҳои нодурсут ва муомилаи нодурусти табибон ба ин қишри муштариён, таъсири мусбат мерасонад. Ин ба он рабт дода мешавад, ки суғурташудагон ҳақи хизматрасонии тиббиро на аз ҳисоби ҷайби худ балки бо роҳои пардохти ғайринақди аз ширкатҳои суғуртавӣ дар баъзе ҳолатҳо бо таъхир андохтани хақи пардохт мебошад.


Гурӯҳи 3-юми олимон бар он назаранд, ки сифати хизматрасонӣ метавонад дар як муассисаҳои тиббӣ байни шахсони суғурташуда ва шахсони суғуртанашуда аз руи хислати расонидани ёрии тиббӣ фарқ мекунад. Олимон П.Дж. Робин, Р. Зауэрборн, Т. Бернигхаузен [148] дар таҳқиқоти худ исбот намуданд, ки хизматрасонии тиббӣ дар як беморхонаи Нуна дар Буркина-Фасо мушоҳидашаванда ба шахсони суғурташуда ва шахсони суғуртанашуда як буда, фарқият дида намешуд. Муносибати маъмурияти беморхона, низ ба шахсони суғурташуда дигар мебошад. Дар бисери аз давлатҳои ҷаҳон ба шахси суғуртанашуда хизматрасониҳои тиббӣ пешниҳод карда намешавад.

Гурӯҳи чоруми таҳқиқотҳо ва олимон ба он назаранд, ки суғуртаи тиббӣ ба сифати хизматрасониҳои тиббие, ки бемор мегирад таъсир намерасонад. Пажуҳиши олимон Дж. Буше [145], П. Далал, П. Мьясудхакар, Дж. Мордуч, Р.Радермахер, ки дар беморхонаҳои Ҳиндустон гузаронидаанд, нишон дод, ки доштани суғурта ба сатҳи сифати расонидани ёрии тиббӣ ба шахси суғурташуда таъсири ҷиддӣ намерасонад. Вале, таҳқиқоте [145, с. 92], ки дар Гана гузаронида шудааст, бар акси он яъне 50%-и пурсидашудагон иброз доштанд, ки хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ беҳтар шудааст.

Панҷум гуруҳи муҳақиқон [139, [130, с.172] ба он ақидаанд, ки сатҳи сифати пасти хизматрасонии тиббӣ метавонад ҳам ба шахсони суғурташаванда ва ҳам ба фаъолияти муассисаи тиббӣ таъсири мусбат расонад. Дар ин замина шахсони суғураташаванда ба монеъаҳои бақайдгирӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ дучор мегарданд.

Вобаста ба гуфтаи олмони хоҷӣ дар самти таъсири сатҳи сифати хизматрасонии тиббӣ ба низоми суғурати миллӣ ва арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари функсионалии ва институтсионалии дар расми 1.4. оварда шудааст.

Нақши асосиро дар ин нақша стандартикунонии раванди хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ ва мустаҳқам намудани низоми институтсионалӣ байни ниҳодҳои мавҷуда мебошад, ки дар ин раванд ҳар як ниҳод бояд вазифаи худро ичро намояд. Чуноне, ки дар боло оварда шудааст, сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва раванди идора намудани менеҷменти сифат дар муассисаҳои тиббӣ ба рушди низоми суғуртаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ оварда мерасонад.



Расми 1.4. - Равишҳои функсионалӣ-методологии арзёбии системаи суғуртаи тиббӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Идоракунии фаъолияти суғуртаи тиббӣ на аз ҷониби ягон субъект ё агенти алоҳида, балки худтанзим буда, фаъолияти он ба таври системавӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, агар бигӯем, ки сифати вақтҷудокунӣ, танзим ва идоракунии низоми суғуртаи тиббиро сифат, самаранокӣ ва дастрасии ёрии тиббӣ ва доруворӣ муайян мекунад, дуруст нест.

Илова бар ин, бояд дарк кард, ки сифат дар аксари мавридҳо категорияи субъективии таҳлилӣ ва арзёбӣ мебошад. Дар агрегатҳои хурд нишондиҳандаҳои сифатро бо

қиматҳои тамоман муқобил тавсиф кардан мумкин аст [103]. Олимон [59, с.237] бар он иқидаанд, ки барои арзёбии дурусти низоми суғуртаи тиббӣ маълумотҳои оморӣ ва таҳлилии зиёд лозим аст, ки то натиҷаҳои дуруст ба даст оварда шавад. Бояд гуфт, ки рушди технологияи инноватсияонӣ ва рақамикунонии раванди фаъолият дар муассисаҳои тандурустӣ барои нишондиҳандаҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои тиббӣ шароит фароҳам меоварад. Бо баробари амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ дар низоми тандурустии мамлакат тадбиқи суғуртаи тиббӣ низ рушд хоҳад намуд. Вобаста ба ин, сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва равишҳои методологии арзёбии самаранокии онҳо бо дарназардошти технологияи рақамӣ ва пешниҳои хизматрасониҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд.

Муносибатҳои методологӣ вобаста ба пешниҳоди хизматрасонии тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ ва арзёбии самаранокии онҳо дар доираи ченаки муайян иконият медиҳад, ки низоми суғуртаи миллӣ ва равандҳои рушди он дар бозори суғуратвӣ мариди омӯхиш ва таҳқиқ қарор дода шавад. Дар ин раванд нишондиҳандаҳое, ки барои арзёбии суғуртаи тиббӣ истифода бурда мешавад, дар онҳо тамоюли тағирёбӣ дида мешавад, ки ин сади роҳи баровардани натиҷаи дуруст мегардад. Аз ин рӯ, равиши сифатӣ-методологӣ имкон медиҳад, ки дарки низоми суғуртаи тиббӣ ва манфиатҳои он аз тарафи шаҳрвандон ва суғурташудагон дуруст қабул карда шавад.

Дар баробари усулҳои арзёбии сифатии суғуртаи тиббӣ дар шароити кунунӣ усулҳои дигари арзёбии суғуртаи тиббӣ дар низоми суғурта мавҷуд аст, ки он ҳамчун усулӣ маркетингӣ ё бозорӣ шинохта шудааст. Ин усули арзёбӣ аз

ҷониби муаллифон [94, с. 4], [70, с. 5], [108, с. 269], [112, с. 50] барои низоми суғуртаи тиббӣ пазируфта шуда, ақидаи онҳо нисбат ба принсипҳои суғуртаи тиббӣ дар низоми суғуртаи миллӣ либералӣ мебошад. Дар шароити иқтисоди иқтисоди бозорӣ муносибат ба арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ хело ҳасос мебошад. Инҷо дар раванди роҳандозии суғуртаи тиббӣ муносибатҳои демократӣ ва ё озод роҳандозӣ карда шудааст. Дар ИМА муносибатҳои бозорӣ азсоси низоми суғуртаи тиббиро ташкил медиҳад. Ин низом барои ИМА имконият фароҳам овард, ки шаҳрвандон барои ҳифзи саломатии худ кушиш намуда, масъули шахсии худро дар самти нигоҳдории саломатии худ мустаҳкам карда шавад. Дар баробари бурдбориҳо ин низом дорои баъзе нуқсонҳо мебошад, аз қабили:

- гарон будани арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ба шаҳрвандон;
- дастрас набудани хизматрасониҳои босифати тиббӣ барои ҳама қишрҳои ҷомеа;
- қобилияти хародорӣ надоштани полиси суғуртавӣ қишри камбизоати ҷомеа ва ғайра.

Дар ин ҷо, арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ аз қаноъатмандии суғурташудагон аз пешниҳоди хизмат-расониҳои тиббӣ дар доираи пулиси суғуртавӣ зоҳир мегардад. То кадом андоза низми институтсионалии суғуртавӣ фаъолияти худро барои қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон равона менамоянд, аз сатҳи пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ, ёрии аввалияи тиббӣ дар беморхонаҳо ва қаноъатмандии суғурташудагон маълум магардад. Дар ин замина, ташкилотҳои суғуртавӣ ба муассисаҳои тандурстӣ бояд ҳамкориҳои густурда дар самти

пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ба суғурташудагонро роҳандозӣ намоянд. Муносибатҳои маркетингӣ барои арзёбии низоми суғуртаи миллӣ дар расми 1.5. оварда шудааст.



Расми 1.5. - Муносибати методологии маркетингӣ ба арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар доираи нақшаи овардашуда, арзёбии маркетингии низоми суғуртаи тиббӣ бо дарназардошти танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ ва танзими бозори суғуртавӣ мебошад. Дар ин замина, барои рушди минбаъдаи бозорӣ, беҳтар намудани сатҳи сифати хизматрасониҳои тиббӣ нақши суғуртаи тиббӣ хело калон мебошад. Равишҳои маркетигӣ, ки барои сатҳи тамоюли муштарӣ (тарафи пешниҳод) ва сатҳи қаноатмандӣ (тарафи талабот) нигаронида шудааст, самти

арзёбии об даромаднокӣ ва фоиданокии иқтисодии суғуртаи тиббӣ дарбар намегирад.

Бинобар ин, арзёбии он ва баровардани хулосаи мушахасс дар даираи арзёбӣ душвор мебошад. Ба ибораи дигар равишҳои маркетингӣ сатҳи рақобатпазирии ширкатҳои суғуртавиро дар бозори суғуратаи миллӣ баҳри қонеъ гардони талаботи истеъмолкунандагон дар бар мегирад. Вобаста ба ин бояд гуфт ки «..қаноатмандии суғурташудагон ин эҳсоси дарки субъективии онҳо аз ҳама гуна амалҳо (молҳо, хизматрасониҳо) дар асоси фаҳмиши мувофиқати ин амалҳо (молҳо, хизматрасониҳо) ба ниятҳои онҳо мебошад» [73, с. 44]. Аз ин ҷост, ки сатҳи қаноатмандии суғурташудагон пешниҳоди аз хизматрасонии тиббӣ ва ёрии тиббии босифат дар доираи суғуртаи тиббӣ аз дарки масъулияти ширкатҳои суғуртавӣ дарак медиҳад. Дарвоқеъ, сатҳи қаноатмандиии суғурташудагон боиси рушди низоми суғуртаи миллӣ гардида, таваҷҷуҳи бештари аҳолиро ба низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ баланд мебардорад.

Мусаллам аст, ки равиши маркетингӣ ба таҳлил ва арзёбии ҳолат ва тамоюлҳои рушди низоми суғуртаи тиббӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ва ёрии авалияи босифати тиббӣ, омӯзиши бозори суғуртавӣ идомадиҳандаи равиши сифатӣ-функсионалӣ маҳсуб мешавад. Аммо дар баробари ин, равиши маркетингӣ ба баррасии ҳадафи пешбинишудаи низоми суғуртаи тиббӣ, аҳамияти иҷтимоии онҳо камтар майл дорад.

Усули дигаре, ки дар раванди арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ маъмул аст, ин усули иқтисодӣ мебошад, ки бо ёрии механизмҳои иқтисодӣ рушди бозори суғуртаи тиббӣ танзим ва раванди самаранокии фаъолияти он арзёбӣ карда мешавад.

Усули иқтисодии арзёбии суғуртаи тиббӣ равише ба ҳисоб меравад, ки самарнокии хизматрасонии тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ, раванди ҷудо намудани ҷуброни суғуртавӣ ба суғурташаванда, даромаднокии ширкатҳои суғуртавӣ ва молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ ва амбулаториро фаро мегирад. Дар маҷмуъ, усули иқтисодии арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ натанҳои ҷиҳат мустақим ва ғаримустақими самаранокии низи суғуртаи тиббиро дарбар мегирад, ҳамзамон арзёбии омилҳо, хавфҳо ва таҳдидҳо дар раванди суғуртаи тиббӣ бавуҷудомадаро дар бар мегирад.

Агар усулҳои маркетингӣ ва сифатӣ-функсионалӣ ба арзёбии сифати хизматрасониҳо ва раванди қаноъатмандии истеъмолкунандагон ва суғурташудагонро дарбар гирад пас усули иқтисодӣ ҳама самтҳои фаъолияти низоми суғуртаи тиббӣ аз расонидани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, даромаданокии моливии суғурташудагон, самаранокии суғуртаи тиббӣ, раванди молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ ва дигар паҳлуҳои онро арзёбӣ менамояд. Ҳамзамон, усули арзёбии иқтисодии низоми суғуртаи тиббӣ омилҳои ба раванди ҷалби суғурташавандагон ба низоми суғуртаи тиббиро низ дарбар мегирад, ки ин усул аз усулҳои дигари дар боло овардашуда, ҳангоми арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ ва самаранокии он барои истеъмолкунандагон муфид мебошад.

Дар ин ҷо самаранокии иқтисодии суғуртаи тиббӣ ҳамчун арзиши умумии маҳсулот ва ё хизматрасонӣ дар муқоиса ба арзиши умумии хизматрасониҳои фаъмида шавад. Моҳияи самаранокии суғуртаи тиббӣ ба суғурташудагон аз маърифати молиявии истеъмолкунандагон вобастагии калон дорад. Зеро бояд ҳар як истеҳмолкунандаи хизматрасониҳои суғуртавӣ

дарк намояд, ки суғуртаи тиббӣ дар шароити иқтисодӣ бозорӣ роҳи асосии коҳиш додани хароҷот барои нигаҳдории тандурустӣ маҳсуб мегардад.

Дар раванди арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ ва самаранокии он барои истеҳмолкунандагон дар адабиётҳои илмӣ ду равиши асосии арзёбии онро ҷудо намудаанд, ки меъёрӣ ва индикативӣ [96, с.108]. Равишҳои меёрии арзёбии суғуртаи тиббӣ ба он тамаркуз меанмояд, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии низоми суғуртаи тиббӣ дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунада ва дар дигар ҳолатҳо бо танзими ҳуқуқӣ муқарар карда мешавад.

Вобаста ба ин, бояд ҳаминро гуфт, ки низоми суғуртаи тиббӣ системаи маҳсуб мешавад, ки дар бозор худтанзимкунанда буда, нишондиҳандаҳои он дар бозори суғуртавӣ ба таври динамикӣ метавонад тағир ёбад ва мувозинати бозоро дигар намояд. Ин нишондиҳандаҳо аз ваъи иҷтимоии аҳолӣ ва даромаднокии онҳо вобастгӣ дорад. Аз ин рӯ, арзёбии низоми суғуртаи миллӣ дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ натиҷаи дилхоҳ бабор намеовард, зеро истифодаи консепсия ва дигар меёърҳо ҳангоми арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ имконпазир набуда, ҳангоми натиҷагӣ метавон ба хатогиҳо роҳ дод. Дар инҷо метавон аз маълумотҳои оморӣ аз қабили: фарогирии аҳолӣ ба суғуртаи тиббӣ, сатҳи фарогирии муассисаҳои тиббӣ бо мутахассисони варзидаи соҳаи тандурустӣ, раванди идоракунии маркетингии ширкатҳои суғуртавӣ, маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ ба муассисаҳои тиббӣ, сатҳи пардохти ҳақи ҷуброни суғуртаи тиббӣ, сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва ғайра бо мақсади ба даст овардани нишондиҳанда ва натиҷаи объективии

нишондиҳандаҳои асосии бозори суғуртавӣ ва низоми суғуртаи тиббӣ истода бурд.

Бояд гуфт, ки арзёбии суғуртаи тиббӣ дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии барои суғуртаи ҳатмии тиббӣ хос мебошад, зеро истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва аз фонди суғуртаи иҷтимоӣ бояд бо мақсади пешгирии истифодаи нодурусти захираҳо асоснок карда шуда, ба афзоиши иловагии суғуртаи тиббӣ ва арзиши хизматрасонии тиббӣ мусоидат накунанд.

Вобаста ба консепсияи индикативӣ ҳаминро бояд гуфт, ки он бар хилофи нишондиҳандаҳо дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии, тағйирёбии нишондиҳандаҳоеро муаяйн мекунад, ки фаъолият ва рушди низоми суғуртаи миллии тиббиро фаро мегирад. Консепсияи индикативӣ бештар ба баррасии системаҳои суғуртаи тиббӣ аз либералӣ нигаронида шуда, аз мавқеи давлатӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим нест [92, с. 122].

Аммо дар баробари ин, бояд дарк кард, ки ташаккули маҷмӯи нишондодҳое, ки параметрҳои асосии фаъолият ва рушди суғуртаи тиббиро муайян мекунанд, омӯзиши таъсири иҷтимоӣ ва ҳамин гуна имтиёзҳои иҷтимоиро истисно намекунад [96, с. 9].

Ҳамин тариқ, вобаста ба усулҳои арзёбии низоми суғуртаи тиббии дар боло баррасишуда, ҳаминро бояд гуфт, ки барои арзёбии он усули иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муносиб мебошад. Вобаста ба ин, агар усулҳои сифатӣ-функсионалӣ, маркетигӣ дар якҷоягӣ бо усули иқтисодӣ ҳангоми арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ амалӣ карда шаванд, ҳам самараи иқтисодӣ ва ҳам самараи иҷтимоӣ суғуртаи тиббӣ якҷоя маълум карда хоҳад шуд. Дар доираи ин

нақшаи арзёбии низоми суғуртаи тиббӣ бо истифодаи харсе усулҳои овардашуда таҳрезӣ карда шудааст (расми 1.6.).



Расми 1.6. Нақшаи арзёбии суғуртаи тиббӣ дар асоси равиши иқтисодӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Равишҳои ва усулҳои арзёбии низоми суғуртаи тиббии дар расм овардашуда, ба ду сатҳ ҷудо карда шудааст, ки дар сатҳи 1-ум равишҳои иқтисодӣ ва дар сатҳи 2-юм равишҳои

маркетингӣ, сифатӣ-функсионлаӣ ва иҷтимои истодааст, ки ҳарду сатҳ дар якҷоягӣ барои арзёбии суғуртаи тиббӣ тамаркуз меанмоянд. Равиш ва усулҳои овардашуда метавонда ҳам барои арзёбии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ва суғуртаи ҳатмии тиббӣ истифода карда шавад.

Ҳамин тариқ, арзёбии суғуртаи тиббӣ дар бозори суғуртаи миллӣ аз як тараф ба ширкатҳои суғуртавӣ имконият фароҳам меоварад, ки роҳҳои танзими фаъолияти худ ва самаранокии сиғуртаи тиббиро ба суғурташудагон расонида, дар баробари ин даромаднокӣ ва фоиданокии худро таъмин намоянд. Аз тарафи дигар ба муассисаҳои тандурсти имконият фароҳам меоварад, вазъи молиявии худро беҳтар намуда, сатҳи сифати хизматрасониҳои худро хуб намоянд.

Хулоса ва пешниҳодҳои зербоби 1.2.

Равишҳои методологии арзёбии суғуртаи тиббӣ имконият медиҳад, ки самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва молиявии суғуртаи тиббӣ ҳам барои суғурташавандагон ва ҳам барои ширкатҳои суғуртавӣ муайян карда шавад. Дар шароити кунунии низоми суғуртаи тиббии ҷумҳурӣ ягон дарстурамал оиди арзёбии самаранокии суғуртаи тиббӣ ба суғурташудагон мавҷуд нест, ки суғуташаванда мустақилона наметавонат самаранокии полиси суғуртавиро дарк намояд. Дар ин замина ширкатҳои суғуртавиро зарур аст, ки дар доираи салоҳиятҳои хуб ба истеҳмолкунандагон самаранокии иқтисодии суғуртаи тиббиро бо истифода аз усулҳои арзёбии иқтисодӣ нишон дода, роҳҳои ҷабли бештари аҳолиро ба ин низом пайдо намоянд. Методҳои дар диссертатсия асосноккардашуда имконият фароҳам меоварад, ки низоми суғурати тиббӣ

арзёби карда шуда, омилҳо, хавфҳо ва принсипҳои ба раванди он таъсиррасонанда муаяйн карда шавад.

1.3. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ

Буҳрони шадиди соҳаи тандурустӣ дар охири солҳои 90-ум ва дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолии мамлакат ба ислоҳоти соҳаи тандурустӣ оварда расонида ин соҳаро ба мушкилотҳои молиявӣ, моддӣ-маънавӣ рубарӯ намуд, ки дар омил дар навбати худ ба поин рафтани сатҳи химатрасониҳои тиббӣ ва шафофият дар раванди расонидани химатрасониҳои босифати тиббӣ-формасевтӣ ба қадре аз байн бурд. Ин мушкилотҳо то ҳаде аз вазъи молиявии муассисаҳои тандрустӣ вобатсагии калон дорад, ки дар ин замина дарёфти механизмҳои муосири молиявикунонии соҳаи тандурустӣ ва беҳтар намудани пояи меъёрӣ-ҳуқуқии онро ба миён гузоштааст.

Бинобар ин, механизми асосии молиявикунонии соҳаи тандурустӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ суғуртаи тиббӣ баҳисоб меравад. Ташаккули системаи суғуртаи тиббӣ дар шароити кунунӣ бидуни заминаи мукаммали таҳияшудаи қонунӣ ва меъёрӣ амалӣ карда наметавонад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти он ки масъалаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар доираи салоҳияти муштараки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои он қарор дорад, танзими ҳуқуқии фаъолияти он бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда шуда, дар доираи сиёсати иқтисодӣ-иқтимоӣ ва фискалии давлатӣ низоми суғуртаи тиббӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон батанзим дароварда мешавад.

Илова бар ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар дохили минтақа бо назардошти хусусиятҳои он, инчунин таъмини аҳолӣ бо кафолатҳои иловагии иҷтимоӣ ва имтиёзҳо дар соҳаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ равона мегарданд.

Бо дарназардошти асосҳои ҳуқуқии суғуртаи тиббӣ, ки дар сатҳи давлатӣ муқаррар мешаванд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади асосии ҳуқуқӣ эътироф мегардад. Асоси консептуалии ташаккули системаи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манзари моддаи 1-и Конститутсия чунин сарчашма мегирад: «...Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [5, с. 135].

Консепсияи давлати иҷтимоӣ, ки дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардидааст, дар моддаҳои 38-39-и Конститутсия чунин муайян гардидааст: «...Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад» [5, с. 135]. Суғуртаи ҳатмии тиббӣ аз ҳисоби давлат барои ҳар як қишри ҷомеа кафолат дода шуда, расонидани ёрии тиббии ройгон ба ҳар як шаҳрванд аз ҳисоби манбаъҳои ғуртавӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар ин замина, дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои расонидани ёрии тиббӣ ба аҳолӣ ва ҳифзи тандурустӣ оварда шуда, онро ҳамчун низоми амалҳои

иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ қайд шуда, барои: «...пешгирӣ ва табобати бемориҳо, нигоҳдории гигиенаи ҷамъиятӣ ва санитария, нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии инсон равона карда мешавад, ки фаъолнокии бардавоми ҳаёти инсонро таъмин менамояд ва дар ҳолатҳои аздастдиҳии саломатӣ ба ӯ ёрии тиббӣ мерасонад» [4]. Суғртаи тиббӣ барои беҳтар гардонидани вазъи молиявии муассисаҳои тиббӣ ва оилаҳо саҳми калон дошта, асосҳои батанзимдарории ҳуқуқии онро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин ва муайян мекунад. Дар ин замина, боби 51-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзими меъёрии суғурта бахшида шудааст. Мутобиқи моддаҳои 1013, 1021 ва 1056-и ҳамин боб суғурта метавонад ҳатмӣ, ихтиёрӣ ва ҳатмии давлатӣ бошад.

Вобаста ба суғуртаи шахсӣ дар моддаи 1020 кодекси мазкур чун гуфта шудааст: «...тавассути шартномаи суғуртаи шахсӣ як тараф (суғурташаванда) ӯҳдадор мешавад, ки тибқи пардохти дар шартнома қайду шартшуда (мукофоти суғурта), ки аз тарафи дигар пардохта мешавад (суғуртакунанда), дар ҳолати расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии худи суғуртакунанда ё шахрванди дигари дар шартнома зикргардида (шахси суғурташуда) бо расидан ба синну соли муайян ё дар ҳаёти ӯ фарорасии рӯйдоди дигари дар шартнома пешбинишуда (ҳодисаи суғурта) якдафъаина ё давра ба давра маблағи қайду шартшударо мепардозад» [3].

Дар баробари ин, самтҳои танзими низоми суғурта ва ташкилотҳои суғуртави, инчунин тартиби назорати давлатии фаъолияти онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» муқаррар карда шудааст. Чи тавре, ки дар зербоби 1.1 иброз дошта будем суғуртаи тиббӣ

хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дошта, дар доираи қонунгузориҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ амал мекунанд. Вобаста ба танзими низоми суғуртаи тиббӣ, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалӣ карда мешавад ва дар ин замина қисме аз муқаррароти асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»- дида мебароем. Дар моддаи 1 Қонуни мазкур вобаста ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ оварда шудааст, ки: «...ин низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи беморӣ ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад. Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҳатмӣ аст» [7].

Аз ин нуқтаи назар, моддаи Қонуни мазкур чунин фаҳмида мешавад, ки суғуртакунанда ӯҳдадориҳои худро дар назди шахси суғурташуда ҳангоми руй додани ҳодисаи суғуртавӣ тавассути пардохтҳои суғурта ё дигар намудҳои таъминоти муқаррарнамудаи қонун оид ба намудҳои алоҳидаи суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ иҷро мекунад.

Таърихи ҷаҳонии ташаккули суғуртаи тиббӣ аз рушди истеҳсолот дар Аврупои асримиёнагӣ ва болоравии арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ҳамчун як шарти зарурии таъсиси хазинаҳои умумӣ, ки одамон дар он ҷо пардохтҳои начандон зиёди хурдро барои эҳтиёҷоти пардохти ёрии тиббӣ анҷом медоданд, дарак медиҳад. Барои ҳимояи аҳолӣ ҳангоми бемориҳо ва ё маъюбӣ иттифоқҳо ва масҷидҳо фаъолият менамуданд. Сараввал ёрии тиббӣ аз ҳисоби маблағҳои ҳаққиаъзогии дар масҷидҳо ҷамъшуда пардохт мегардиданд. Баъдан, ёрии моддӣ ва табобатӣ ба эҳтиёҷмандон аз ҳисоби

хайрия ё кӯмакҳои ройгон расонида мешуд. Ҳамин тариқ, тамсилаи аввалин пайдо шуд, ки ҳоло номи "Суғуртаи тиббӣ"-ро гирифтааст [77, с.95].

Бо мурури замон тамсилаи "Суғуртаи тиббӣ" инкишоф ёфта, ташаккули худро аз ҳаракати ҷамъиятӣ оғоз намуда, аввалин маротиба дар давлати Олмон барои ташкили системаи давлатии суғуртаи иҷтимоӣ истифода шудааст.

Маҳз дар ҳамин мамлакат ташаккули суғуртаи тиббӣ ҳамчун системаи муҳими ташкилкунандаи соҳаи тандурустӣ таъсис дода шуда буд, ки маблағгузории он аз се сарчашма: фоидаи корхонаҳо, буҷети давлатӣ ва аъзоҳаққии ҳатмии кормандон ба назар гирифта шуда буд.

Бо ташаббуси бевоситаи Отто фон Бисмарк якбора 3 қонун оид ба суғуртаи тиббӣ қабул гардид, ки инҳо: Қонун "Дар бораи суғуртаи кормандон ҳангоми беморӣ" (15.06.1883), Қонун "Дар бораи суғурта аз ҳодисаҳои нохуш" (06.07.1884) ва Қонун "Дар бораи суғурта ҳангоми маъюбӣ ва вафот" (22.06.1889) мебошанд. Ба андешаи Бисмарк омили асосии хавф барои корманд ин беморӣ, ҳодисаи нохуш ва маъюбӣ мебошад.

Сарчашмаи бештари адабиёти илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар айни замон дар Аврупо таърихан ду тамсилаи хизматрасонии тиббӣ [106, с.75]: хизматрасонии умумидавлатии тиббӣ (тамсилаи Беверидҷ) ва суғуртаи тиббӣ дар доираи суғуртаи иҷтимоӣ (тамсилаи Бисмарк) амал мекунанд.

Низоми ягонаи суғуртаи тибби дар Аврупо давлатҳои: Дания, Испания, Финляндия, Британияи Кабир, Юнон, Италия, Ирландия, Португалия ва Шветсия соҳиб ҳастанд. Тамсилаи Бисмарк ҳанӯз дар давлатҳои Олмон, Австрия,

Фаронса, Белгия, Люксембург ва Нидерландия амал мекунад [106, с. 75] ва мушоҳидаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки маҳз дар ҳамин давлатҳо саҳми суғуртаи тиббӣ дар рушди соҳаи тандурустӣ назаррас мебошад.

Агар ба таърихи эҳёи суғуртаи тиббӣ дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ назар андозем, зарурати бештари ташаккули он маҳз дар даврони иқтисодиёти бозорӣ ба миён омадааст, зеро дар замони Шуравӣ ба чунин намуди суғурта шаҳрвандон эҳтиёҷ надоштанд ва ҳама хизматрасонии соҳаи тандурустӣ дар маҷмуъ ройгон буд. Дар ин давра, соҳаи тандурустӣ пурра аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маҳомоти давлатӣ, вазоратҳо ва фондҳои иҷтимоии худи корхонаву ташкилотҳо таъмин мегардид. Вобаста ба ин, дар шароити имрӯзаи зарурати маблағгузории соҳаи маориф ба ғайр аз мабғаҳои аз буҷаи давлатӣ ҳамзамон аз ҳисоби фондҳои суғуртавӣ низ роҳандозӣ карда шаванд. Дар ин замина, зурурати ташакули суғуртаи тиббӣ ва ислоҳоти суғуртаи иҷтимоӣ ба миён омадааст.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тадбиқи низоми суғуртаи тиббӣ 18 июни соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қабул гардид ва амалигардонии ҳуҷҷати мазкур аз 1 январи соли 2010 муайян гардида буд. Аммо, соли 2010, 2014,2018 ва 2023 бо он тағиру иловаҳо ворид кардашуда, муҳолати амалишавии он баъди ҳар як қабули қонун ба 2-3 сол ба таъхир гузошта мешавад. Баъди ворид намудани тағироти охир муҳлати амалишавии қонуни мазкур ба 01.01.2025 гузошта шуд. Сабаби асосии пайдарпай тамдид намудани муҳлати Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»- ро

иқтисодшинос Ғ. Ашуров дар он медонад, ки: «...баъзе аз вазоратҳои мутасаддӣ номусоидии вазъи иқтисодӣ, норасоии маблағгузорӣ ва таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқии татбиқи суғуртаи тиббиро ғайриимкон шумориданд» [58, с. 204]. Дар замина, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармон аз санаи 22.07.2023, №586 барои гузариш ба низоми пардохти ғайринақдӣ ба тасвиб расидааст, ки ин иқдом барои тадбиқи суғуртаи тиббӣ, ки пардохтҳои он ба тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад, як қадами устувор хоҳад буд.

Бояд қайд намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фарогири соҳаи тиб ва ширкатҳои суғуртавӣ мебошанд, ва ин ду мафҳум дар қонун мафҳумҳои калидӣ баҳисоб мераванд. Ин чунин маъно дорад, ки муассисаҳои тандурустӣ бояд ба аҳолӣ хизматрасонии босифати тиббӣ ва дорувории хушсифатро таъмин намояд. Чунин корҳо метавонанд аз ҷониби кормандони соҳаи тиб, яъне: ҷарроҳҳон, табибон, кардиологҳо, фармасевтҳо ва ғайра. Аммо дар мавриди қисми суғурта қонун бояд аз ҷониби иқтисоддонҳои соҳибихтисос, ҳуқуқшиносон, мутахассисони соҳаи молия ва ғайра тартиб дода шуда, арзиши хизматрасонии тиббӣ, маблағи суғуртавӣ дар доираи он муайян карда шавад, ки ёрии тиббӣ, инчунин баъзе масъалаҳои дигар, ин ду соҳа, яъне соҳаи тадруситӣ ва ширкатҳои суғуртвӣ бояд якҷоя ҳал карда шаванд. Дар баробари ин, бо сохторҳои давлатии ҳимоякунандаи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ин марҳила иштироки фаъол дошта бошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар қонуни мазкур бояд манбаъҳои маблағгузории ба суғурташудагоне, ки ба ёрии тиббӣ эҳтиёҷ доранд возеҳ нишон дода шавад. Олими соҳаи иқтисодӣ Ш. Шамсуллозода иброз медорад, ки дар қонун самтҳои зерин бояд ворид карда шавад:

- «...шаҳрвандоне, ки дар корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият кор мекунанд, аз ҷониби корфармо маблағгузорӣ карда шаванд;
- шаҳрвандоне, ки бо сабабҳои узрнок кор намекунанд (маъюбон, нафақахӯрон, занҳои хонашин, то расидан ба синни муайяни фарзандон ва ғайра) аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда шаванд;
- шаҳрвандони қобили меҳнат, вале корношоям, аз ҳисоби худ дар бозори суғурта полиси суғуртаи тиббиро харидорӣ намоянд;
- шаҳрвандоне, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкории хусусӣ машғуланд. Яъне онҳо дар бозор кор мекунанд, ба нақлиёти хусусӣ машғуланд, инчунин касбҳои ройгон (рассом, ҳайкалтарош, дизайнер, суратгир, диктор, навозанда, дирижёр ва ғайра) доранд, аз ҳисоби худ бозори суғурта, полиси суғурта ба даст оранд» [112, с. 50].

Бо чи сабаб бошад, ки ҳамаи ин норасоиҳо дар қонун оварда нашудааст. Ҳарчанд тавре таҳлилҳо нишон доданд, дар таҳияи қонуни номбурда танҳо шахсони мансабдори соҳаи тиб ширкат доштанду иштироки мутахассисони суғуртавӣ, инчунин сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон умуман пешбинӣ нашудааст. Илова бар ин, аз маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки «...Дар соли 2013 бо дархости Вазорати тандурустӣ ин масъала аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ мавриди

омӯзиш қарор гирифта, ба муҳтавои он баҳои мусбат дода шуд» [13]. Таҳлилҳо нишон доданд, ки раванди қонунгузории соҳаи суғурта дар ҷумҳурӣ бояд ба таври ҷиддӣ такмил дода шуда, ҳангоми тартиб додани лоиҳаҳои қонунҳо мутахассисони миллӣ даъват карда шаванд ва агар онҳо дар соҳа набошанд, пас бояд аз механизмҳои аутсорсинг истифода кард, яъне аз хидмати мутахассисон, ташкилотҳои сеюм, ки дар ихтиёри онҳо мутахассисон ва коршиносони баландихтисос, чи аз соҳаи тандурусти ва чи аз соҳаи суғурта, фаъолият мекунанд даъват карда шавад.

Вобаста ба норасогиҳои дар боло овардашуда, баҳри рушди асосҳои институтсионии ташаккули суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон дар ояндаи наздик, чанд мавқеи калидиро пешниҳод менамоем:

Якум, аз нигоҳи мо дар боби дуюми қонуни мазкур оид ба суғуртаи ҳатмии тиббӣ тағйироту иловаҳои зерин ба мақсад мувофиқанд: Суғуртакунанда дар мавриди суғуртаи ҳатмии тиббӣ – мақомоти ҳокимияти иҷроияи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ - барои аҳолии ғайри қобили меҳнат, субъектҳои хоҷагидорӣ, шахсони воқеӣ, ки ҳамчун соҳибкори алоҳида ба қайд гирифта шудаанд, шахсони воқеӣ, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ бо коргарон амал мекунанд - барои аҳолии қобили меҳнат, ҳисобида мешаванд;

Дуюм, ҳамчун моддаи алоҳида оид ба “Полиси суғуртаи тиббӣ” иловаҳо зарурат дорад. Яъне, ҳар як шаҳрванде, ки ба манфиати ӯ шартномаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ баста шудааст ё худ мустақилона чунин шартнома бастааст, полиси суғуртаи ҳатмии тиббӣ мегирад ва онро дар дасти худ нигоҳ медорад. Ин полис дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

шарикони Тоҷикистон, ки шартномаи ҳамкориҳои дуҷониба доранд, ҳуқуқи баробар дорад;

Сеюм, муассисаи суғуртакунандаи тиббӣ (моддаи 8). Ташкилоти суғуртаи тиббӣ шахси ҳуқуқие мебошад, ки ҳамчун субъекти хоҷагидории мустақил фаъолият намуда, метавонад дар дилхоҳ шакли моликияти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад, дорои фонди оинномавии зарурӣ барои амалӣ намудани суғуртаи тиббӣ буда, фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави он ташкил мекунанд. Ташкилоти суғуртаи тиббӣ ба низоми тандурустӣ дохил намешавад.

- Мақомоти муассисаҳои тандурустӣ ва муассисаи тиббӣ ҳуқуқи таъсис додани ташкилоти суғуртаи тиббиро надоранд.
- Ташкилоти суғуртаи тиббӣ интихоби озоди муассисаи тиббиро дар асоси шартномаи суғуртаи тиббӣ бо мақсади хизматрасонии ёрии тиббӣ дорад, ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки барои амалигардии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ҳаққи суғуртавиро муқаррар намояд ва уҳдадор аст, ки фаъолияти суғуртаи ҳатмии тиббиро дар асоси ғайритиҷорат ба роҳ монад.
- Вобаста ба ин, муассисаи суғуртаи тиббӣ ҳангоми мавҷудияти иҷозатнома ҳуқуқи амалӣ намудани суғуртаи ихтиёрии тиббиро бе монеа шудан ба барномаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ дорад ва ғайр аз ин, ҳуқуқи таъмини ёрии тиббиро берун аз низоми суғуртаи тиббӣ низ дорад.

Чорум. Илова бар ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар робита ба

суғуртаи тиббӣ дода шавад, ки аз нигоҳи мо асоситаринашон инҳо дониста мешаванд:


- ҳуқуқи интихоби муассисаи тиббӣ ва духтур тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ;
- ҳуқуқ ба гирифтани ёрии тиббӣ дар саросари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла берун аз ҷои истиқомати доимӣ;
- ҳуқуқи гирифтани хизматрасонии тиббие, ки аз рӯи ҳаҷм ва сифат ба шартҳои шартнома мувофиқат мекунанд, новобаста аз ҳаҷми мукофоти суғуртаи воқеан пардохтшуда;
- ҳуқуқи пешниҳоди даъво нисбати шахси суғурташуда, ташкилоти суғуртаи тиббӣ, муассисаи тиббӣ, аз ҷумла ҷуброни моддии зарари бо гуноҳи онҳо расида, сарфи назар аз он, ки ин дар шартномаи суғуртаи тиббӣ пешбинӣ шудааст ё не.

Панҷум. Барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ фонди ягонаи давлатӣ ва фондҳои ҳудудии суғуртаи ҳатмии тиббӣ ҳамчун муассисаҳои мустақили молиявию қарзии ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар бозори суғуртаи ҷумҳумрӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ барои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ кардани кормандони худ кушиш наменамоянд кормандон бошанд вобаста ба паст будани маърифати молиявӣ ва маълумоти пурра надоштани ин низом худро суғурта наменамоянд. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ, ки тибқи қонунгузории андоз аз кормандон ва аз фонди музди меҳнат корхонаҳо ба Фонди ҳифзи иҷтимоӣ месупоранд, ки дар ҳолати беморӣ ба миқдорӣ 70% музди корӣ рӯзона аз ҳисоби Фонди ҳифзи иҷтимоӣ пардохт карда мешавад вале шахсоне дар ягон муассиса ва ё корхона фаъолият надоран аз ин гуна ҷуброни зара маҳрум мешаванд: «... бисёре аз шаҳрвандон дар бозор кор мекунанд, бо нақлиёти хусусӣ машғуланд ё барои кор ба кишварҳои дигар мераванд, яъне шумораи зиёди аҳолии ҷумҳурии мо дар маблағгузории

барномаҳои давлатии иҷтимоӣ (тавассути корфармо) иштирок намекунанд ва худи шаҳрвандон ба таври ихтиёрӣ иштирокчии ФҲИА мешаванд» [112, с. 50].

Фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ барои ҷамъоварии маблағҳои молиявии суғуртаи ҳатмии тиббӣ, таъмини устувории молиявии системаи давлатии суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва баробар кардани захираҳои молиявӣ барои татбиқи он равона карда мешавад ва аз нигоҳи мо, тақсимоти меъёри он ҳамчун пардохтҳои иҷтимоӣ аз даромади резидент ва ғарирезиден аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкорони инфиродии ба тариқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда, дар ҳами умумии маблағи пардохтии он ворида карда шуда, ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ пардохт карда мешавад, ки механизми он дар (расми 1.6.) оварда шудааст.



Расми 1.6. - Тақсимоти меъёри ягонаи андози иҷтимоӣ байни се фонди давлатии ғайрибуҷетӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бевосита, бояд асоси танзими ташаккул ва харҷи маблағҳои Фонди давлатии суғуртаи ҳатмии тиббиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва буҷети фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ ташкил намоянд.

Дар ин радиф, дар ҷаласаи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022” қабул гардид, ки тибқи он буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби даромад 3,6 млрд. сомонӣ ба нақша гирифта шуда, нисбат ба буҷети соли 2021-ум 104 млн. сомонӣ ё 3 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, хароҷоти соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нисбат ба буҷети соли 2021-ум 3,8 фоиз афзоиш ёфта, 13 фоиз маблағи умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 4,2 фоизи ММД-ро дар бар мегирад [22]. Лекин, мутаассифона оид ба ташаккули фонди суғуртаи тиббӣ дар қонуни мазкур ягон тағйироту иловаҳо ворид нагардидааст.

Аз ин лиҳоз, ҳаҷми кафолатноки хизматрасонии тиббие, ки дар доираи суғуртаи ҳатмии тиббӣ пешниҳод мешавад, бояд дар барномаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии тобеи он таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тасдиқ гардад, муайян карда мешавад.

Дар асоси ин барномаи заминавӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барномаҳои минтақавии (ҳудудии) суғуртаи ҳатмии тиббиро бояд тасдиқ кунанд. Вобаста ба ин, ҳаҷм ва шартҳои расондани ёрии тиббӣ, ки дар барномаҳои

минтақавӣ пешбинӣ шудаанд, аз шартҳои дар барномаи асосӣ муқарраршуда кам буда наметавонад.

Барномаи минтақавӣ ва ё ҳудудӣ – ин кафолатҳои давлатии расонидани кӯмаки тиббии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрие мебошад, ки номгӯи бемориҳо, намудҳо, ҳаҷмҳо, шартҳои расонидан ва маблағгузории ёрии тиббии ба аҳолӣ расонидашударо муайян мекунанд. Барномаи минтақавӣ бояд ҳаҷми мушаххаси ёрии тиббӣ ва нишондиҳандаҳои молиявии онро ба таври аниқ ва саҳеҳ пешбинӣ намояд.

Дар шароити муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ гузаштан ба суғуртаи тиббӣ зарурати объективӣ буда, аслан аз беҳимоягии иҷтимоии беморон, кормандони соҳавӣ ва инчунин аз таъминоти молиявии нокифояи он ба миён меояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” то ҳол дар амал тадбиқ ва эътибор пайдо накардааст.

Ҳамин тавр, татбиқи амалишавии Қонун “Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар оянда имкон медиҳад, ки шиддати зуҳуроти бӯҳрони нигаҳдории соҳаи тандурустӣ то андозае сабук карда шавад ва дар маҷмуъ хизмати тиббии аввалини бепул барои аҳолӣ муқаррар ва таъмин карда шавад. Аз нигоҳи мо, суғуртаи тиббӣ бояд яке аз самтҳои асосии рушди бозори суғуртавӣ ва молиявӣ ва дар навбати худ маҳаки асосии молиякунонии соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисоб рафта, ба беҳтар шудани вазъи молиявии хонаводаҳо аз ҳисоби сарфаи маблағҳо барои табобат гардад. Дар баробари ин суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмии тиббӣ бояд ҳамчун татбиққунандаи кафили ҳуқуқҳои

конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ ва хизматрасонии тиббӣ хизмат кунад.

Хулоса ва пешниҳодҳои зербоби 1.3.

1. Муассисаи суғуртаи иҷтимоӣ, яъне суғуртаи ҳатмии тиббӣ як ҷузъи сохтори иқтисоди бозорӣ буда, дар баробари чунин ҷузъҳо ба монанди институти муҳити рақобат, моликияти хусусӣ, танзими бонкӣ, бозори коғазҳои қиматнок ва ғайра мебошад. Дар ин баробар принсипҳои мавҷудаи идоракунии соҳа бояд принсипҳои зерини суғуртаи тиббӣ роҳандозӣ карда шавад:

- устувории низоми молиявии суғуртаи ҳатмии иҷтимоии тиббӣ, ки бо баробарии фарогирии суғурта ва мукофотҳои суғурта таъмин карда мешавад;
- кафолати давлатии риояи ҳуқуқи шахсони суғурташуда дар ҳифзи хавфҳои суғуртаи тиббӣ ва иҷрои уҳдадориҳо оид ба суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоии тиббӣ, новобаста аз вазъи молиявии суғуртакунанда;
- баробарии иштироки намояндагони субъектхои суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоии тиббӣ дар мақомоти идоракунӣ;
- масъулият барои истифодаи мақсадноки маблағҳои суғуртаи тиббӣ;
- баланд бардоштани вазъи молиявии муассисаҳои тиббӣ дар асоси тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ;
- баланд бардоштани маърифати молиявии шаҳрвандон ва ҳавасмандии онҳо ба суғуртаи ихтиёрии тиббӣ;

- роҳандозии механизмҳои соддаи маблағгузориҳо дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ;
- мустақилияти низоми молиявии суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ.

БОБИ 2. АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

2.1. Вазъи муосири соҳаи тандурустӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон

Модели ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронидашудаи иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти сифатӣ дар низоми ҳифзи суғуртаи аҳолиро талаб менамояд. Дигаргуниҳо, пеш аз ҳама, бо муҳайё кардани кафолатҳои нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани саломатии инсон, беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи гирифтани он, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии моддӣ алоқаманданд. Дар раванди ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, гузариш ба низоми нави хоҷагидорӣ соҳаи тандурустии мамлакат ба мушкилотҳои молиявӣ, кардрӣ, захиравӣ рӯбарӯ гардид. Дар ин замина, муассисаҳои тиббии хусусӣ типпи нав бо дид ва шакли завонавӣ дар низоми тандурустии мамлакат ба вуҷуд омад, ки ҳамчун рақобаткунанда ба муассисаҳои тиббӣ давлатӣ баромад мекунад.

Дар баробари ин, дар солҳои охир тамоюли рушди минбаъдаи тибби хусусӣ ва шаклҳои ғайридавлатии хизматрасонии тиббӣ ба назар мерасад, ки рушди ҳамаҷониба ва муттаҳидсозии қонунгузорӣ ва ташаккули механизму меъёрҳои баҳодиҳии фаъолияти ҳардуро тақозо мекунад. Ба ақидаи Ф.Одинаев: «...боиси ташвиш аст, ки ҳаҷми маблағгузории соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ дар давраи солҳои

1991-2018 якбора аз 5 фоиз то 2,3 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ кам шудааст. Ин ҳолати хеле муҳим аз зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва андешидани тадбирҳои воқеии самарабахш дар самти такмили фаъолияти ин соҳа аз ҷиҳати ташкил, идоракунӣ, маблағгузорӣ, мониторинг ва арзёбии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ва дар маҷмуъ дарак медиҳад» [87, с. 43].

Бойд иброз дошт, ки соҳаи тандурстӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлатӣ мавқеъи калидиро касб менамояд, чуноне, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ соли 2022 қайд намуданд: «...Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст» [11].

Соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ дар мамлакатҳои пешрафта ҷои намоёнро ишғол намуда, маблағгузории давлатии соҳаи тандурустӣ бо низоми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, яъне суғуртаи тиббӣ ба роҳ монда шудааст. Тибқи қонунгузориҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии авалияи ройгон тиббӣ ба аҳолӣ пешниҳод карда мешавад, ки ин тамоил дар давраи истиқлолияти давлатӣ дигар нашудааст.

Чи тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 2.1. дида мешавад, маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз буҷети давлатӣ дар соли 2019 1,75 млрд.сомониро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 3,2 млрд.сомонӣ расида, нисбат ба соли 2019 дар

ҳаҷми 1,45 млрд.сомонӣ ё 78,7% зиёд мебошад. Маблағгузории соҳаи тандурустӣ аз буҷети давлатӣ нисбат ба ММД дар муодили 2,3-2,4% қарор дорад. Ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ бошад, дар таносуб нисбат ба маблағгузории соҳаи тандурустӣ зиёд мебошад. Агар дар соли 2023 ба суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ 4,6 млрд.сомонӣ равона карда шуда бошад, паси ин нишондиҳанда дар соҳаи тандурустӣ 3,2 млрд.сомонӣ ва ё 30,4% кам мебошад. Бояд гуфт, ки маблағгузорӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷаи давлат ҳарчанд сол аз сол боло рафта истода бошад ҳам, дар таносуб нисбат ба ММД тамоили поинравӣ дорад. Агар ҳаҷми суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ нисбат ба ММД дар соли 2019 4,4%-ро ташкил дода бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 3,5 % расидааст, ки нисбат ба соли 2019 0,9 банди фоизӣ кам мебошад.

Ҷадвали 2.1. - Маблағгузории соҳаи тандурустӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Солҳо / Нишондиҳандаҳо		2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2029,%
ММД (млрд.сомонӣ)	I	79,1	83,9	101,1	118,2	130,7	165,23
ММД ба сари аҳолӣ (ҳаз.сомонӣ)	I	8,5	8,9	10,3	11,8	12,8	150,59
Шумораи аҳолии (млн.сомонӣ)	I	9,3	9,7	9,8	10,1	10,2	109,68
Хароҷоти буҷети давлатӣ (млрд.сомонӣ)	I	23,8	24,8	29,3	35,3	43,1	181,09
	II	30,1	29,6	29,0	29,9	33,0	109,63
Дар соҳаи тандурустӣ (млрд.сомонӣ)	I	1,79	2,5	2,8	2,6	3,2	178,77
	II	2,3	3,0	2,8	2,2	2,4	104,35
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (млрд.сомонӣ)	I	3,5	3,8	4,1	4,5	4,6	131,43
	II	4,4	4,5	4,1	3,8	3,5	79,55
I-нишондиҳандаҳо, II- нишондиҳандаҳо нибат ба ММД-%;							

Сарчашма: [19, с. 84].

Чи тавре, дар боби 1 қайд карда будем, маблағи фонди суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳисоби соҳаибкорони инфиродӣ, резиден ва ғарирезидетон пардохт карда мешаванд. Тибқи меъёрҳои амалкунандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андози иҷтимоӣ аз маоши кормандон барои суғуртакунандагон меъёри 20 % ва барои суғурташудагон 1 % муайян карда шудааст. Маблағҳои дар ин фонд ҷамъоваришуда барои барои суғуртаи иҷтимоӣ, маюбӣ, бесаробон мондан, пардохтҳои иҷтимоӣ, барои тавалуди кудак, беморӣ дар вақти корӣ ва дигар ҳолатҳо пардохт карда мешавад.

Чи тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 2.2. дида мешавад, маблағгузор аз фонди суғуртаи иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 796,1 ҳазор одамро дар бар гирифтааст. Ҷубронпулиҳое, ки барои ба нафақа баромад аз рӯи сину сол ба шахсоне, ки дар ягон муассиса кор накардаанд ва собиқаи корӣ надоранд дар соли 2023 ба миқдори 370,6 сомонӣ пардохт карда мешавад. Пардохтҳои иҷтимоӣ бошад дар соли 2023 261,8 сомониро ташкил додааст, ҳарчанд ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои қабли зиёд бошад, то ба ҳол қонеъкунанда нест. Ҳаҷми миёнаи маблағи шахсоне, ки аз рӯи собиқаи корӣ ба нафақа мебароянд 724,5 сомониро ташкил додааст.

Ҳаҷми нафақае, ки тибқи ҷуброни суғуртаи иҷтимоӣ аз маоши кормандон ситонида мешавад ва баъд аз ба нафақа баромадан пардохт карда мешавад, низ қонеъкунанда нест. Тибқи меъёрҳои суғурта, ки ширкатҳои суғутавӣ ба муштариён пешниҳод мекунанд барои суғуртаи ҳайёт аз 3 то 10% ҳақи маблағи суғуртавӣ (1000/3%=30, яъне дар ҳолати 30 сомон пардохт кардан 1000 сомон ҷуброн менамоянд), суғурта

аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ 2% пардохт карда мешавад. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди миёнаи меҳнати кормандон дар соли 2023, 2013 сомониро ташкил медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ҳар як корманд дар як сол ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ ба маблағи 241,5 сомонӣ аъзоҳақӣ пардохт менамояд. Тибқи арзёбии ширкатҳои суғуртавии хусусӣ бояд баъди ба нафақа баромадан ба ҳисоби миёна ба ҳар як шахс муодили 2000 сомонӣ маблағ пардохт карда шавад, то ин ки сабати истеъмолии худро таъмин карда тавонад.

Ҷадвали 2.2. – Маблағгузорӣ аз фонди суғуртаи иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо \ Солҳо		2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2029,%
Шумораи шахсоне, ки ҷубронпулӣ гирифтаанд	I	711,2	729,4	749,8	763,3	796,1	111,9
	II	303,2	320,9	321,3	321,7	370,6	122,2
Аз он: аз рӯи сину сол	I	458,8	460,0	476,9	511,4	547,0	119,2
	II	322,8	350,3	359,1	385,4	402,0	124,5
Аз рӯи маюбӣ	I	67,1	62,5	63,7	72,1	78,4	116,8
	II	407,6	423,1	358,1	393,1	393,1	96,4
Аз рӯи бепарастorӣ	I	29,6	26,5	25,7	36,6	40,3	136,1
	II	345,7	353,7	412,8	453,8	318,2	92,0
Аз рӯи собиқаи корӣ	I	4,3	3,9	3,6	3,2	3,0	69,8
	II	640,0	666,3	617,9	636,7	724,5	113,2
Пардохти иҷтимоӣ	I	148,4	152,9	174,6	183,8	199,9	134,7
	II	167,7	196,1	211,6	213,3	261,8	156,1
Эзоҳ: I-ҳазор адад; II-андозаи миёнаи моҳона-сомонӣ.							

***Сарчашма**: [19, с. 174].*

Дар ин замина, бояд механизмҳои тадбиқи суғуртавӣ ҷоннок карда шуда, бозори суғуртаи миллӣ ба таври зарурӣ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои дар ин соҳа пешқадам амалӣ карда шавад. Роҳандозии суғуратаи тиббӣ вазъи молиявии


муассисаҳои тиббиро хуб намуда, сифати хизматрасонии тиббиро беҳтар ва рақобатпазириро дар бозори мутахассисони касбии соҳавӣ таъмин менамояд. Зеро дар ҳолати хуб шудани вазъи молиявии муассисаҳои тиббӣ ба баланд шудани маоши кормандони соҳа оварда расонида, дар ин замина ҷалби мутахассисон аз хориҷ кишвар барои муолиҷа ва гузаронидани курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос ҷалб карда мешавад.

Чи тавре, ки аз маълумотҳои оморӣ (диаграммаи 2.1.) бармеояд музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ ва химатрасонии иҷтимоӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодӣ хеле паст мебошад. Дар соли 2023 музди миёнаи номиналии кормандони соҳаи тандурустӣ 1023,12 сомониро ташкил дода бошад, музди миёнаи меҳнатӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт 2013,1 сомониро ташкил додааст, ки нибат ба музди меҳнати соҳаи тандурусти як баробар зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки паст будани музди меҳнат дар муассисаҳои тандурустӣ боис мегардад, ки мутахассисони варзидаи соҳаи тибби мамлакат ба давлатҳои дигар, алалхусус ба Федератсияи Русия сафар намоянд ва ё дар муассисаҳои тиббии хусусӣ фаъолият намоянд, ки музди меҳнат дар онҷо ба маротиб зиёд мебошад. Ин ҳолат боиси паст шудани хизматрасонии тиббӣ гардида, ба вазъи саломатии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд, зеро мутахассисон дар бисёре аз беморхонаҳо бинобар паст будани савия ва малакаи касбияшон наметавонад омилҳои бемории беморонро муайян намоянд. Чунон, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд: «...бо вуҷуди он ки дар самти пешгирӣ кардан ва табобати беморон дастоварду пешравиҳои муайян ба назар мерасанд, вале ҳанӯз

масъалаҳои тарбияи кадрҳо, хусусан, дар коллеҷҳои тиббии чи давлатӣ ва чи хусусӣ, аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳо бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани муассисаҳои тандурустӣ ва сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳбудӣ металабанд» [11]. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки механизми маблағузории соҳаи муассисаҳои тиббӣ ва раванди омода намудани мутахассисон ислоҳоти ҷиддиро талаб менамояд.

Диаграммаи 2.1. - Шуғл ва музди меҳнат дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарҷашма: таҳияи муаллиф дар асоси [19, с. 47]

Бояд гуфт, ки «...дар 10 соли охир миқдори табибон ва кормандоне, ки тавассути таълимоти тахассусӣ омода карда шудаанд (ҳамшираҳои тиббӣ ва ғайра) кормандони миёнаи тиббӣ то 34,5% ва 70,1% мутаносибан афзудаанд. Дар натиҷа, дар соли 2018 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 18716 табиб ва 51788 корманди миёна дар амалия фаъолият доштанд. Таъминотнокӣ бо мутахассисони соҳаи тандурустӣ ба 10 ҳазор аҳолӣ дар 10 соли охир мутаносибан 12,2% ва 41,8%

афзудааст. Дар натиҷа таъминотнокӣ бо табибон ба 10 ҳазор аҳолӣ 21,2 ва дар байни кормандони миёнаи тиббӣ 58,6 ташкил медиҳад» [18, с. 45].

Дар баробари ин, сарфи назар аз тамоюли мусбат доштани миқдори умумии иқтидори кадрии соҳаи тандурустӣ, дар сатҳи ҷумҳурӣ дар масъалаи таъминотнокии кадрӣ нобаробарии ҷуғрофӣ мушоҳида карда мешавад. Аз ҷумла, шумораи нисбатан зиёдтари кормандон дар шаҳри Душанбе фаъолият менамоянд, ки ба 10 ҳазор аҳолӣ дар соли 2023 65,9 табиб рост меояд ва ин нишондод дар вилояти Хатлон танҳо 11,9 нафар, вилояти Суғд 17,5 нафар, ВМКБ 19,9 нафар, НТМ 12,2 нафар рост меояд. Ин нишондиҳандаҳо дар панҷ соли охир тамоили коҳишёбӣ дорад (Ҷадвали 2.3).

Чи тавре, ки аз маълумотҳои оморӣ (ҷадвали 2.3.) дида мешавад, суръати рушди аҳолӣ баланд буда, таносуби зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасад, лекин то ба ҳол норасоии шадидии мутахасисони соҳаи тиб, табибони баландихтисос дар муассисаҳои тиббӣ ба назар мерасанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суръати афзоиши аҳолӣ дар дар 5 соли охир 2,0%-ро ташкил дода бошад, пас суръати афзоши табибон 7,6 % ва дар соли 2023 рушд накарда, тамоили коҳишёбӣ дорад. Сабаби асосӣ баъд аз пандемияи COVID-19 талабот ба табибон дар саросари дунё зиёд шуда, шумораи зиёди табибон ва кормандони ёрирасони соҳаи тиб ва ҳамшираҳои шафқат ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намуданд.

Ҷадвали 2.3. - Шумораи табибон дар беморхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Минтақаҳо		Солҳо					2023/ 2017 %
		2019	2020	2021	2022	2023	
Дар ҷумҳурӣ	I	19268	20221	20134	20543	20644	107,1
	II	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
ВМКБ	I	491	510	483	469	464	94,5
	II	2,5	2,5	2,4	2,3	2,2	88,2
Хатлон	I	3852	4147	4167	4233	4344	112,8
	II	20,0	20,5	20,7	20,6	21,0	105,3
Суғд	I	5276	5304	5193	5080	5077	96,2
	II	27,4	26,2	25,8	24,7	24,6	89,8
ш.Душанбе	I	7088	7414	7742	8159	8115	114,5
	II	36,8	36,7	38,5	39,7	39,3	106,9
НТҶ	I	2561	2846	2549	2602	2644	103,2
	II	13,3	14,1	12,7	12,7	12,8	96,4
ба 10000 аҳолӣ							
Дар ҷумҳурӣ	I	20,7	21,3	20,5	20,6	20,3	98,1
	II	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
ВМКБ	I	21,4	22	21,1	14,6	19,9	93,0
	II	103,4	103,3	102,9	70,9	98,0	94,8
Хатлон	I	11,5	12,1	11,9	11,9	11,9	103,5
	II	55,6	56,8	58,0	57,8	58,6	105,5
Суғд	I	19,5	19,3	18,5	17,8	17,5	89,7
	II	94,2	90,6	90,2	86,4	86,2	91,5
ш.Душанбе	I	82,1	84,2	64,9	67,3	65,9	80,3
	II	396,6	395,3	316,6	326,7	324,6	81,8
НТҶ	I	11,8	12,8	12,3	12,3	12,2	103,4
	II	57,0	60,1	60,0	59,7	60,1	105,4
Эзоҳ: I-нишондиҳо; II-бо % нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ.							

Сарчашма: Маҷмӯаи оморӣ. [19, с. 48]

Буҳрони норасоии назарраси мутахассисони баландихтисос дар муассиаҳои тандурустии ватанӣ аз омилҳои зерин иборат мебошанд:

- таъминоти нокифоя бо кадрҳои тиббӣ ва паст будани самаранокии истифодаи иқтидори мавҷуда;
- тавозуни манфии кадрҳо: баланд будани синни миёнаи кормандони соҳаи тандурустӣ;

- мавҷуд набудани консепсияи давлатии сиёсати кадрӣ дар соҳа;
- номукаммал будани барномаҳои мониторинги шуғли мутахассисони ҷавон;
- номукаммал будани системаи банақшагирии кадрҳо дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ;
- набудани ҳавасмандӣ ва манфиатдорӣ барои беҳтар кардани фаъолияти кормандони тиб;
- мутобиқ набудани сифати омода намудани мутахассисони соҳаи тандурустӣ тиббӣ ба талаботи муосир ва эҳтиёҷоти соҳаи тиб ва вазифаҳои ислоҳоти соҳаи тиб;
- шаффофият, субъективизм ва формализми механизмҳои иҷозатномадиҳии амалияи тиббӣ, аккредитатсияи муассисаҳои тиббӣ, аттестасияи кормандони тиб дар якҷоягӣ бо суст ва баъзан тамоман ғайрикифоя татбиқ намудани раванди стандартикунонии амалияи тиббӣ боиси амиқ шудани проблемаи таъмини сифати хизматрасонии тиббӣ мегардад.

Бо мақсади рафъи нобаробарӣ дар таъминоти кадрии системаи нигаҳдории тандурустӣ, системаи пешгӯии дарозмуддати категорияҳои кадрҳои тиббӣ мувофиқи талаботи нигаҳдории тандурустӣ бо назардошти стратегия ва афзалиятҳои ислоҳоти соҳа, берун аз равандҳои муҳоҷирати дохилӣ ва нобудшавии табиӣ, тартиб додани барномаҳои маҳаллии таъминоти кадрҳои соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки онҳо талаботи соҳаи тандурустиро бо тиббибон дар шароити ғайримарказкунонӣ қонеъ мегардонанд. Баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои инсонӣ дар соҳаи тандурустӣ тавассути: таҳияи стандартҳои касбии мутахассисони соҳаи тандурустӣ, ки барои ташаккули равишҳои ягонаи муқаррар

намудани стандартҳо аз бахшҳои гуногуни ёрии тиббӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ имкон медиҳад ва ба истифодаи оқилонаи захираҳои инсонӣ дар соҳаи тандурустӣ оварда мерасонад; таҳияи меъёрҳои шаффофи баҳодиҳии фаъолияти кормандони соҳаи тиб барои ҳамаи категорияҳои вазифаҳо ва корҳои касбии амалияи тиббӣ иҷрошуда кумак намуда, самаранокии ин соҳаро таъмин менамояд.

Бояд қайд намуд, ки шумораи беморхонаҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 536 ададро ташкил додааст, ки нибат ба соли 2019 40 адад ё ин ки 8,5 %-ро зиёд мебошад. Миқдори катҳои хоб дар беморхонаҳо дар соли 2023 нибат ба соли 2019 2138 (5,3%) зиёд бошад паст ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022 132 адад кам мебошад.

Ҷадвали 2.4. - Шумораи беморхонаҳо ва катҳои хоб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Солҳо / Минтақаҳо		2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2019 %
Дар ҷумҳурӣ	I	494	525	523	535	536	108,5
	II	40698	41578	42092	42968	42836	105,3
	III	43,7	43,7	42,9	43,0	42,1	96,3
ВМКБ	I	36	37	37	39	38	105,6
	II	1964	1964	1974	2231	2019	102,8
	III	85,8	84,9	86,1	96,6	86,7	101,0
Хатлон	I	156	161	160	162	165	105,8
	II	11306	11416	11277	11386	11507	101,8
	III	33,8	33,3	32,3	31,9	31,5	93,2
Суғд	I	173	181	179	180	182	105,2
	II	15236	15450	15380	15411	15589	102,3
	III	56,3	56,1	54,9	54,1	53,9	95,7
ш.Душанбе	I	49	52	56	60	58	118,4
	II	6241	6630	7332	7717	7688	123,2
	III	72,3	75,3	61,4	63,7	62,4	86,3
НТҶ	I	80	94	91	94	93	116,3
	II	6241	6630	7332	6223	6033	96,7
	III	27,5	27,6	29,5	29,3	27,8	101,1

I-шумораи муассисаҳои табобатӣ, II-катҳои табобатӣ, III-катҳо ба сари 10000 аҳолӣ

Сарчашма: *[19, с.49]*

Тибқи ҳисоботҳои оморӣ дар соли 2021 1341,0 ҳазор бемор дар ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисфи зиёди онҳо бинобар сабаби набудани катҳои хоб дар беморхона бистарӣ шуда натавониста, дар муҳити хона табобат мегиранд. Роҳҳои баромадан аз ин мушкилот ин механизмҳои ҷалби маблағгузорӣ ва дастгирии давлатии соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб меравад. Зеро бисёре аз беморхонаҳо дар ҷумҳурӣ моликияти давлатӣ буда, беморхонаҳои хусусӣ нисбат ба беморхонаҳои давлатӣ хеле кам мебошанд. «…ин ҳолати хеле муҳим буда, аз зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва андешидани тадбирҳои воқеии самарабахш дар самти такмили фаъолияти ин соҳа аз ҷиҳати ташкил, идоракунӣ, маблағгузорӣ, мониторинг ва арзёбии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ва дар маҷмуъ дарак медиҳад» [87, с. 43].

Вобаста ба касри буҷаи мамлакат ва норасоии маблағҳои буҷетӣ дар мамлакат зарурияти пайдо намудани роҳҳои ҷалби маблағгузорӣ ва сармоягузории соҳаи тандурстиро пайдо намуд, зеро бе ҷалби сармоягузорӣ инфрасохтори соҳаи тандурустии мамлакатро дар сатҳи зарурӣ муҳайё кардан ғайриимкон мебошад.


Тибқи маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар ҷумҳурӣ 6 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи тандурустӣ бо маблағи 119599,52 ҳазор доллари ИМА амал мекунанд [12]. Мақсади асосии лоиҳаҳои мазкур беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ дар Тоҷикистони, хизматрасониҳои маҷмӯӣ барои модар ва кӯдак, муборизаи бар зидди бемориҳои сил, ҳифзи саломатии модару кӯдак ва беҳтар намудани самти ёрии таъҷилии тиббӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон ва табобат ва пешгирии бемории фалаҷ мебошанд.

Лоиҳаи Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ «...аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ва Фонди мақсадноки натиҷаҳои инноватсионӣ дар соҳаи тандурустӣ ба маблағи 33 млн.доллари ИМА маблағгузорӣ мешавад ва аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Бо омӯзонидани кормандони тиб, сохтмон ва ҷиҳозонидани муассисаҳои тиббӣ ва аз ҳама муҳим, бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххаси ҳавасмандгардонии молии кормандони соҳаи тандурустӣ ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои беҳтар тавассути равиши «маблағгузории натиҷаи фаъолият», лоиҳа ба боло бурдани сатҳи фарогирӣ ва сифати хизматрасониҳои асосии кумаки аввалияи тиббию санитарӣ нигаронида шудааст» [105, с.248].

Дар баробари ин давоми солҳои 2015-2019 дар доираи лоиҳаи «Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ» ба 2800 кормандони тиб дастгирии молиявӣ намуда, ба 1300,0 ҳазор нафар аҳолӣ бо хизматрасонии босифати тиббӣ фаро гирифта шуданд. Дар доираи ин лоҳа 37 муассисаҳои тандурустии самти кумаки аввалияи тиббиву санитарӣ бо маблағгузории Бонки умумиҷаҳонӣ сохта шуда, бо 85 номгӯи дастгоҳу таҷҳизоти муосири тиббӣ, мебели махсус, занҷираи нигаҳдории хунукӣ барои ваксинаҳо, сарчашмаи алтернативии истеҳсоли неруи барқ таъмин карда шудааст [20].


Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар иншоотҳои ғайри истеҳсолӣ дар 5 соли охир тамоили болоравӣ дорад. Дар баробари ин, сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ба дар соҳаи тандурустӣ дар соли 2023 ҳарчанд нисбат ба соли 2019 муодили 4,6% коҳиш ёфта бошад, лекин нисбат соли 2022 2 баробар зиёд шудааст (диаграммаи 2.2).

Диаграммаи 2.2. Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: таҳияи муаллиф аз рӯи [14, с. 121]

Диаграммаи 2.3. Ба истифода додани фонҳои асосӣ аз ҳисоби сармоягузорӣ дар соҳаи тандурустии Тоҷикистон




Сарчашма: таҳияи муаллиф аз рӯи [14, с. 121]

Дар динамикаи сармоягузорӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ бошад, таносуби пасту баландӣ дида шуда, раванди он дар 3 соли охир поин рафта, дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 325 млн.сомонӣ кам мебошад.

Ба истифода додани иншоъотҳои ғайриистеҳсолӣ дар соли 2023 5313,2 млн.сомониро ташкил дода, соҳаи тандурустӣ дар он 1,6 %-ро ташкил додааст. Ҳаҷми зиёди сармогузорӣ дар истифодаи фондҳои асосии муассисаҳои тиббӣ ба соли 2019 рост омадааст, ки дар ин сол дар ҳаҷми 341,4 млн.смонӣ дар ин самт равона карда шудааст.

Диаграммаи 2.4. - Ба истифода додани фонҳои асосӣ аз ҳисоби сармоягузорӣ дар соҳаи тандурустии Тоҷикистон



Сарчашма: таҳияи муаллиф аз рӯи [14, с. 121]

Дар доираи сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2023 176 кати хоб дар беморхонаҳои навтаъсис ташкил карда шуда, амбулатория-дармонгоҳо бо 385 қабули шаҳрвандон дар як шабонарӯз дар ҳаҷми сармоягузориҳои дар расми боло овардашуда ба истифода дода шудааст (диаграммаи 2.4). Сохтмони дармонгоҳо, марказҳои саломатӣ, амбулаторияҳо,

лабараторияҳои замонавӣ, ташхисгоҳҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ роҳандозӣ карда нашудаанд. Барои рушди бозори суғуртаи тиббӣ инфрасохтори муҷаҳази тандурустӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ зарур аст, зеро ширкатҳои суғуртавӣ шартномаи дуноҷониба ба он беморхонаҳои ба имзо мерасонанд, ки раванди хизматрасонии тиббӣ, расонидани ёрии авалияи тиббӣ, сатҳи касбияти табибон баланд бошад.

Ҳамзамон, шарти асосии шартномаи дуҷонибаи ширкатҳои суғуртавӣ ба муассисаҳои тиббӣ ин рушди низоми ғайринақдӣ ва расонидани химатрасониҳои босифати тиббӣ ба суғурташудагон мебошад. Таи солҳои охир дар базе минтақаҳои ҷумҳурӣ (ВМКБ, ш.Душанбе, НТМ) сохтмони беморхонаҳои замонавӣ, ки бо технологияи пешқадами табобатӣ ҷавобгӯ бошад баистифода дода нашудааст.

Ҷадвали 2.5 – Бо истифода додани беморхонаҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби манбаъҳои сармоягузорӣ (кат)

Солҳо / Минтақаҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2023 /2019, %
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	469	577	247	197	176	37,5%
ВМКБ	-	-	20	-	-	-
в.Хатлон	244	270	55	52	120	49,1
в.Суғд	25	307	172	120	56	2,2 мар.
ш.Душанбе	200	-	-	-	-	-
НТҶ	-	-	-	25	-	-

Сарчашма: *[19, с. 84]*

Сохтмони беморхонаҳо бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва маблағгузории давлатӣ то ба ҳол қонеъкунанда нест, зеро барои рушди бозори суғуртаи тиббӣ инфрасохтори соҳаи тандурустӣ бояд хуб муҳайё карда шавад, ки ташкилотҳои

суғуртавӣ тавонанд аҳолии дорои даромади миёна ва баландро ҷалб намуда, ба ин роҳ маблағгузории соҳаи тандурустиро таъмин намоянд.

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ислоҳоти соҳаи тандурустӣ шумораи зиёди муассисаҳои тиббии хусусӣ пайдо шуда, дар бозори хизматрасонии тиббӣ рақобат ба вуҷуд омада, дар ин баробар таваҷҷуҳ ба сифати хизматрасонии онҳо зиёд шуд. Ба даст овардан ва нигоҳ доштани сатҳи баланди рақобатпазирии муассисаҳои тиббӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини роҳбарияти муассисаҳои тандурустӣ мебошад, ки татбиқи он дар заминаи навоварии технологияҳои идоракунӣ ва ҷорӣ намудани онҳо ба фаъолияти функсионалии муассисаҳои тиббӣ имконпазир аст. Пурзӯр намудани талабот ба сатҳи тахассусӣ, ахлоқию равонӣ ва ахлоқии кадрҳое, ки ба меъёрҳои одоби тиббӣ ва деонтология риоя мекунанд; риояи дараҷаи дахлдори таъминоти моддию техникӣ ва молиявии фаъолияти муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ.

Ҳаминтавр, чи тавре, ки аз таҳлилҳо боло бармеояд раванди моликунонӣ, сармоягузорӣ, таъминоти кадрии дар муассисаҳои тандурустӣ танзими пурраро талаб менамояд. Суғуртаи иҷтимоӣ низ дар шароти иқтисодӣ бозорӣ барои таъмини сабати истеҳмолӣ кифоякунанда набуда, самтҳои ва роҳҳои навӣ маблағгузории онро пайдо намудан лозим аст. Барои баромадан аз буҳрони кадрӣ ва молиявии муассисаҳои тандурусӣ рақобатпазирии муассисаҳоро дар дорира суғурати тиббӣ таъмин намуда, ҷалби манбаҳои иловагии сармоягузорӣ ва молиякунонии соҳаро пайдо намудан лозим аст. Омилҳои асосии рақобатпазирии муассисаи тандурустӣ инҳоянд: самаранокии тиббӣ, яъне қобилияти то ҳадди имкон пурра

қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон тавассути пешниҳоди маҷмӯи пурраи хизматрасониҳои тиббии босифат ва самаранокии маъмурӣ, пеш аз ҳама самаранокии идоракунии маъмурӣ, молиявӣ, кадрӣ, иттилоотӣ, алоқа дар идоракунии муассиса, воҳидҳои он, захираҳо. Роҳбарияти муассисаи тиббии муосир бояд барои таъмини самараи максималии синергетикии фаъолияти функсионалии он кор кунад.

Хулоса ва пешниҳодҳои зербоби 2.1.

1. Яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, ва ҷорӣ намудани суғуртаи тиббӣ ин баланд бардоштани маърифати молиявии шаҳрвандон ва дар ин баробар, беҳтар намудани сифати ёрии тиббӣ, ташкил намудани қитъаҳои беморхонаҳо ба ҳисоб меравад. Таъмини фаъолияти самараноки онҳо ва идоракунии онҳо дар асоси ба назар гирифтани омилҳои ибтидоии зерин имконпазир аст:

- самаранокии ноҳиябандиии беморхонаҳо бо рушди онҳо ҳамчун системаҳои функсионалии динамикии мутобиқшавӣ, ки ба мушкилот ва талаботи муҳити фаъолияти онҳо нигаронида шудаанд, объективона будани ҳамбастагиҳои муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ ва номгуи хизматҳои тиббие, ки аз ҷониби онҳо пешниҳод ва муайян карда мешавад;

- доираи васеи иштирокчиёни беморхонаҳо зарурати ҷорӣ намудани шаклҳои самарабахши ҳамкории шарикиро дар таҳия ва қабули қарорҳои стратегӣ оид ба рушди бозори суғурта аз ҷумлаи суғуртаи ҳайёт ва саломати ва роҳандозии онҳо;

- мустақилияти идоракунӣ ва молиявии муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ барои баланд бардоштани сифати ёрии тиббӣ имкониятҳои калон фароҳам меоварад, ки онро дар сурати ҷорӣ намудани шаклу усулҳои прогрессивии хизматрасонии тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ ва муқаррар намудани ҳамкории мутақобила бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор ба амал баровардан мумкин аст.

2. Ҳангоми ташкили таъминоти моддию техникии муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ барои тадбиқи низоми суғуртаи тиббӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки идоракунии моддию техникӣ дар асоси амалҳои зерин истифода бурда шавад:

- сохторҳои техникию технологии анборҳо ва базаҳои тиббӣ дар асоси системаҳои автоматикунонидашудаи чандири роботӣ;

- пешгӯии талабот ва пешниҳод ба моликияти тиббӣ ҳангоми банақшагирии стратегии системаҳои логистикӣ;

- таҳлили моделҳои пушрафта вобаста ба гузариши соҳа ба низоми суғуртаи тиббӣ;

- оптимизатсияи комплексии интиқол ва тақсимоти молу мулки тиббӣ, ки асосноккунӣ ва ташкили шабакаҳои системаҳои нигоҳдорӣ ва муайян кардани минтақаҳо ва муайян намудани шакли хизматрасониҳо, ки дар доираи шартнома ба ширкатҳои суғуртавӣ иҷро карда мешавад;

- ташкили ҳамкории байни клиникаҳо ва хадамоти таъҷилӣ дар вақти воқеӣ барои расонидани ёрии тиббӣ ба суғурташудагон. Ин имкон медиҳад, ки ҷараёни беморон ба беморхонаҳо оптимизатсия карда шавад, аз изофаборӣ пешгирӣ карда шуда, кадрҳо ва таҷҳизот барои қабули беморони вазнин, беморони ҳолати вазнин ва ғайра омода карда шуда, рушди суғуртаи тиббӣ таъмин карда мешавад.

3. Сарфи назар аз он, ки модели буҷетии маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, аҳолӣ тақрибан нисфи ниёзҳои тиббии худро аз ҳисоби маблағҳои худ пардохт менамоянд. Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ механизми суғуртавии маблағгузории соҳаи тандурустиро таҳия намуда, ба суғуртаи ихтиёрии тиббӣ афзалиятҳои бештар додан лозим мебошад, ки ин имкон медиҳад сатҳи хизматрасонии тиббӣ хуб гардида, дастрасӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ осон мегардад.

2.2. Таҳлили бозори суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суғртаи тиббӣ ҳамчун низоми молиявӣ дар бозори суғуртаи ватанӣ таҷрибаи на он қадар бойд дошта, он ҳамчу механизми молиявӣ барои беҳтар намудани раванди молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ, баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳои тиббӣ ва рушди бозорӣ суғуртавӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди пешрафта хизмат мекунад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ суғуртаи тиббӣ ҳамчун қувваи истеҳсолкунанда барои беҳтар намудани вазъи солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи даромаднокии молиявии хонаводаҳо аз ҳисоби сарфаи маблағ барои хароҷтҳои тиббӣ хизмат менамояд.

Аҳамияти суғуртаи тиббӣ дар бозорӣ хизматрасониҳои тиббии ватанӣ баъд аз хуруҷи пандемияи коронавирус COVID-19 дар соли 2020 пайдо шуд, ки одамон ба мушкилоти пешниҳоди хизматрасонии аввалияи тиббӣ, маблағгузории нокифоия муассисаҳои тиббӣ-дармонгоҳӣ, норасоии катҳои хоб дар беморхонаҳо, норасоии маводҳои доруворӣ ва муолиҷаи беморон дар муҳити хона бамиен омад. Дар бисери

аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон суғуртаи тиббӣ ҳамчун таҷрибаи пешқадам самаранокии худро нишон дода, муассисаҳои тиббӣ бе полиси суғуртавӣ беморонро қабул наменамоянд.

Дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои суғурати таббӣ ҳамчун низоми соҳибкорӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти саҳомӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи бахши моливӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ амал мекунад. «...Заминаи меъёрии ҳуқуқию бахши суғурта, ки тули солҳои охир фароҳам оварда шудааст, метавонад ба рушди он мусоидат кунад. 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», ки соли 2016 қабул карда шудааст, се гурӯҳи асосии суғуртаро пешбинӣ менамояд, аз ҷумла суғуртаи ҳатмии давлатӣ, суғуртаи ҳатмӣ ва суғуртаи ихтиёрӣ. Суғуртаи ҳатмӣ асосан суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии соҳибони воситаҳои нақлиётро дар бар мегирад. Нишондиҳандаҳои суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи хизматрасониҳои бонкӣ дар сатҳи паст қарор доранд» [17, с. 30]. Танзими бозори суғуртаи миллӣ бо ҳуқуқи молиявӣ на танҳо бо хусусияти ҳуқуқии ҷамъиятии ҳифзи суғурта, балки бо таъсири он ба гардиши маблағҳои пулие, ки тавассути низоми суғурта аз нав тақсим мешаванд ва дар ин замина нақш ва мақоми суғуртаро ширкатҳои суғуртавӣ дар иқтисодиёт ба таври объективӣ муайян мекунанд.

Бинобар фаъолияти молиявӣ доштани ширкатҳои суғуртавӣ аз моҳи октяби соли 2016 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назрати фаъолияи суғуртавӣ ба зимаи

Бонки миллии Тоҷикистон гузошта шуда, дар сохтори бонки мазкур Идораи назорати суғуртавӣ ташкил карда шуд. Ин ниҳод танзим ва назорати ягонаи суғуртаро оид ба масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ (литсензиякунонӣ), пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии ташкилотҳои суғуртавӣ, баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ, усулҳои суғуртакунӣ ва ҳамоҳангсозии суғуртакунӣ амалӣ менамояд.

Айни замон дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ 16 ширкати суғуртавӣ ба хизматрасонии гуногуни суғуртавӣ машғул мебошанд. Чи тавре, ки аз маълумотҳои (ҷадвали 2.6) дида мешавад, дар сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи миллӣ ҳамасола тағйиротҳо ба миён меояд. Аз як тараф ворид шудани иштирокчиёни нав ва аз тарафи дигар ба муфлисшавӣ рӯбарӯ шудани ширкатҳои ватанӣ ба чашм мерасад.

Ҷадвали 2.6. - Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (адад)

Солҳо / Нишондиҳандаҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2021/ 2017 (-+)
Ташкилотҳои суғурта-вии давлатӣ	2	2	2	1	1	-1
Ташкилотҳои суғурта-вии ғайридавлатӣ	16	15	14	15	15	-1
Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила	1	1	0	0	0	-1
Филиали ташкилотҳои суғуртавӣ	77	77	72	66	66	-11
Ҳамагӣ	96	95	88	82	82	-14

Сарчашма: *[1, с. 10]*


Дар сохтори бозори суғуртавӣ 1 адад ширкати суғуртавии ватанӣ ва 15 адад ширкати суғуртавӣ хусусӣ фаъолият намуда,

ҳамчуни воҳиди махсуси ширкатҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ 66 филиал амал мекунад. Дар баробари он, ки ширкатҳои суғуртавӣ фаъолияти худро дар бозорӣ суғуртавӣ ва молиявии кишвар руш медиҳанд, лекин тамоили барҳамхурии ширкатҳои суғуртавӣ бачашм мерасад. Аз соли 2019 то соли 2021 2 ширкати хусусӣ фаъолияти хуро қатъ намуда, дар ин миён як ширкати дигар таъсис дода шудааст. Дар бозори суғуртавӣ маркази дастгирии суғуртаи мутақобила фаъолият мекард, ки соли 2021 иҷрозатномаи он аз ҷониби Бонкии миллии Тоҷикистон бозхонд карда шуда, як ширкати суғутавии давлатӣ низ фаъолияти худро қатъ намудааст. Дар баробари ин, дар соли 2021 5 филиали ташкилотҳои суғуртавӣ, соли 2022 6 филиал дар маҷмуъ дар давомим 2 сол 11 филиал баста шуданд, ки ин барои рушди бозори суғтаи бетаъсир нахоҳад буд.

Танҳо дар соли 2021 иҷозатномаи 2 ширкати суғуртавии ватанӣ ҶДММ "ДС суғурта" ва ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" гирифта шуда, ба як ширкат ҶДММ "Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила" иҷозат барои фаъолияти минбаъда дода шудааст. Ин тамоюл аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ширкатҳои суғуртавӣ фаъолияти начанд густурда дошта, дар бозори хизматрасонӣ ба мушкилотҳои гуногун рӯбарӯ мешаванд.

Чи тавре, ки маълумотҳои диаграммаи 2.5. дида мешавад, ҳаҷми дороиҳои ширкатҳои суғуртавӣ дар соли 2023 815,6 млн.сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2019 362,7 млн.сомонӣ ва ё 80% зиёд гаштааст. Тамоили зиёдшавии дороиҳои ширкатҳои суғуртавӣ аз фаъолияти хуби моливии онҳо дар давоми 5 соли охир дар бозои суғуртавӣ гувоҳи медиҳад.

Диаграммаи 2.5. - Дороиҳои ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



***Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси* [1, с. 10].

Диаграммаи 2.6. - Динамикаи дороиҳои сармоявӣ дар низоми суғуртавӣ




Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси* [1, с. 10].

Сармояи оиномавии ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили болоравӣ дошта, дар соли 2023 334,4

млн.сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2019 213,3 ё 2,7 маротиба зиёд шудааст (диаграммаи 2.7.). Сармояи худии низоми суғуртавӣ дар соли 2023 463,4 млн.сомонӣ буда, дар таносуб ба сармояи оиномавӣ 129,0 млн.сомонӣ ва ё 38,5% зиёд мебошад. Болоравии сармояи худии ширкатҳои суғуртавӣ аз ҳисоби афзоиши сармояи оиномавӣ, сармояи захиравӣ ва фоидаи тақсимнашуда дар соли 2023 мебошад.

Диаграммаи 2.7. - Миқдори шартномаҳои басташуда аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1, с. 10].

Чи тавре, ки аз маълумотҳои диаграммаи 2.7. дида мешавад, аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ бо суғурта-шавандагон аз рӯи ҳама суғуртаҳо дар соли 2023 2322,0 ҳазор адад шартнома ба имзо расонида шудааст, ки дар таносуб ба соли 2022 9,8% зиёд мебошад. Миқдори ками шартномаҳои басташуда аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ ба соли 2020 рост меоянд, ки дар таносуб ба соли 2019 17,0 банди фоизӣ поин рафтааст. Дар динамикаи рушди бозори суғуртавӣ тағирот

дида шуда, рушди он на ҳама сола ба таври зарурӣ таъмин карда шудааст.

Воридоти маблағҳои пулӣ ва ё мукофоти суғуртавӣ яке аз самтҳои асосии ширкатҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2023 аз ҳисоби мукофтҳои суғуртавӣ ба ширкатҳои суғуртавӣ 430,5 млн.сомонӣ ворид карда шудааст, ки рушди он дар сатҳи 33,9% нигоҳ дошта шудааст, ки дар даҳсолаи охир баландтарин нишондиҳанда дар бозори суғуртаи мамлакат ҳисобида мешавад.

Диаграммаи 2.8. - Миқдори воридот ва ҷуброни суғуртавӣ аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1, с. 10].

Самаранокии иқтисодии ширкатҳои суғуртавӣ нисбат ба дигар фаъолиятҳои иқтисодӣ хело баланд мебошад. Чи тавре, ки аз расми 2.2.4. дида мешавад, ки дар соли 2023 ба ширкатҳои суғуртавӣ ба миқдори 430,5 млн.сомонӣ маблағ ворид шуда, дар ин баробар аз ҷониби ширкатҳо ҳамчун


ҷуброни зарар ба миқдори 22,7 млн.сомонӣ пардохт намудаанд, ки 0,5%-и ҳаҷми маблағҳои воридшударо ташкил медиҳад. Миқдори зиёди пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ ба соли 2021 рост меоянд, ки аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ ба миқдори 91,8 млн.сомониро ташкил додааст, ки 32,1% маблағҳои воридшуда ва ё мукофтоҳои суғуртавиро ташкил медиҳанд.

Динамикаи даромади ташкилотҳои суғуртавӣ низ якранг набуда, тамоюли пасту баландшавӣ дар онҳо ба назар меравад. Мушкилоти асосии ширкатҳои суғуртавии ватанӣ дар набудани мутахассисони хуби соҳавӣ ва низоми маркетингӣ ё таблиғоти хизматрасониҳои суғуртавӣ дар миёни аҳолӣ ба ҳисоб мераванд. Қисми зиёди аҳолӣ аз шаклҳои хизматрасонии суғуртавӣ хабар надошта, тарзи ситонидани ҷуброни суғуртавӣ низ ба онҳо номаълум мебошад. Бозори суғуртаи тиббӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ то ба имрӯз рушд накардааст. Ширкатҳои суғуртавиро зарур аст, ки механизмҳои нави ҷалби муштариён ба навъҳои хизматрасонии онҳоро пайдо намуда, раванди идоракуниро тибқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монанд.

Бояд гуфт, ки аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ дар шароити имрӯза барои ҳифзи саломатии одамон суғуртаи тиббӣ ва суғуртаи ҳайёт роҳандозӣ карда шудааст. Вобаста ба суғуртаи ҳайёт ҳаминро бояд қайд намуд, ки он ҳайёт ва саломатии суғурташудагонро дар бар гирифта, барои ҳодисаҳои зерин амалӣ карда мешавад: - бардоштани ҳодисаҳои вазнини ҷисмонӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуш; - фавти шахси суғурташуда дар давоми муҳлати суғуртавӣ; - заҳролуд шудани бадан аз набототи заҳрнок, моддаҳои рӯзгор,

озуқавории бадсифат, саноатӣ, доруворӣ ва ғайра ҳодисаҳое, ки ба саломатии одамон таъсир мерасонад. Фарқи суғуртаи ҳайёт аз суғуртаи тиббӣ дар он мебошад, ки муҳлати суғуртаи тиббӣ то 1 сол буда аз суғуртаи ҳайёт то 20 сол ва самтҳои хизматрасониҳои тиббӣ дар ҳарду якранг набуда, ҳар яке самтҳои гуногуни саломатиро дарбар мегиранд.

Диаграммаи 2.9. - Шартномаҳои басташудаи суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи тиббӣ



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асосӣ [1, с. 10].

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 2.9. маълум аст, таносуми фурӯши полисӣ суғуртавӣ ва ё бастани шартнома дар доираи суғуртаи тиббӣ бо ширкатҳои суғуртавӣ дар соли 2023 12469 ададро ташкил додааст, ки дар таносуб ба соли 2019 788 адад ва ё 6,7 % зиёд мебошад. Динамикаи суръати рушди суғурати ҳайёт нисбат ба суғуратаи тиббӣ баланд мебошад, зеро суғуртаи ҳайёт муҳлати амалиаш то 20 солро дар бар гирифта, ҳар як сол полиси суғуртавӣ ба шахсони нав фурухта шуда, ба миқдори суғурташудагон

ҳамасола инҳо зам карда мешаванд. Суғуртаи тиббӣ бошад, аз нав суғурта карда мешаванд ва дар ин баробар ворид шудани шахсони нав кам баназар мерасад. Дар давоми солҳои 2021-2023 таносуби суғуртакунандагон якранг буда, зиёдшавии назаррас бачашм намерасад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ дар соли 2023 полиси суғуртаи тиббӣ дар ҳаҷми 49448,0 ҳазор сомонӣ фурухтааст, ки нисбати соли 2019 дар ҳаҷми 14928 ҳазор сомонӣ ва ё 30,2 % зиёд мебошад. Суғуратаи тиббӣ нисбат ба суғуртаи ҳайёт хело зиёд буда, динамикаи он якранг ва болоравии назаррас дар он дида намешавад (диаграммаи 2.10.).

Диаграммаи 2.10. - Таносуби воридоти ҳақи суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи тиббӣ дар ширкатҳои суғуртавӣ



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асосӣ [2, с. 10].

Таносуби болоравии суғуртаи тиббӣ аз соли 2020 ба назар мерасад, ки сабаби асосии он дар ин сол гирифтории бисери аҳолӣ ба бемории сироятӣ ва рубарӯ шудан ба норасоии

маблағҳои пулӣ, дастрасии нокифоя ба маводҳои доруворӣ мебошад. Дар ин замина, таваҷҷуҳи бештари аҳолии шаҳр барои суғурта намудани саломатии худ ба ширкатҳои суғуртавӣ муроҷиат намуданд ва дар ин баробар корхона ва ташкилотҳо низ барои суғурта намудани кормандони худ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Аз маълумоти омории Бонки миллии Тоҷикистон бар меояд, ки қисми зиёди шартномаҳои (полиси) суғуртаи ихтиёрии тиббӣ мансуб ба кормандони он ташкилоту муассисаҳое мебошанд, ки ба ҳайси ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд ва инчунин ба он шаҳрвандоне тааллуқ дорад, ки ба хориҷи кишвар сафар мекунанд.

Яке аз самтҳои муҳими шартномаи суғуртавӣ ва ё полисӣ суғурта ин пардохти ҷуброни зарар ба ҳисоб меравад, ки иҷроиши ин тарафи уҳдадориҳои аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ хело муҳим мебошад. Дар соли 2023 аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳама навъҳои суғурта ба суғурташудагон дар ҳаҷми 24446,8 ҳазор сомонӣ ҷуборони суғуртавӣ пардохт карда шудааст, ки дар таносуб ба соли 2019 5359,7 ҳазор сомонӣ ва ё 28,1 % зиёд мебошад (ҷадвали 2.7.).

Чи тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 2.7. дида мешавад пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар соли 2023 дар доираи суғуртаи тиббӣ 2841,1 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2019 1186,0 ҳазор сомонӣ ва ё 71,1 % зид мебошад. Таносуби суғуртаи тиббӣ дар ҳаҷми умумии ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи ҳама суғуртаҳо дар сатҳи 15,7 %-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба суғуртаи ҳайёт, суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ зиёд мебошад. Ҳаҷми зиёди пардохти ҷуброни зарар ба суғуртаи ихтиёрӣ рост меояд, ки 70,87% ҳаҷми умумии пардохтҳоро ташкил додааст.

Ҷадвали 2.7. - Пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз.сомонӣ)

Солҳо / Нишондиҳандаҳо		2019	2020	2021	2022	2023	2021 / 2017 - +
Ҳамагӣ ҷуброни суғурта	I	19087,1	22664,8	95630	27705,4	24446,8	28,19
	II	100	100	100	100	100	0,00
Суғуртаи ҳаёт	I	2153,8	2210,1	2301,2	2402	2512,1	16,64
	II	11,28	9,75	2,40	8,6	10,2	-10
Суғуртаи тиббӣ	I	1655,1	1417,8	1510,1	2431,4	2841,1	71,1
	II	8,67	6,25	1,57	8,7	15,7	81,05
Суғуртаи ҳатмии давлатӣ	I	125,8	180	261,3	166,4	147,8	17,49
	II	0,65	0,79	0,27	0,60	0,60	-9,0
Суғуртаи ҳатмӣ	I	1563,5	1634,8	2233,9	749,4	626,2	- 59,8
	II	8,19	7,213	2,336	2,70	2,56	- 68,75
Суғуртаи ихтиёрӣ	I	13588,9	17222,1	89323,5	21956,2	17339,6	27,60
	II	71,19	75,98	93,40	79,25	70,87	-1,1

I-нишондиҳанда, **II**- фоиз нисбат ба маблағи умумӣ


***Сарчашма**: Таҳияи муаллиф аз рӯи: [1, с. 10].*

Ҳамчунин, бояд қайд намоем, ки дар соли 2020 пардохти ҳаққи суғуртавӣ ва маблағҳои ҷуброни он дар бозори суғуртавии ватанӣ раванди муътадили афзоишёбӣ дошт ва ҳаҷми ҷубронҳо маҷмӯан ба 1417,8 ҳазор сомонӣ баробар шуда. Чунин тамоюли рушд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шаҳрвандон ҳангоми бавуҷуд омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ ва рӯйпӯши зарари он ба ташкилотҳои суғуртавӣ бештар муроҷиат намудаанд.

Чуноне аз маълумотҳои диаграммаи 2.11. дида мешавад, дар соли 2020 ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба бемории сироятии COVID -19 ҳамагӣ 11419 полиси суғуртавӣ фурухтаанд ва шартнома ба суғуташудагон дар доираи суғуртаи тиббӣ ба имзо расонидаанд, ки дар натиҷа ба

ширкатҳо дар ҳаҷми 195,5 ҳазор сомонӣ ҳаққи суғуртавӣ ворид гардидааст. Аз ин маблағ дар ҳаҷми 35,7 ҳазор сомонӣ ё 18,3 фоиз ҷуброни суғуртавӣ пардохт гардида, дар доираи ин муомилаҳо ширкатҳои суғуртавӣ дар ҳаҷми 159,8 ҳазор сомонӣ даромад гирифтаанд.

Диаграммаи 2.11. – Динамикаи суғуртаи тиббӣ оид ба бемории COVID -19 дар соли 2020




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [2, с. 10].

Бояд қайд кард, ки дар самти рушди бозори суғуртавӣ дар шароити имрӯза монеаҳое мавҷуданд, ки садди роҳи рушди ин бозор мегардад. Тибқи назарсанҷие, ки аз ҷониби муаллиф дар миёни ширкатҳои суғуртавӣ анҷом дода шуд, маълум гардид, ки мушкилоти асосӣ, ки ба раванди фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ монеа эҷод менамоянд, инҳо ба шумор мераванд: 44,4%- и ширкатҳои қайд намуданд, ки бюрократия ва шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо, 22,2% бо номукаммал истифодабарии механизмҳои суғуртавӣ, 11,1% бо монеаҳои маъмурӣ санҷишҳои беасос назорати чандтарафа ва 22,2% бо дигар монеаҳо (11,1% бо кам будани муҳлати эътиборномаҳо

ва 11,1% бо набудани таваҷҷуҳи самимӣ аз ҷониби ҳамаи иштирочиёни бозори суғуртавӣ) (диаграммаи 2.12.).

Диаграммаи 2.12. - Монеаҳои асосие, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти иҷозатномагирӣ ва назорат дучор шудаанд.




***Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси назарсанҷӣ*

Шикояти бисере аз ширкатҳои суғуртавӣ дар санҷишҳои беасосо ва ғайринақшавӣ аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои баҳисоб меравад. Вобаста ба зарурияти ин масъала Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ қайд намуданд, ки: «...санҷишҳои беасос аз ҷониби сохторҳои алоҳида зиёд шудааст вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки дар давраи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои

соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад» [12]. Ин иқдом имкон медиҳад, ки монеҳои сунъи дар раванди санҷиҳои андозӣ аз байн бардошта шавад.

Дар баробари ин, монеаҳои дигар мавҷуданд, ки рушди бозори суғуртаро боз медоранд ва талаботи аҳолиро ба он коҳиш медиҳанд. Тибқи назарсанҷиҳо маълум карда шуд, ки мушкилии асосӣ дар паст будани маърифати молиявии шаҳрванд мебошад, ки 27,9%- пурсидашудагон мушкилоти асосии фаъолияти суғуртавии худро дар он диданд. 25,6 % - ин дар нобоварии суғурташудагон ба низоми суғуртаи тиббӣ мебошад, ки ин раванд ба мушкилоти аввал рабт дорад (диаграммаи 2.13). Нобоварӣ дар асоси надоштани маълумоти кофӣ вобаста ба низоми суғурта ва раванди фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ мебошад, ки ҳадру мушкилот ва ё менеа зиеда аз 50%-ро дар бозори суғуртавӣ ташкил медиҳад.

Диаграммаи 2.13. - Монеаҳои асосии ташкилотҳои суғуртавӣ дар низоми суғуртаи миллӣ




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарсанҷӣ

Мушкилоте дигаре, ки дар низоми суғуртаи тиббӣ ба чашм мерасад ин нарасидани мутахассисонӣ касбӣ мебошад. Аслан дигар мушкилотҳо ва монеаҳое, ки дар диаграммаи 2.13. оварда шудааст, дар доираи ин мушкилот ба вуҷуд меоянд, зеро нобоварии мардум ва ҷомеа аз низоми суғута ин мушкилии асосии ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд, ки дар давоми фаъолияти худ мутахассисони ширкатҳои суғуртавӣ ба ҷомеа натавонистан хусусиятҳои хос ва самаранокии суғурта аз ҷумла суғуртаи тиббиро расонанд. Ҳамзамон нокифоя будани таблиғот низ ба касбияти пасти мутахассисони соҳаи маркетингии ширкатҳои суғуртавӣ рабт дорад. Инчунин, раванди омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самтҳои иқтисодӣ на онқадар ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошад ва ин раванд зери таваҷҷуҳи доимии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар ҳама баромадҳои худ таъкид меварзад, ки мо бояд мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ тарбия намоем. Ин мушкилот дар раванди истеҳсолот дар бозори суғуртаи тиббӣ тибқи назарсанҷӣ низ бачашм расид.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки сабаби асосии дар низоми суғуртаи тиббӣ байни ширкатҳои суғуртавӣ пеш аз ҳама рафтори ғарикасбии мақоми назорати суғуратавӣ ва номуайянӣ дар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа мебошад, ки 23,8%-ро пурсидашудагон бар ин ақидаҳанд. Дигар мушкилотҳо, ки айни замон дар бозорӣ суғуртавӣ баназар мерасад, ки 11,9%-ширкатҳои суғуртавӣ онро ҳамчун менеъаи асосӣ қайд намудаанд, ин набудани рақобати озод дар бозори суғуртавӣ ва рақобат байни ширкатҳои суғуртавии давлатӣ ва хусусӣ мебошад.

Носолимии рақобат дар бозор боиси косташавии низом гашта, ба муфлисшавӣ ва паст шудани сатҳи хизматрасониҳо оварда мерасонад. Дар ин замина, таваҷҷуҳи аҳолӣ низ ба ширкатҳои коста мегардад, ки дурнамои фаъолияти ширкатҳои суғуртавиро душвор мегардонад.

Диаграммаи 2.14 - Мушкилоти ташкилотҳои суғуртавӣ дар низоми суғуртаи миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарсанҷӣ

Диагр мушкилоте, ки ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун меноеа фоъолияти худ ҳисобидаанд, ин имкониятҳои сусти молиявии бозори миллӣ барои ҷойгир кардани хавфҳои калон мебошад. Дар ин замина, ширкатҳои суғуртавӣ ҷалби сармоягузорӣ бинобар хавҳои зиёди молиявӣ роҳандозӣ карда наметавонанд ва ё ба фаъолияти сармоягузорӣ машғул шуда наметавонанд. Ҳамзамон, 11,9 дарсади ширкатҳои суғуртавӣ аз тағрибаи кам ва тағрибаи нокофии ширкатҳои суғуртавь дар соҳаи арзёбии комплексии хавфҳо, идоракунӣ ва ҳалли талаботҳои суғуртавӣ шикоят намуданд. Ин ҳам боз бармегардард бар сари омода намудани мутахассисон ва

набудани курсҳои такмилии ихтисосӣ касбӣ барои мутахассисони ширкатҳои суғуртавӣ. Дар баробари ин, ширкатҳои суғуртавӣ барои гузаронидани мутахассисони худ аз курси такмили ихтисос дар хориҷи кишвар кушиш наменамоянд ва ё бинобар сабаби гарон будани арзиши чунин курсҳо маблағҳоро ба ин самт ҷудо наменамоянд, агар ҷудо кунандҳам хело кам мебошад. Ин боиси он гаштааст, ки имрӯзҳо ширкатҳои суғуртавӣ ба норасоии мутахассисони варзида ниёз пайдо намуда, ва дар баробари ин аз сатҳи пасти касбияти мутахассисони худ дар бозори суғуртавӣ шикоят менамоянд.

Дар баробари ин, барои рушди ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд омилҳои дигари таъсиррасон мавҷуданд, аз ҷумла омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҷамъиятӣ ва технологӣ. Барои дуруст баҳododани омилҳои дар боло зикргардида усули таҳлили PEST истифода мешавад, ки истифоди ин усул имконият медиҳад, ки омилҳои таъсиррасон гурӯҳбанди карда шаванд ва бо усули дараҷаҳо коэффитсиентҳои мушаххас муайян карда мешавад.

Гурӯҳи якум омилҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама суботи ҳукумат ва мақсадҳои мақомоти давлатиро нисбат ба рушди ҷомеа дар маҷмӯъ ва аз ҷумла соҳаи суғуртаи тиббӣ тавсиф мекунанд. Мақсади асосии омӯзиши омилҳои сиёсӣ дар соҳаи суғурта фаҳмидани таъсири давлат ба ин соҳа, инчунин мавқеи ҳукумат дар робита бо сармояи хориҷӣ мебошад.

Гурӯҳи дуюмро омилҳои иктисодӣ ташкил медиҳанд, ки ин вазъи иқтисодии бозори суғуртаи тиббӣ, ҳосили вазъи иқтисодии мамлакат, вазъи молиявии муассисаҳои тандурустии кишвар мебошад.

Гурӯҳи сеюми омилҳои иҷтимоӣ буда, динамикаи афзалиятҳои истеъмолкунандагон, сохтори аҳолӣ, афзалиятҳои динии он, анъанаҳои фарҳангӣ, хусусиятҳои миллӣ, инкишофи тафаккури бозорӣ, вазъи иҷтимоӣ, даромаднокии онҳо, сатҳи саводнокии аҳолӣ ва ғайраро муайян мекунанд.

Гурӯҳи чорум омилҳои технологи башумор мераванд, ки таҳлил ва тадқиқотбарии ташкилдиҳандаҳои технологӣ дар самти муассисаҳои тандурустӣ ва суғурта имконият медиҳад, ки дараҷаи рушди технология дар ин соҳа муайян карда шавад.

Барои муайян кардани таъсири омилҳо ва бо нишондиҳандаҳои оморӣ ишора кардани онҳо, ба мо мебояд аз натиҷаи бадастомада ҷадвали 2.3. таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионо истифода барем ва муаян созем, ки кадом омилҳо барои рушди соҳаи суғуртаи тиббӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии зиёдтар мерасонанд.

Ҷадвали 2.3. - Таҳлили коррелятсионии омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ

	Y	***X₁***	***X₂***	***X₃***	***X₄***
Y	1				
X₁	0,79923	1			
X₂	0,838689	0,89936	1		
X₃	0,957529	0,798825	0,879772	1	
X₄	0,897894	0,799491	0,85995	0,859633	1
***Эзоҳ: y** – рушди соҳаи суғурта; **x1** – омилҳои сиёсӣ; **x2** – омилҳои иқтисодӣ; **x3** – омилҳои ҷамъиятӣ; **x4** – омилҳои технологӣ*					

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Аз таҳлили коррелятсиони маълум мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол таъсири омилҳои ҷамъиятӣ ба 0,95 баробар буда ин хело баланд мебошад, бояд қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ фарҳанги суғуртавӣ ва маърифати молиявии аҳолӣ начандон баланд буда, аз рӯи модели регрессионии:

$$y = 8{,}3 - 9{,}7x_3; \quad (2.1)$$

амали шудаистодааст, ки ин корбари ва татбиқи чорабиниҳои дигарро ба миён меорад.

Аз ҷадвали 2.3. маълум мегардад, ки рушди технологияҳои инфоратсионӣ дар самти суғурта на чандон рушдёфта мебошад, такя ба ҷадвали 2.3. якчанд омилҳоеро қайд кардан мумкин аст, ки бояд дар ҷумҳурӣ рушд дода шаван, аз ҷумла:

a) рушди маҷозии суғуртакунонӣ;

b) фурӯши полиси суғуртаҳои ихтиёрии тиббӣ тавассути маҷозӣ;

c) истифодаи технологияи иттилооти навтарин дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва ғ;

d) рушди низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар раванди хизматрасониҳои тиббӣ тибқи корти суғуртавӣ.

Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ки рушди суғуртаи тиббӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ дар самти тадбиқи ин низом аз рӯи модели зерин амали гардида истодааст:

$$\boldsymbol{y = 5{,}7 + 12{,}4x_1 - 4{,}3x_2 - 9{,}7x_3 - 1{,}58x_4}; \quad (2.2.)$$

Аз модели маскур хулоса кардан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввал омилҳои $\boldsymbol{x_3}$, $\boldsymbol{x_4}$ ва баъдан омилҳои $\boldsymbol{x_2}$, $\boldsymbol{x_1}$ тақвият ва рушд дода шаванд, ки ин омилҳо барои рушти соҳаи суғуртаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ таъсири мутақобилаи роста мерасонанд.

Ҳамин тавр, барои рушди минбаъдаи низоми суғуртаи тиббӣ ва бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта дар раванди фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ пеш аз ҳама танзми давлатии фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ пурзур намудан лозим аст. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи танзимкунандаи суғуртаи тиббӣ бояд дар асосии таҷрибаи кишварҳои рушдкарда таҳия ва роҳандозӣ карда шуда, монеъаҳои сунъи дар самти санҷишҳои ғайринавбатӣ ва рақобати носолим аз байн бардоштан лозим аст, дар акси ҳол рушди бозори суғурта дар доираи стратегия ва барномаҳои давлатӣ таъмин кардан имконпазир нахоҳад шуд.

Хулоса ва пешниҳодҳои зербоби 2.2.

1. Бо мақсади шафофият дар раванди рақобати озод дар бозори суғуртаи миллӣ Бонки миллии Тоҷикистонро ҳамчун сохтори назораткунандаи бозори суғуртавиро зарур аст, ки дар низоми суғуртаи миллӣ механизмҳои нави танзими ин соҳаро барои ҳама иштирокчиени бозори суғуртавӣ ҷорӣ намуда, фоъоилияти суғуртавиро барои ҳама иштирокчиён якхела муаяйн кунад. Ин имконият медиҳад, рақобати озод дар миёни иштирокчиён таъмин карда шуда, сатҳи сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷумла суғуртаи тиббӣ баланд шуда, баро рушди бозори суғурта шароитҳо фароҳам оварда мешавад;

2. Вобаста ба беҳтар намудани танзим ва назорати ширкатҳои суғуртавӣ ва содда намудани иҷозатдиҳии ширкатҳои суғуртавӣ бояд корҳои зерин иҷро карда шавад:

- мунтазам гузаронидани пурсишҳо ва таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва маркетингӣ дар байни ширкатҳои суғуртавӣ барои муаяйн намудани мушкилотҳои ҷойдошта дар соҳа;

- роҳандозии курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони ширкатҳои суғуртавӣ ва назорати раванди он аз ҷониби мақомотҳои танзимкунандаи соҳа;
- ҷорӣ намудани системаи мониторин ва баҳодиҳии фаъолияти хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби мақомотҳои танзимкунандаи соҳа;
- таҳияи дастурамал ва қоидаҳо барои таблиғи низоми суғуртаи миллӣ ва шаклҳои суғурта, самаранокии суғурата барои аҳолӣ, раванди хариди полиси суғуртавӣ ва амалишавии он;
- Бонки миллии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои суғуртавиро мебояд, ки ҳангоми таҳия ва мукаммал намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми суғурта мутахассисон аз ташкилотҳои суғуртавӣ муассисаҳои олии касбии иқтисодӣ ва олимони соҳавиро низ ҷалб намоянд.

3. Ҷорӣ намудани низоми андозбандии ягона барои ширкатҳои суғуртавие, ки суғуртаи ихтиерии тиббиро амалӣ менамояд ва аз байн бурдани дигар андозҳо. Дар ин замина, кам кардани меъёри андози иҷтимоӣ барои ширкатҳои суғуртавӣ, ки айни ҳол 20%-ро ташкил медиҳад ва кам кардани маблағи дивидентҳои муаассисон ва ҳангоми ба фонди оиномавӣ ворид намудани он аз андоз пурра озод карда шаванд. Ин тахфифҳои андозӣ барои ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун дастгирии фаъолияти ширкатҳои ҳисобида шуда, бурои рушди минбаъдаи он заминаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ гузошта мешавад.

2.3. Арзёбии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бозори комили суғуртаи миллӣ шарти асосии рушди иқтисодиёт баҳисоб рафта, такмили минбаъдаи он маҳаки асосии афзалятноки самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар сиёсати давлатӣ ҳисобида мешавад. Дар шароити имрӯза бозори суғурта бояд сарчашмаи асосии молиякунонӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун сармоягузор дар бозорҳои иқтисодӣ баромад намоянд. Зеро маблағҳое, ки аз ҳисоби мукофоти суғуртавӣ дар ширкатҳо ҷамъоварӣ карда мешавад, бояд ҳамчун маблағҳои алтернативӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишвар дар шакли кутоҳмуддат истифода бурда шаванд. Ин метавонад, барои рушди соҳаи тандурстӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ё муҳайё намудани инфрасохторӣ тандурустӣ дар самти тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ роҳандозӣ карда шавад.

Барои рушди минбаъдаи фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, бозори суғуратаи тиббӣ аз ҷумла суғуртаи ихтиёри тиббӣ пеш аз ҳама баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ зарур мебошад. Дар ин замина, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” қабул шудааст, ки ҳадафи стратегияи мазкур мустаҳкам намудани самтҳои ҳуқуқӣ ва пояҳои молияии ширкатҳои суғуртавӣ баҳисоб рафта, беҳтар намудани самтҳои хизматрасониҳои молиявиро дар доираи суғуртаи тиббӣ пешбини менамояд. Дар стратегияи мазкур оварда шудааст, ки: «...новобаста аз дастовардҳои солҳои охир, бозори суғуртаи кишвар рушди минбаъдаро тақозо мекунад. Таҳия ва мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи суғурта, таҳкими иқтидори ташкилотҳои суғуртавӣ,

васеъ кардани доираи хизматрасониҳои суғуртавӣ, аз ҷумла маҳсулоти суғуртавӣ дар асоси принсипҳои суғуртаи исломӣ (такофул), таҳияи нақшаи таҳқиқот ва гузаронидани таҳқиқоти махсус оид ба масъалаҳои суғурта» яке аз самтҳои афзалятнок то давраи соли 2026 баҳисоб меравад» [17, с. 74].

Стартегияи мазкур барои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, фарогирии аҳолӣ бо кортҳои бонкӣ, мустаҳкам намудани низоми пардохтҳои ғайринақдӣ нақши арзанда дошта, барои тадбиқи пурраи низоми суғурати ихтиёрии тиббӣ заминаҳои мустаҳкам фароҳам хоҳад овард. Зеро тадбиқи пурраи низоми суғурати ихтиёрии тиббӣ аз аҳоли маърифати моливиро тақозо менамояд ва низоми амалишавии он низ ба тариқи ғайринақдӣ буда, аз ҳар як суғурташуда истифодаи дурусти онро талаб менамояд.

Суғуртаи тиббӣ ба маънои васеъ дар марҳалаи кунунӣ муносибатҳои нави иқтисодӣ дар шароити бозор мебошад, ки моҳияти он аз ташкили системаи таъминоти тиббию иҷтимоӣ иборат аст, ки дастрасии ройгон ва хизматрасонии тиббии дурустро ба ҳамаи суғуртакунандагон пешниҳод менамояд.

Аз ибтидои соли 2020 аз сабаби пандемия аз коронавирус Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахшҳои мухталиф - сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигаргуниҳои назаррас аз сар мегузаронад. Ин ҳодиса дигаргуние ба вуҷуд овард, ки ислоҳоти низоми иқтисодӣ ва мутобиқсозии онро ба муҳити нави тиҷоратро тақозо мекард. Бо дарназардошти ин тамоюлҳо, шартномаҳои суғуртаи тиббӣ роҳи самараноки коҳиш додани сарбории молиявӣ дар давраи пандемия ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолии мувофиқ мебошанд.

Дар ин замина, мутобиқшавӣ ба ҳар як падидаҳои номатлуб ва бемориҳои сирояти, ки таи солҳои охир миқдори онҳо бамаротиб меафзоят зарурияти тадбиқи пурраи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ боз ҳам зиёд мешавад. Зеро, роҳандозии пурраи

суғуртаи тиббӣ сарбории молиявии буҷаи давлат дар соҳаи тандурустиро коҳиш дода, раванди молиякунонии муассисаҳои тиббӣ ва ташхисгоҳоро хуб мегардонад.

Вобаста ба он, ки низоми суғуртаи тиббии ихтиёрӣ ташакул ёбад, бояд ба шартҳои асосии ширкатҳои суғуртавӣ, муассисаҳои тандрустӣ ҷавобгӯ бошанд, ҳам аз лиҳози моддӣ-техникӣ, кадрҳои баландихтисос, расонидани хизматрасониҳои босифати тиббӣ-ташхисӣ ва ҳам аз лиҳози пардохтҳои ҳамаҷонибаи ғайринақдӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ширкатҳои суғуртавии ватанӣ имрӯзҳо танҳо бо беморхонаҳои хусусӣ дар самти роҳандозӣ ва тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ шартномаҳои дуҷониба ба имзо мерасонанд. Чи тавре, ки аз ҷадвали 2.8. дида мешавад, ширкатҳои суғуртавӣ ба он муассисаҳои тиббӣ шартнома бастаанд, ки хусусӣ буда ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Ҷадвали 2.8 – Муассисаҳои тиббӣ-ташхисие, ки ширкатҳои суғртавӣ бо онҳо ҳамкорӣ менамоянд

Муассисаи тиббӣ	Ташхисгоҳҳои тиббӣ	Дорухонаҳо
Ибни Сино	Диамед	Саломат
Диамед-клиника	Жасмин	
Клиникаи-дандонпизишкӣ	Нурафзо	
Форобӣ	Гемотест	
Шифо	Аго Хон	
Акси шифо	Озмоишгоҳи миллии Референси	
Маркази ташхиси тибии Оғо-Хон		
Садаф-1988		
Нурафзо		
Даво		
ҶДММ “Тибби муосир”		
ҶДММ “Мадади Акбар”		

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ширкатҳои суғуртавӣ

Ин муассиаҳои тиббии замонавии типпи нав мебошанд, ки хизматрасониҳои босифати тиббиро бо ҷалби мутахассисон аз хориҷи кишвар роҳандозӣ намуда, дар онҳо омилҳои номатлуб ва коррупсионӣ ба чашм намерасанд, зеро ҳама хизматрасониҳо ба тариқи ғайринақдӣ роҳандозӣ карда шуда, бо табибон муомиллаи пулӣ сурат намегирад. Ин тарафи масала таваҷҷуҳи бештари ширкатҳои суғуртавиро ба худ ҷалб намудааст, зеро роҳандозии суғуртаи тиббӣ дар доираи корти суғртавӣ ки ба суғурташуда дода мешавад, амалӣ карда мешавад.

Ҷадвали 2.9. – Ширкатҳои суғуртавӣ дар низоми суғуртаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ширкатҳо	Шумораи навҳои суғурта тибқи иҷозатнома	Шумораи навҳои суғуртаи амалишуда	Суғуртаи тиббӣ	Мукофоти суғуртавӣ, бо %	Муҳлат, моҳ
КВД "Тоҷиксуғурта"	22	22	+	1 то 5	1 то 12
ҶДММ "ТС "Муин"	15	10	+	1 то 5	1 то 12
ҶДММ "ТС "Меҳнат"	18	7	+	2 то 6	1 то 12
ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта"	18	5	+	2 то 6	1 то 12
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншу-ренс"	13	4	+	1 то 10	1 то 12
ҶДММ "ТС Итминон"	11	11	-	-	
ҶДММ "ТС Бима"	21	6	+	1 то 10	1 то 12
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	21	7	+	1 то 10	1 то 12
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	18	7	-	-	
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	12	4	+	1 то 6	1 то 12
ҶСП ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ""	21	6	-		
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	10	3	-		
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	7	2	+	1 то 6	1 то 12
ҶДММ ТС Такаффул"	14	3	-		
ҶДММ "ДС суғурта"	14	8	+	2 то 10	1 то 12
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	21	8	-		

Сарчашма:таҳияи муаллиф дар асоси маълумот аз сомонаи ширкатҳои суғуртавӣ

Дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалинамоии хизматрасониҳои аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ таҷрибаи он қадар бой надоранд. Бисере аз ширкатҳои ин навъи суғуртаи аз соли 2020 инҷониб амалӣ менамоянд. Аз 16 ширкати суғуртавии фаъолият-кунанда дар низоми суғуртаи миллӣ 6 ширкати он низоми суғуртаи ихтиёрии тиббиро то ба имрӯз амалӣ намекунанд ва аз ҷониби 10 ширкати дигар раванди суғуртаи ихтиёрии тиббӣ амалӣ карда мешавад. Ширкатҳои суғуртавӣ навъҳои суғртае, ки дар асоси иҷозатномаашон бояд роҳандозӣ намоянд, то ба имрӯ қисми зиёди ширкатҳо ҳама онро тадбиқ накадаанд.

Шартти асосии муҳлати бастани шартнома дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар ҳама ширкатҳо аз 1 моҳ то 1 солро дарбар гирифта, мукофоти суғуртавӣ дар ҳар як ширкат ба таври гуногун роҳандозӣ карда шудааст, ки фоизи баланди мукофоти суғуртавӣ аз ҷониби ширкатҳои Спитамен Иншуренс, ТС Бима, ТС Бима Ҳаёт ва ДС суғурта пардохт карда мешавад, ки аз 1 то 10 %-ро дарбар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ хизматрасониҳои гуногуни тиббӣ-ташхисӣ, табобати барқарорсозӣ, муоинаи тиббии нақшавӣ ва дигар шалкҳои ёрии тиббӣ вобаста ба ҳаҷми маблағи суғурташуда дар давоми сол пешниҳод карда мешавад. Шаклҳои хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар расми 2.1. оварда шудааст.



Расми 2.1. Шарҳи хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ширкатҳои суғуртавӣ

Чи тавре, ки аз расми 2.1. дида мешавад, хизматрасониҳои гуногуни тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ пешниҳод карда мешавад, ки тибқи он ҳар як суғуракунанда имконият дорад дар доираи он ба ҳам дар муҳити хона ва ҳам дар беморхона ба табобат фаро гирифта шавад. Ҳамзамон химатрасониҳои доруворӣ ҳангоми пешниҳоди варақаи дорухат ба ширкати суғуртавӣ аз ҷониби онҳо маводҳои доруворӣ ба хонаи шахси суғурташуда дастрас карда мешавад, ки ин механизм барои тадбиқи низоми суғуратаи тиббӣ ҳангоми роҳандозии хуби талиғотӣ ва маркетингии ширкатҳо дар назди аҳолӣ боварии онҳоро зуд бадаст меоварад.

Ҷадвали 2.10. - Барнома ва категорияҳои химатрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (сомонӣ)

Хизматрасониҳои тиббӣ	№1	№2	№3
Мукофоти суғуртавӣ барои як корманд дар як сол	750	1000	2000
Маблағи ҷуброни суғуртавӣ барои як корманд дар як сол	7600	11000	22800
аз ҷумла барои гирифтани: Ёрии таъҷилӣ	1000	2000	5000
Амбулаторию дармонгоҳӣ	2000	3000	5000
Беморхонавӣ	4000	5000	10000
Стоматологӣ	300	500	1500
Дорувориҳо	300	500	1300

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ҶДММ "ТС Бима"

Чи тавре, ки аз ҷадвали 2.10. дида мешавад аз ҷониби ширкати суғуртавии ТС Бима барномаи химатсонии тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар ҳаҷми 10% ва зиёда аз он дар доираи ҳаҷми маблағ амалӣ карда мешавад. Агар шахси суғурташаванда ба миқдори 750 сомонӣ дар давоми сол саломатии худро суғурта намояд, пас аз ҷониби ширкати суғуртавӣ барои гирифтани табобат, ташхис, ёрии тиббӣ ва дигар шаклҳои хизматрасонии тиббӣ, ки дар шартномаи дуҷониба дарҷ карда шудааст ба маблағи 7600 сомонӣ ҷуброн пардохт менамояд. Моблағи ҷуброн вобаста ба шакли хизматрасонӣ тақсим карда мешавад аз он ҷумла: ташхис ва табобати беморхонавӣ 4000 сомонӣ, ёрии таъҷилӣ 1000 сомонӣ, ёрии амбулаторӣ-дармонгоҳӣ 2000 сомонӣ, стомотологӣ 300 сомонӣ ва хариди доруворӣ дар ҳаҷми 300 сомонӣ амалӣ карда мешавад. Ин барои баланд бардоштани буҷаи хонавода аз ҳисоби масрафи маблағи пардохти табобатӣ ва бемориҳо кумак хоҳад расонид.

Раванди муроҷиати шахсони суғуташуда дар доираи суғртаи ихтиёрии тиббӣ тибқи дарстурамали ширкатҳои суғуртавӣ дар ду

шакл бинобар сабаби пурра ба низоми ғаринақдӣ нагузаштани муассисаҳои тандурустӣ роҳандозӣ карда мешавад. Бо корти тиббӣ ва ба тариқи мустақилона бе корти тиббӣ, ки дар расми 2.2. оврада шудааст.



Расми 2.2. – Марҳилаи гирифтани ёрии тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф


Расонидани ёрии тиббӣ бе корти тиббӣ дар дилҳои муассисаҳои тандурустӣ амалӣ карда мешавад, ва ҷуброни зарар баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳо тасдиққунадае, ки дар расми 2.2. оварда шудааст ба шахси суғурташуда аз ҷониби

ширкати суғуртавӣ пардохт карда мешавад. Ин раванд каме душвориро барои шахси суғурташуда ба бор меоварад, зеро онро зарурат пеш меояд, ки ҳақи хизматрасонии тиббиро худ пардохт намуда, баъдан маблағро аз ширкати суғуртавӣ ситонад. Ин омил боиси сарфаи зиёд вақт ва кори зиёдати мешавад ва бисёри аз шаҳрванд бинобар ҳамин сабабҳо аз суғуртаи тиббӣ даст мекашанд, дар акси ҳол суғуртаи тибби барои ҳар як шаҳрванд ва оила дар шароити имрӯза хело муфид мебошад.

Бояд қайд намуд, ки бинобар сири фаъолияти тиҷорати доштан бисёри аз шикатҳои суғуртавӣ, ки муаллиф бо мактуби расми муроҷиат намуданд аз пешниҳоди маълумотҳои мушаххас дар бораи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ худдорӣ намуданд. Вобаста ба ширкатҳои алоҳида дар ин самт, маълумоти оморӣ мавҷуд нест, бинбар ин раванди тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббиро дар бозори суғтавӣ дар доираи фаъоли ҶДММ “ТС Бима” баррасӣ менамоем. Бояд гуфт, ки ҶДММ “ТС Бима” амалишавии суғуртаи ихтиёрии тиббиро аз соли 2021 оғоз намуда, дар давоми 3 сол дар бозори суғуртавӣ фаъолият намудани ба дастовардҳои назаррас ноил шудааст.

Ширкати суғуртавии ТС Бима шарномаи дуҷонибаро бо корхонаҳо ва ташкилот дар суғуртаи ихтиёрии тиббӣ сол аз сол зиёд намуда истодааст. Агар шумораи шарикон дар соли 2021 49 ададро ташкил дода бошад пас ин нишондод дар соли 2023 ба 65 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2021 16 адад ё 32,0% зиёд мебошад.

Диаграммаи 2.15. – Раванди муроҷиати шаҳрванд ба ширкати суғуртавӣ дар доираи суғуратаи ихтиёрии тиббӣ



Сарчашма:таҳияи муаллиф дар асосӣ [21, с. 10].


Шарикони ширкат асосан ташкилотҳои хориҷӣ ва ё филиали ташкилотҳои хориҷӣ ва ё ширкатҳои муосире, ки саҳмгузоронашон шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд ба имзо расонида шудааст. Аз қабили: ширкати Кока-Кола, Тселл, Мегафон, Бонки Аврупои таҷдид ва рушд, Бонки рушди Авруосие, Ширкати Оғо-Хон, меҳмонхонаи Хилтон ва дигарон. Таҷрибаи суғуртаи кормандон аз ҷониби дигар ширкатҳои ватанӣ бо ширкатҳои суғуртавӣ ба чашм намерасан. Ҳар як роҳбар бояд саравал дар фикри саломати ва некуаҳволии корманд бошад ва барои рушди қобилияти зеҳнӣ ва беҳтар намудани саломатии ҳар як корманд кӯшиш намояд. «...Ғайр аз ин, корфарморо вазифадор намояд, ки масъулияти шаҳрвандии худро дар бозори суғурта барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ) суғурта намояд» [85, с. 65]. Ин чунин маъно

дорад, ки агар коргар ҳангоми иҷрои уҳдадорихои меҳнатӣ маъюб шавад, он гоҳ тамоми оқибатҳо, аз ҷумла нафақаи таъиншуда аз тарафи ташкилоти суғуртавӣ (абадӣ) бе сарфи маблағи буҷети давлатӣ ба ин кор дода мешавад.

Таҷрибаи Ҷопон дар ин самт хело ҷолиб аст: «...даромади коргари Ҷопон намудҳои гуногуни пардохт барои ниёзҳои иҷтимоӣ ва вазъи иҷтимоӣ мебошад. Дар Ҷопон менеҷменти дохилиширкатӣ аз ҳисоби қисми зиёди пардохтҳо барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, таъсири худро берун аз ҳудуди ширкат паҳн карда, соҳаи истироҳат, фарҳанг, хизматрасонии тиббӣ ва бисёр дигар паҳлӯҳои ҳаётро фаро мегирад» [39, с. 108]. Чорбаниҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқдомҳои мативатсионӣ ҳар қадар амиқтар ва васеътар бошад, имкони таъсиррасонӣ ба шахс ҳамон қадар бештар карда, қобилияти идора кардани ҳосилнокии меҳнатро дар дохили корхона таъмин мекунад, агар ин ҳангоми гирифтани фармоишҳои иловагӣ ё самти дигар кардани истеҳсолот зарур бошад.

Танҳо дар соли 2023 аз ҷониби шикати суғуртавии ТС Бима бо 5236 нафар шартномаи дуҷониба ба суғурташудагон ба имзо расонида шудааст, ки дар таносуб ба соли 2022 373, соли 2021 497 адад зиёд мебошад. Дар ин замина, аз ҷониби суғурташудагон 5358 маротиба ба муассисаҳои тандурустӣ ва дармонгоҳҳо мурочиат намуда, ба онҳо хизматрасониҳои тиббӣ расонида шудааст (диаграммаи 2.16.). Ҳамзамон, дар ширкатҳо химатрасониҳои алоқавӣ Call service амал мекуананд, ки суғурташаванда метавонад барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ бидуни корти тиббӣ мурочиат намуда, дар ин замина бо пешниҳоди санадҳои зарурӣ маблағи ҷуброн ба суғурташуда пардохт карда мешавад.

Диаграммаи 2.16. –Динамикаи мурочиати суғуртавандагон бо муассисаҳои тиббӣ дар доираи суғуратаи ихтиёрии тиббӣ




Сарчашма:таҳияи муаллиф дар асоси [21].

Пардохти ҷуброни зарар яке аз ҷузъҳои асосии шартномаи суғуртавӣ баҳисоб меравад, ки ширкатҳои суғуртавӣ бояд онро саривақт ва бе нигоҳ доштани фосилаи вақт амалӣ намоянд. Вобаста ба он, ки ширкатҳои суғуртаи тиббӣ ба бисере аз беморхонаҳои ватанӣ шартномаи дуҷониба дар самти роҳандозии хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ба имзо нарасонидаанд, аз дигар тараф бисери аз шаҳрвандон, ки маълумоти молиявӣ ва фарҳанги истифодаи воситаҳо ва роҳҳои пардохтҳои ғайринақдиро надоранд, вобаста ба ин, дар раванди тадбиқи ҳамаҷонибаи низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар кишвар душвориҳоро барои ширкатҳои суғуртавӣ ба миён меорад. Дар баробари ин, механизми гирифтани ҳуҷҷат аз муассисаҳои тиббӣ ва ба ширкати суғуртавӣ бурда расонидани он барои бисере аз суғурташавандагон сарбории

зиёдро ба бор меоварад ва онҳо аз бастани шартнома дар доираи суғуртаи тиббӣ худдорӣ менамоянд, ки ин таҷриба дар бозори суғртаи ҳатмӣ баръало бачашм мерасад. Аз он, ки суғурташудагон кам муроҷиат менамоянд, ширкатҳои суғуртавӣ аз ин ҳисоб фоидаи хуб низ мебинанд.

Диаграммаи 2.17. – Пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба суғуртушудагон дар доираи суғуратаи ихтиёрии тиббӣ



Сарчашма:таҳияи муаллиф дар асои [21].

Чи тавре аз диаграммаи 2.17. дида мешавад, аз ҷониби ширкати суғуртавии ТС Бима дар соли 2023 3552,6 ҳазор сомонӣ ҳамчун мукофоти суғуртавӣ ва ё ҷуброни зарар ба суғурташудагон пардохт карда шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021 415,8 ҳазор сомонӣ ва соли 2022 639,3 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷуҳи корхона ва муроҷати шахсии шаҳрвандон дар барои гирифтани суғуртаи ихтиёрии тиббӣ зиёд шуда истодааст. «…Муассисаҳои суғуртавӣ ба шахсони

суғурташуда ҳангоми гирифтани ёрии тиббӣ ба андозаи муайян ҷуброн маблағҳоро пардох менамояд. Дар айни замон қариб ҳамаи ташкилотҳои суғуртаи ҷумҳурӣ маҳз аз рӯи ҳамин схема амал мекунанд, яъне ба аҳолӣ полисҳои суғуртаи ихтиёрии тиббиро мефурушанд. Бояд қайд кард, ки дар ин вариант ҳамеша қаллобии суғурта вуҷуд дорад, яъне: беасос боло бурдани арзиши кӯмаки тиббии табибон, додани шаҳодатномаҳо ва квитансияҳои сохта ба «бемор» дар бораи кӯмаки эҳтимолии тиббии ба ӯ расонидашуда, ва гайра» [85, с. 65], ки ин омилҳои ба ширкатҳои суғуртавӣ хавфҳои зиеди молиявиро бабор меоваранд.

Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда метавон гуфт, ки бозори дохилии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар марҳилаи рушд қарор дорад. Ва гарчанде бисёр масъалаҳои мушкилие вуҷуд доранд, ки ҳалли фаврии онҳоро тақозо мекунанд, ҳанӯз ҳам стратегияи рушди минбаъдаи он ва имкони расидан ба сатҳи минтақавӣ вуҷуд дорад.

Дар қатори таҳлили маълумотҳои расмии оморӣ оид ба вазъи муосири раванди суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон муаллиф барои амалисозии пешниҳоди худ оид ба андозагирии сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи хизматрасониҳои ташкилотҳои тиббии суғуртавӣ тадқиқоти сотсиологӣ анҷом додааст, ки хусусияти ҷустуҷӯӣ дошта, ба муайян кардани мушкилот ва тамоюлҳои асосии рушди ин соҳа нигаронида шудааст. Тадқиқоти мазкур ба масъалаи ташаккул ва рушди суғуртаи тиббӣ дар минтақаҳо, аз ҷумла омӯзиши андешаҳои аҳолӣ дар бораи имкониятҳои амалисозии суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ ва нақши суғуртаи тиббӣ дар ҳамкории аҳолӣ бо ташкилотҳои тиббӣ ва ташкилотҳои суғуртакунандаи тиббӣ бахшида шудааст.

Пурсишнома аз 8 савол иборат буда, дар вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе ва НТМ гузаронида шуда, аз 500 нафар кормандони касбу кори гуногун посух гирифта шудааст, ки чунин натиҷа доранд *(Замима 1)* .

Аз натиҷаи саволномаи якуми пурсишнома маълум мегардад, ки 178 нафар шаҳрвандон (аз 500 нафар пурсидашудагон) ва ё 35,6 фоиз дар бораи суғурта ва ё суғуртаи ҳатмии тиббӣ тамоман маълумот надоранд. Ин ҷо омили дигареро низ бояд ба инобат гирифт, ки ҳамаи (500 нафар) пурсидашудагон дорои маълумоти олӣ мебошанд ва ин хеле муҳим аст. Илова бар ин 218 нафар ё 43,6 фоизи ба саволҳо ҷавоб дода, дар бораи суғурта ва ё суғуртаи ҳатмии тиббӣ камтар маълумот доранд. Танҳо 104 нафари онҳо ё 20,8 % дар бораи саволи додашуда маълумоти пурра доранд. Доир ба савол хулоса баровардан мумкин аст, ки 79,2 фоизи пурсидашудагон дар бораи суғуртаи тиббӣ маълумот надоранд. Пас агар дар ду шаҳри калонтарини мамлакат чунин ҳолати дарки маданияти суғуртавӣ дида шавад, дар дигар шаҳру ноҳияҳо ҳолат аз ин ҳам ташвишовар аст. Пешниҳод оид ба саволи дуюм, ки Шумо худ ва аҳли оилаи худро суғуртаи тиббӣ намудаед аз 500 нафар пурсидашудагон 103 ҷавоби ҳа ва 397 ҷавби не, яъне 79,4%-и пурсидашудагон суғуртаи тиббиро ба худ нагирифтаанд.

Муҳимтарин саволи пешниҳодшуда ин буд, ки: Шумо барои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ имконияти чанд сомонӣ супориданро дар як моҳ доред? 209 нафар имконияти 10 сомонӣ, 151 имконияти аз 10 то 20 сомонӣ, 87 нафар имконияти аз 20 то 40 соморӣ ва 53 нафар тамоман имконият надоранд. Дар ҳар ҳолат, танҳо 10,6% пурсидашудагон имконияти суғурта кардани худро надоранд, ки онҳо аз

хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ огоҳ нестан. Вобаста ба ин, имконияти пурра тадбиқ намудани низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳаст.

Ҳамин тавр натиҷаи пурсиши гузаронида аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми зиёди аҳолии мамлакат вобаста ба суғуртаи тиббӣ ва равандҳои тадбиқ ва ба даст овардани он маълумоти кофӣ надоранд. Дар баробари амалкарди СҲТ дар ҷумҳурӣ қисми зиёди аҳолии аз хизматрасонии пулакӣ истифода менамоянд, ки қисми зиёди он ба таври ғайриқонунӣ мебошад. Дар ин баробар қисми зиёди пурсидашудагон розӣ буданд, ки аз музди меҳнати онҳо барои суғуртаи тиббӣ фоизи муайян барои суғурати тиббӣ гирифта шавад.

Сарфи назар аз аҳамияти иҷтимоӣ ва аҳамияти ҷамъиятии соҳаи тандурустӣ, системаи суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон хеле суст инкишоф ёфта истодааст. Таҳлили вазъ ва мушкилоти рушди бозори суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҷустуҷӯҳои минбаъдаи роҳҳои оптимизатсияи арзиши хизматрасониҳои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, ки тавозуни манфиатҳои суғуртакунандагон ва суғурташавандагонро таъмин мекунанд ва ба рушди суғурта мусоидат мекунанд, зарур мебошад, зеро ин сегменти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва зарурии бозори суғурта барои кишвари мо ба ҳисоб меравад. Мушкилоти асосие, ки дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ ба миён омадааст, номутобиқатии байни ниёзҳои мавҷудаи ҳаҷми маблағҳое мебошад, ки барои маблағгузории ин соҳа аз манбаъҳои расмӣ ҷудо карда мешаванд. Ин падида ба рушди фасод, рушди иқтисоди сояфкан мусоидат мекунад, зеро он беморонро маҷбур мекунад, ки дар маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ бар хилофи қонунгузориҳои амалкунандаи давлат амал кунанд.

Ҳамин тавр, барои рафъи норасоии молиявӣ дар соҳаи тандурустии ватанӣ на танҳо тағйир додани механизми маблағгузории он, балки тамоми система низ ба мақсад мувофиқ аст. Бо дарназардошти зарурати муносибати системавӣ ҳангоми гузаронидани ислоҳот мо навсозии механизми суғуртаи ихтиёрии тиббиро мувофиқи мақсад мешуморем. Барномаи асосии суғуртаи ихтиёрии тиббиро бо роҳи тартиб додани номгӯи аниқи хизматҳои тиббии ба шаҳрванд ройгон пешниҳод мегарданд, муайян кардан лозим аст, то ки ба такрори пардохти хизмати суғуртаи ихтиёрии тиббӣ роҳ дода нашавад. Модели нави муосири маблағгузории системаи тандурустӣ бояд кафолатҳои равшану шаффофи давлатиро барои расонидани ёрии тиббӣ, ҳифзи молиявии шаҳрвандон ҳангоми беморӣ, тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ ва кам кардани пардохтҳои ғайрирасмӣ таъмин намояд.

Хулоса ва пешниҳодҳои зербоби 2.3.

1. Барои татбиқи системаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ва таъмини сифати баланди хидматрасонии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

− назорати давлатиро аз болои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавие, ки суғуртаи ихтиёрии тиббиро таъмин менамоянд, пурзур намуд;

− баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасонии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ва васеъ намудани доираи он;

− ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ барои ташкилотҳои суғуртавие, ки суғуртаи ихтиёрии тиббиро пешниҳод менамоянд;

− такмили механизми иқтисодии танзими давлатии хизматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолӣ;

− омода намудани кормандони баланд ихтисоси тиббӣ ва мутахассисони суғурта, ки суғуртаи ихтиёрии тиббиро таъмин менамоянд;

− такмил додани низоми суғурта ва дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ҷорӣ намудани намуди суғуртаи омехтаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

− ташкили низоми рақобатпазири суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, ки ҷараёни сармоягузории хориҷиро ба соҳаи тандурустӣ ва системаи суғурта таъмин менамояд.

2. Суғуртаи тиббӣ ҳамчун як қисми системаи суғуртаи иҷтимоӣ хусусиятҳои ба худ хос дошта, барои беҳтар кардани вазъ бояд:

- дар миёни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба хизматрасониҳои суғуртавӣ гузаронида шуда, марказҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ ба ҳамагон дастрас бошад;
- бояд хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ фарқкунанда бошад ва сатҳи баланди хизматрасониро доро бошанд;
- беморхонаҳое, ки дар онҳо хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ пешниҳод карда мешавад бо талаботи имрӯза ҷавобгу ва таҷҳизотҳо ва лабораторияҳои ҳозиразамон таъмин бошад;
- дараҷаи касбият ва тахассуси кормандони соҳаи тиб баланд бардошта шавад, то ин ки муштариён ҳавасманд шуда, полиси суғуртавӣ дастрас намоянд.

3. Инчунин бояд гуфт, ки таҳияи барномаи кафолатҳои ҳадди ақали давлатӣ барои расонидани ёрии тиббӣ ба шаҳрвандон ҳадафи танзими давлатии механизми суғурта

мебошад. Барнома бояд аниқ муайян ва бо имкониятҳои молиявии давлат мутаносиб бошад. Агар маълумоти дар боло зикршударо ба назар гирем, метавон гуфт, ки барои рушди суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст:

-ворид намудани тағйирот ба механизми маблағгузории равандҳои суғуртаи тиббӣ, ки бояд шакли омехта дошта бошад, аз ҷумла маблағҳои озоди аҳолӣ барои ташкилотҳои суғуртаи ғайридавлатӣ;

-пешниҳоди ҳавасмандиҳои ба ширкатҳои суғуртавӣ дар самти сармягузорӣ барои ташкили инфрасохтори тиббӣ;

-ворид намудани тағйирот ба баъзе муқаррароти қонунгузории андоз бо мақсади ҷорӣ намудани ҳавасманд-гардонии соҳаи суғуртаи тиббӣ ва ғайра. Муроҷиати одамон ба дармонгоҳо бевосита ба хароҷоти расмиёти ташхис, пардохти машваратӣ бо мутахассисон, хароҷоти доруворӣ ва муолиҷавӣ вобаста аст.

БОБИ 3. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Рушди суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми ташкилӣ-иқтисодии молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ

Маблағгузории низоми нигаҳдории тандурустӣ барои дарёфт намудани маблағу сармояҳои муносиб барои соҳаи тандурустӣ ва харидорӣ намудани навъҳои хизматрасониҳо вазифаи муҳим ва масъулиятноке мебошад. Дар ҳақиқат, он нақши асосиеро дар самти фарогирии шомил ва саросарӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ, таъмини ҳимояи молиявӣ ва мустаҳкамсозии баробарӣ, иҷро менамояд [10, с. 50]. Дар ин маврид қабули Қонун «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» раванди ислоҳот дар бозори суғуртаи тиббӣ ва соҳаи тандурустиро муайян намуда, роҳҳои рушди минбаъдаи суғуртаи тиббиро ҳамчун механизми маблағгузории соҳаи тандурустӣ пешбинӣ мекунад.

Бояд қайд намуд, ки маблағгузрии соҳаи тандурустӣ барои беҳтар намудани саломатии аҳолӣ ва рушди ҷомеаи солим нақши калиди дорад. Баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ ва солимии аҳоли яке аз Ҳадафҳои рушди устувор баҳисоб рафта, зери таваҷҷуҳи ҳамешагии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва СМТ қарор дорад. Дарсрасии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматрасониҳо ва табобати босифат аз вазъи молиявӣ ва молиякунонии соҳаи тандурустии мамлакат вобастагии калон дорад. Барои дастраси аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ сохторҳои давлатиро мебояд самтҳои паст кардани хавҳои

молиявии аҳолиро дида баромада, ҷори намудани низоми нави молиякунонии соҳаи тандурстиро пайдо намоянд.

Дар шароити имрӯза чандин роҳҳо ва самтҳои молиякунонии соҳаи тандурстӣ мавҷуд ҳаст, ки муҳимтарини он пардохти ҳақи хизматрасони аз ҷониби худи муштарӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ баҳисоб меравад. Ин метавонад ҳамчун молиякунонӣ дар доираи суғуртаи иҷтимоӣ, суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ роҳандозӣ карда шавад. Хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми молиякунонии соҳаи тандурустӣ дар он зоҳир мегардад, ки муассисаҳои тандурустӣ ҳамчун объекти молиякунонӣ дар ин самт амал намуда, пардохтҳои аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ ва аз номи суғурташуда пардохтгардида ҳамчун маблағҳо барои рушди хизматрасониҳо бе нигоҳдорӣ ва тахфифҳо гузаронида мешавад.

Дар охирҳои асри 20 бисере аз кишварҳои дорои даромати паст ва миёнаи аҳолӣ шакли молиякунонии соҳаи тандурустиро ҳамчун механизми давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва пардохтҳои андозӣ ҷорӣ намуданд. Ин механизм барои дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва ёрии авалияи тиббӣ вобаста ба паст будан ва надоштани шароити табобат ва гирифтани ёрии босифати тиббӣ ҷорӣ карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори дигар кишварҳо ба ин модел фаъолият намуда, дар Конститутсияи худ кафолат медиҳад, ки «...шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини

иҷтимоӣ дорад» [5]. Давлат барои ёрии самарабахш ва дастраси тиббии тамоми шаҳрвандон шароит фароҳам оварда, ба рушди муассисаҳои тиббии ҳама шаклҳои моликият мусоидат мекунад.

Вале таҷриба нишон медиҳад, ки ин модели молиякунонии соҳаи тандурустӣ ба он оварда расонидааст, ки муассисаҳои тиббӣ ба норасоии маблағҳои молиявӣ, таҷҳизотҳо, техника ва технологияи ташхисӣ ва дигар лавозимоти табобатӣ рубурӯ шуда, барои хизматрасониҳои тиббӣ дар муассисаҳои тандрустӣ арзиши муаяйн қорӣ карда шудааст, ки шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои худӣ онро пардохт менамоянд. Дар баробари ин муассисаҳои тандурустии давлатӣ бинобар сабаби норасоии мутахассисони варзида дар бисер ҳолатҳо хизматрасониҳои босифати тиббӣ ба муштариён пешниҳод наменамоянд, ки дар натиҷа таваҷҷуҳи муштариён ва ё шаҳрвандон ба муассисаҳои тиббии хусусӣ бештар шудааст.

Ҳарчанд, ки дар дар низоми тандурустии ҷумҳурӣ суғуртаи иҷтимоӣ амал мекунад, имрӯзҳо афзалиятҳои суғуртаи ихтёрии тиббӣ барои молиякунонии соҳаи тандрустии мамлакат бештар мебошад. Вобаста ба тадбиқи пурраси суғуртаи тиббӣ дар низоми суғуртаи миллӣ соҳаи тандурустии мамлакат дар шаҳру деҳаҳо ба талаботи муосири табобати ҷавобгӯ намебошад. Барои пурра қори намудани низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ бояд инфрасохтори хуби табобатӣ ва ташхисӣ аз қониби Вазорати тандурустӣ ва зерсохторҳои он муҳайё карда шавад. Дар ин самт аз қониби муаллиф SWOT-таҳлил барои тадбиқи суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми иқтисодӣ дар самти молиякунонии соҳаи тандурстӣ гузаронида шудаас, ки дар натиҷа таҳлил, нишон медиҳанд, ки (ҷадвали 3.1.):

- мавҷудияти потенсиали ба қадри кофӣ баланд барои рушди суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар асоси стратегияи ҳамаҷониба;

- маҷмӯи механизмҳои давлатӣ ва хусусии ҷалби захираҳои молиявӣ;

- дар байни омилҳое, ки ба татбиқи иқтидори системаи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ мешаванд, нақши асосиро омилҳои умумии иқтисодӣ (ва қисман сиёсӣ ва иқтисодӣ) ва иҷтимоӣ мебозанд ва аз ин рӯ, беҳтар намудани суғуртаи тиббӣ бояд дар оянда ҳамчун ҷузъи ҳатмии ислоҳоти натанҳо системаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ё ҳифзи иҷтимоӣ, балки соҳаи тандурустӣ, бозори суғурта, молияи давлатӣ ва умуман иқтисодиёти миллӣ бошад;

- рушди суғуртаи тиббӣ ба таъсиси системаи дастгирии молиявии соҳаи тандурустӣ, ки ба хатарҳои дохилӣ ва беруна бештар тобовар бошад, барои навсозии соҳа, баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ заминаҳои молиявӣ ва моддӣ фароҳам орад.

Ҷадвали 3.1. - SWOT-таҳлили имкониятҳои ҷорӣ намудани суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Омилҳо	Мусоид	Номусоид
ДОХИЛА	**S – Ҷанбаҳои қавӣ**	**W – Ҷанбаҳои заиф**
	зарурати таъхирнопазири соҳа барои ҷалби захираҳои иловагӣ тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои дастрас ва босифат; мавҷудияти системаи бисёрзинагии маблағгузории соҳаи тандурустӣ; афзоиши хароҷот дар соҳаи тандурустӣ; рушди бозори суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; сатҳи нисбатан пасти тарифҳои суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ; мавҷудияти таҳаввулоти консептуалӣ дар соҳаи танзими суғуртаи ҳатмии тиббӣ; мунтазам баланд шудани сифат ва таъминоти таҳсилоти баъдидипломӣ;	номукаммал будани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ; низоми куҳна ва номутаносиби таъминоти молиявии хизматрасонии тиббӣ; тамаркузи аз ҳад зиёди захираҳои молиявӣ дар бахши давлатӣ; мавҷуд набудани ҳавасмандии муассир барои рушди суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; сатҳи нокифояи рушди муҳити институтсионалӣ; набудани барномаи рушди дарозмуддати суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон; рушди сусти низоми назорати молиявӣ; ворид набудан ба стандартҳои байналмилалӣ (GLP, GCP, GMP); нокифоя будани маблағгузорӣ; инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ нокифоя рушд ёфта, нопурра маблағгузорӣ гардида ва нобаробар тақсим шудааст.

	О – Имкониятҳо	Т – Таҳдидҳо
БЕРУНА	қабули заминаи меъёрии ҳуқуқии суғуртаи ҳатмӣ ва рушди минбаъдаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; ҷалби шаҳрвандон барои иштирок дар барномаҳои суғуртаи суғуртаи ҳатмӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; такмили низоми маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ; такмили низоми идоракунии захираҳои молиявии суғуртаи тиббӣ; таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи танзими нархгузорӣ ва нарх ба маҳсулоти дорувориӣ; такмили механизмҳои мунтазам амалкунандаи назорат-мониторинги дохилӣ ҷиҳати андозагирӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба иҷрои фаъолиятҳои тибби оилавӣ.	суст будани назорати давлатӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии тиббӣ; муқовимати назарраси истеъмолкунандагони хизматрасонии тиббӣ; вазъи номусоиди демографӣ, кам шудани заминаи умумии суғуртаи ҳатмӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; сатҳи баланди хавфҳо дар иқтисодиёт ва ҷомеа; кам будани талаботи самараноки истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; ноустувории қонунгузории андоз ва суғурта (системаи танзими суғуртаи тандурустӣ); болоравии беназорати нархҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла суғуртаи тиббӣ; паст будани сатҳи зиндагии аҳолӣ; набудани ҷойҳои корӣ доимӣ дар деҳоти мамлакат; номукаммал будани инфрасохтори тиббӣ ва мутобиқат накардани он асоси принсипҳои самараноки иқтисодӣ;

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Чи тавре, ки аз таҳлилҳо бармеояд, дар баробари ҷиҳатҳои заифи соҳаи тандурстӣ ва бозори суғуртаи миллӣ барои тадбиқи пурраи низоми суғуртаи тиббӣ ҷанбаҳои қавии он низ мавҷуд аст, аз қабилӣ: - бозори босуръат афзояндаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; - мавҷудияти таҳаввулоти консептуалӣ дар соҳаи танзими суғуртаи тиббӣ; - принсипи тибби оилавӣ дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ бомуваффақият ҷорӣ ва такмил дода шудааст ва дигар имкониятҳое мавҷудунад, ки раванди тадбиқи суғуртаи тиббиро дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон метезонад.

Дар ин замина бояд, қайд намуд, ки суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми самараноки маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар маҷмуъ бояд ба ҳалли бомуваффақияти се вазифаи функсионалии ба ҳам алоқаманд, ки аз ҷонби Бюрои


аврупоии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ тавсия шудааст дар бар мегирад:

- сафарбаркунии маблағҳо, ки муайян намудани манбаъҳои маблағгузорӣ, интихоби стратегияи дахлдори ҷамъоварии захираҳои зарурӣ, ташаккули муассисаҳоро дар бар мегирад;
- хариди хизматрасонии тиббӣ, яъне раванди гузаронидани маблағҳо аз фонди суғуртаи тиббӣ ба муассисаҳо ва ташкилотҳои хизматрасонии тиббӣ.

Ин вазифаҳои функсионалӣ бояд ба принсипҳои зерини Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии тиббии давлатии иҷтимоӣ» ҳамоҳанг карда шаванд:

- «...таъмини ҳуқуқи баробар ба хизматрасонии тиббию санитарӣ дар ҳаҷми барномаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ, новобаста ба вазъи иҷтимоии суғурташуда ва андозаи ҳаққи пардохтнамуда;
- танзими муносибати дуҷониба дар низоми суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар асоси шартномаҳои байни субъектҳои суғуртаи ҳатмии тиббӣ;
- шаффофияти иҷрои буҷети суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар назди пардохткунандагони ҳақ;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони суғурташуда» [6].

Дар асоси вазифаҳо ва принсипҳои дар боло зикршуда модели иқтисодии молиякунонии соҳаи тандурустиро дар асоси маблағгузориҳо аз фондҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ коркард ва пешниҳод менамоем (Расми 3.1).



Расми 3.1. Модели ташакули суғуртаи тиббӣ хамчун механизми молиякунонии соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. *Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Модели мазкур аз 3 блоки асосӣ иборат мебошад, ки ҳар яки он дар самти танзими маблағҳои барои соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун ҳамоҳанг менамояд.


Дар ***Блоки 1*** сафарбар намудани маблағҳо ба муассисаҳои тандурустӣ аз ҳисоби донорҳо (давлатҳои хориҷӣ, фондҳои хайриявӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, ташкилот ва муассисаҳои хусусӣ (корфармоён, кормандон) ва ташкилотҳои суғуртавӣ ва шахсони суғурташуда. Дар ин замина таваҷҷуҳи асосӣ ба суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ зоҳир карда шудааст, ки онҳо дар ҳамчун сарчашмаи муътамад барои молиякунонии соҳаи тандурустӣ дар шароити имрӯза ва минбаъда хизмат хоҳад кард. Ширкатҳои суғуртавӣ бо шартномаи дутарафа ба муассисаҳои тандурустӣ ва ё бо воситаи суғурташудагон моликунонии соҳаи тандурустиро роҳандозӣ менамояд. Дар ин замина, бо дорухонаҳо ва ташхисгоҳо низ маблағгузорӣ аз ҳисоби ширкатҳои суғуртавӣ дар доираи шартномаҳои дутарафа анҷом дода мешавад.Дар ***Блоки 2*** бошад, ҷамъовари маблағҳо барои моликунонии соҳаи тандурустӣ ва муасисаҳои тиббӣ дар доираи маблағгузории давлатӣ, сармоягузориҳо, грантҳо ва маблағҳои аз ҳисоби фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ бо воситаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати молияи шаҳру ноҳияҳо амалӣ карда мешавад. Дар ин ҷо маблағгузорӣ ба ҳама соҳаҳои тандурустӣ аз ҷумла: Вазорати тандурутии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди танзимкунандаи соҳа, Академияи илмҳои тиб, мақомотҳои маҳаллии соҳаи тандурустӣ ва ба воситаи онҳо ба муассисаҳои тиббӣ ва дигар сохторҳои алоҳида равона карда мешавад.

Дар ***Блоки 3*** ин хариди хизматрасониҳои тиббӣ мебошад, ки он аз ҳисоби давлат дар доираи суғуртаи ҳатмӣ барои ҳаряк

суғурташуда пардохт карда мешавад. Дар ин ҷо муассисаи тиббии давлатӣ барои хариди маводҳои зарурии доруворӣ дар доираи суғуртаи ҳатмии тиббӣ ба аҳолӣ ва расонидани ёрии тиббӣ дархост медиҳад ва дар доираи он аз ҷониби давлат барои хариди доруворӣ маблағи зарурӣ ҷудо карда мешавад. Дар баробари ин, давлат барои нигоҳдории шароити мусоиди тандурустӣ ва таъмиру таҷдиди муассисаҳои тиббӣ маблағҳоро аз фонди суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва буҷаи давлатӣ ҷудо менамояд. Хариди хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ бошад ҳамчун механизми маъмулии маблағгузорӣ барои молиякунонӣ муассисаҳои тиббӣ ба суратҳисоби онҳо дар доираи корти суғуртавӣ анҷом дода мешавад. Ҷорӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ барои хизматрасониҳои давлатӣ дар муассисаҳои тандурустӣ барои тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ шароити мусоид фароҳам овард, ки ин барои ширкатҳои суғуртавӣ дар самти кам кардани таваккалҳои суғуртавӣ ва аз байн бурдани омилҳои инсонӣ, сохтакорӣ ва қалобӣ мусоидат хоҳад намуд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисодии ҷумҳурӣ рушд накардани низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ бинобар сабабҳо дар боби 2 оварда моликунонии соҳаи тандурустӣ ва муассисаҳои тиббӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ дар доираи суғуртаи ҳатмии тиббӣ амалӣ кард мешаванд. Вобаста ба хусусияти муҳими низоми суғуртаи ҳатмии тиббӣ мо дар доираи модели дар боло овардашуда, механизмҳои молиякунонии муассисаҳои тандурустиро дар асосии суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва маблағгузории буҷетӣ пешниҳод намудем (Расми 3.2.).

Механизмҳои моликунонии муассисаҳои тиббии овардашуда аз 2 блок иборат мебошанд, ки ҳар як блок дар доираи муайяни хизматрасониҳои тиббӣ ба муассисаҳои тандурустӣ маблағгузорӣ менамоянд.



Расми 3.2. Механизми молиякунонии муассисаҳои тандурустӣ дар доираи СҲТ ва буҷаи давлатӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар ***Блоки 1*** молиякунонии соҳаи тандурстӣ дар доираи суғуртаи ҳатмии давлатӣ пешбинӣ карда шудааст ва он ба ду самт ҷудо карда мешавад, ки дар доираи самти аввал барномаи базавии СҲТ буда, он самтҳои зерини хизматрасониро харадиро менамояд: - ёрии таъҷилии тиббӣ; - кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (аз ҷумла муоинаи тиббӣ-профилактикӣ; муоинаи клиникӣ; ёрии таъҷилии тиббӣ); - муоинаи тиббии махсус (аз ҷумла қисми 1-и рӯйхати намудҳои ёрии тиббӣ дар технологияҳои муосир; диспансерикунии тиббӣ); - таъмин кардан бо маводҳои доруворӣ. Ин навъи ёрии тиббӣ пурра ва ё қисман дар доираи суғурати ихтиёрии тиббӣ бояд пардохт карда шаванд.

Қисмати дуюми барнома иборат аст аз сохтори тарифи пардохти хизматрасонии тиббӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии тиббӣ, ки он самтҳои зеринро фаро мегирад: - захираҳои молӣ (доруворӣ, маводи истеъмолӣ, реактивҳо, озуқаворӣ ва ғ.); - хароҷот барои таъминоти барномавӣ, хизматрасонии алоқа, нақлиёт, хизматрасонии коммуналӣ, нигоҳдории амвол, иҷора ва ғайра; - харидани таҷҳизот; - пардохти маблағҳо барои корҳои лабораторӣ, тадқиқотӣ дар дигар муассисаҳо; - дигар хароҷотҳои муассисаҳои тандурстӣ барои беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурстӣ баҳри беҳтар намудани солимии аҳолӣ ва пешниҳоди хизматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолӣ.

Бояд гуфт, ки суғуртаи ҳатмии тиббӣ маҳдудиятҳои муайяни худро дорад, ки тибқи барномаи он номгӯи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ пешниҳод карда мешавад ва ба бемориҳои зерин дар доираи ин барнома хизматрасониҳо расонида намешавад, аз ҷумла: бемориҳое, ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузарад; - ВНМБ, - СПИД; - бемории сил; -

бемориҳои асаб, ки маблағузориҳои онҳо ҳамчун ёрии ройгони тиббӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ роҳандози карда мешавад.

Дар блоки 2-юми механизми молиякунонии муассисаҳои тиббӣ маблағгузориҳо аз буҷаи давлатӣ ва буҷаи маҳалӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он химатрасониҳое, ки дар доираи суғуртаи ҳатмии тиббӣ пешбинӣ нашудаанд аз ҷониби буҷаи давлат харидорӣ карда мешаванд. Блоки 2 ба чанд зерқисматҳои ҷудо карда мешавад, ки қисмати 1-уми он ёрии таъҷилии тиббӣ мебошад, ки ба шахсоне расонида мешавад дар доираи СҲТ дохил намешаванд ва метавонад хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷаи давлатӣ амалӣ карда шаванд.

Қисмати 3-уми механизми молиякунонии соҳаи ин хариди хизматрасонии тиббӣ мебошад, ки тавассути ҷудо намудани маблағҳои суғурта ба муассисаҳои тандурустӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ сурат мегирад. Марҳилаи муҳимтарини раванди харид ин аввалан, механизмҳои харид ва дуюм, ҳолат ва сохтори бозор (агар вуҷуд дошта бошад) мебошад, зеро маҳз нархгузории бозорӣ имкон медиҳад, ки хароҷотро мутаносиб карда, сифати дурусти хизматрасонии тиббиро таъмин кунед. Хариди қисми зиёди хизматрасониҳои тиббӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби давлат (худидоракунии маҳаллӣ) аз муассисаҳои тандурустӣ, ки моликияти давлатӣ (коммуналӣ) мебошанд, яъне воқеан бо истифода аз механизмҳои маблағгузории сметавии «анъанавӣ» амалӣ карда мешавад. Механизми ҳисоббаробаркунӣ бо провайдерҳо барои хизматрасонӣ ба стандартҳои муқаррарнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номгӯи хизматрасоние, ки Вазорати тандурустӣ Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, асос меёбад. Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои минтақавии он ҳар сол ба Вазорати тандурустӣ ва мақомоти маҳаллии соҳаи тандурустӣ дар бораи ҳадди ниҳоии маблағҳо барои соли ояндаи буҷетӣ маълумот медиҳанд, ки дар асоси он маблағҳои маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ муқаррар карда мешаванд, ки дар ин асос ҳисобҳо тартиб дода мешаванд.

Имкониятҳои рушди бозори суғуртаи ихтиёрии тиббӣ бо тақозои муассир маҳдуд аст, ки ин маънои онро дорад, ки механизмҳои хариди суғуртаи тиббии хусусӣ дар «вазъи бозор» амал мекунанд, ки шароитҳои беҳтар ва кафолатҳои муносиби суғуртаи тиббиро фароҳам оварда наметавонанд. Хариди хизматрасонии тиббӣ дар фондҳои суғуртаи тиббии ватанӣ то андозае шартӣ мебошад, зеро ин муассисаҳо дар назди муассисаҳои тандурустӣ ташкил карда шудаанд ва аз ин рӯ, тартиби харид танҳо номгӯи хизматрасониҳои якхела ва сифатро бо нархе, ки муассисаи тиббӣ пешниҳод карда мешавад, аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ маблағи пардохт мегардад.

Механизми хариди хазматрасониҳои тиббӣ тавассути пардохти мустақими кӯмаки тиббӣ то андозае чандиртар ба назар мерасад:

1) пардохти пурраи хизматрасониҳои гирифташуда (масалан, хизматрасонии стоматологӣ);

2) пардохти қисман барои хизматрасонии тиббӣ (барои доруворӣ, расмиёти муайян, хизматрасонии махсус ва ғайра).

Дар шароити иқтисоди бозорӣ якчанд механизмҳои хариди хизматрасонии тиббӣ амал мекунанд: - банақшагирӣ ва танзимкунанда (сметавӣ, давлатӣ-инҳисорӣ), -бозор

(тиҷоратӣ, рақобатпазир), -вазъи бозорӣ (ғайритиҷоратӣ, рақобатпазир), -ғайрирасмӣ.

Равшан аст, ки самаранокии иқтисодии механизми таъмини молиявии хизматрасонии тиббӣ аз таносуби байни ин қисматҳо вобаста аст. Дар сурати бартарияти механизмҳои навъҳои 1 ва 2 (агар онҳо мутавозин бошанд) соҳаи тандурустӣ базаи пурқуввати захиравӣ ба даст меорад, ки метавонад муҳофизати шахсони суғурташударо аз хатарҳо кафолат диҳад. Агар яке аз механизмҳо бартарӣ дошта бошад, устувории молиявии механизм ба таври назаррас коҳиш меёбад, зеро истеъмолкунандаи ниҳоӣ интихоби дигаре надорад.

Ҳамин тариқ, рушди ҳамаҷониба ва такмили механизми молиякунонии муассисаҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ якҷоя кардани маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ дар як механизми ягона, диверсификатсияи манбаъҳои даромад, ташаккули системаи ҳамоҳангсозии амалҳо ва идоракунии муштараки фондҳои суғуртаи тиббиро дар назар дорад.

Ҳамин тавр, вазъи кунунии молиякунонии муасисаҳои тандурустӣ, ки дар он тамоми механизмҳои молиякунони (буҷетӣ, давлатӣ-суғурта, хусусӣ-суғурта, бозорӣ) якҷоя карда шудаанд, дида баромадани вариантҳои алтернативии ислоҳоти асосҳои молиявии суғуртаи тиббӣ, муайян кардани принсипҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқ, равишҳо, меъёрҳо, воситаҳо ва роҳҳои татбиқи тадбирҳои ислоҳоти соҳаро талаб мекунад. Аз ин рӯ, мо дар шароити Тоҷикистон имкони татбиқи равиши стратегии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба ислоҳоти механизми молиякунонии соҳаи тандурустӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ дар асоси иҷрои се вазифаи пайдарпай:

сафарбаркунии маблағ, ҷамъ овардани захираҳои молиявӣ ва хариди хизматрасониҳои тиббӣ ҷонибдорӣ мекунем. Чунин стратегия принсипҳои таъмини молиявии суғуртаи тиббиро дар Тоҷикистон ба стандартҳои аврупоӣ наздиктар мекунад, ки афзалияти он таъмини сатҳи баланди саломатии аҳолӣ дар замина рушди бозори суғуртаи ихтиёрии тиббӣ мебошад.


Ҳукумати мамлакат бояд дар асоси мониторинги динамикаи ҳиссаи онҳо чораҳои минбаъда андешад: баробари кам шудани ҳиссаи маблағгузории давлатӣ ҳиссаи суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва суғуртаи ихтиёрии тиббӣ то расидан ба сатҳи пешбинишудаи маблағгузории онҳо зиёд карда шаванд. Самти муҳими баланд бардоштани устувории системаи СҲТ таҳияи механизмҳои ҳамкории воҳидҳои сохтории фондҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мебошад. Масъалаҳои ташкили низоми самараноки маблағгузорӣ дар доираи суғуртаи ҳатмии тиббӣ арзёбии таъсири низоми маблағгузорӣ ба сохтори ёрии тиббиро талаб мекунанд.

3.2. Самтҳои мукаммалгардонии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар шароити муосир

Суғуртаи тиббӣ ҳамчун яке аз ҷузъи муҳими низоми суғуртаи миллӣ дар рушди бозори суғурта, молиякунонии соҳаи тандурустӣ ва дар баробари ин дар беҳтар намудани сатҳи солимии аҳолӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ нақши калидӣ мебозад. Аз соли 2020 сар карда рушди суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар баробари дигар намудҳои суғурта аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ таъмин карда шуда, самтҳои хизматрасониҳои тиббӣ дар раванди суғуртаи ихтёрии тиббӣ беҳтар карда шудааст. Дар баробари рушди бозорӣ суғурта дар ин раванд ҳастанд мушклотҳои маъмурӣ иқтисодӣ, ки

сади роҳи рушди низоми суғуртавӣ мегардад. Тибқи маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 ташкилоти суғуртавӣ, ки дар миёни онҳо пурсиш гузаронида шудааст, 26,3%-и онҳо бар он ақидаанд, ки гарон будани сарбории андозӣ монеаи асосии кори онҳо мешавад, ки ба ҳисоби миёна сарбории андозӣ аз 23 то 63%-ро ташкил медиҳад.

Диаграммаи 3.1. Монеаҳои асосие, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти андозбандӣ дучор шудаанд



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [2].

Зиёда аз 21% ширкатҳои суғуртавӣ набудани дастгирии давлатиро омили асосии рушд накардани бозори суғуртавии ватанӣ ҳисобидаанд, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ширкатҳои ватанӣ аз дастгирии васеи давлатӣ бархурдор мебошанд. Ҳамзамон дар ин самт мушкилотҳои зерин низ ҷой доранд:

- номувофиқатӣ ва нокифоягии таъминоти ҳуқуқии низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ. Асоси ин, мушкилот дар

таҳия ва қабули қонунҳои алоҳида, махсусан оид ба навъҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ҳатмии давлатӣ дида мешавад;

- набудани маълумоти саривақтӣ ва номукаммалии низоми маркетингӣ аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ;

- номутаносибӣ ё нобаробарӣ дар ташаккул ва рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ (омори расмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳудуди пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе зиёда аз 90% ташкилотҳои суғуртавӣ амал менамоянд, ки маҳз дар ҳамин ҷо 80-85% пардохтҳои суғуртавии (ҳаққи суғурта) бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҷамъоварӣ мегардад).

- Номукаммалии ташаккули иштирокчёни касбии бозори суғуртавӣ: актуарҳо, андеррайтерҳо ва сюрвейрҳо;

- ташкил ва таъмин нагардонидани раванди микросуғуртакунонӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ба кам гардидани майлу рағбати суғуртавии истеъмолгарон оварда мерасонад.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда маълум карда шуд, ки мушкилотҳои асосие, ки ширкатҳои суғуртавӣ дар самти суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (СИТ) ба он рӯбарӯ мешаванд, инҳо ба ҳисоб мераванд:

- номукаммалии заминаи қонунгузории мавҷуда: мавҷуд набудани қонуни махсус дар бораи СИТ, ҳамзамон ихтилофи байни санадҳои қонунгузории мавҷуда;

- маърифати пасти аҳолӣ вобаста ба суғуртаи тиббӣ: бештари аҳолии ҷумҳурӣ вобаста ба суғуртаи тиббӣ маълумоти кофӣ надоранд ва раванди бастани шартномаҳои суғуртавиро балад нестанд. Тибқи ақидаи бисёре аз шаҳрвандон суғурта фиреби назари мардум буда, маблағҳои суғуртавиро саривақт пардохт намекунанд. Тибқи як

назарпурсии муаллиф, ки дар миёни 500 нафар аҳолӣ гузаронидааст, 80 дарсади пурсидашудагон иброз доштанд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ надоранд, 8 % посух доданд, ки ин ягон фоида надорад ва танҳо 12% ҷорӣ шудани ин низомро ҷонибдорӣ намуданд;

- тулонӣ будани раванди ҳуҷҷатгузорӣ ва муроҷиати шаҳрвандон ва дастрас набудани нуқтаҳои хизматрасонии суғуртавӣ дар беморхонаҳо, ки ҳолатро боз ҳам душвор мегардонад. Тибқи назарсанҷии муаллиф, ки дар миёни 500 нафар аҳолии шаҳру ноҳияҳо гузаронида шудааст, ба саволи “ба ширкатҳои суғуртавӣ ҳангоми ҳодиса муроҷиат кардед” 86% накарданд, 13% ҳа, вале маблағ нагирифтем, танҳо 1% муроҷиат намуда маблағ ба даст оварданд;

- муносибатҳои мураккаби ҳуқуқии граждани дар системаи «Муассисаи табобатӣ-профилактикӣ (СИТ) - Ташкилоти суғуртаи тиббӣ». Шояд ин мушкили асосие бошад, ки ҳамаи суғуртакунандагоне, ки СИТ-ро пешниҳод мекунанд, дучор мешаванд;

- номуайянии вазъи ҳуқуқӣ ва дурнамои суғуртаи тиббӣ дар сатҳи миллӣ;

- таваҷҷуҳи нокифояи мақомоти минтақавӣ ба рушди суғуртаи тиббӣ;

- даромади пасти аҳолӣ, ки сатҳи он ба нигоҳубини саломатии онҳо бевосита таъсир мерасонад;

- арзиши баланди полисҳои суғурта, ки онҳоро барои доираи васеи суғуртакунандагон ва табақаҳои муайяни аҳолӣ дастнорас месозад.

Сабаби асосии монеаҳо дар он аст, ки аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ин бовараанд, ки дар бораи саломатии шаҳрвандон, пеш аз ҳама, худи давлат, на худи онҳо ғамхорӣ

мекунанд. Мувофиқи ақидаи аҳолии мамлакат, сабабҳои асосие, ки ба рушди СИТ таъсири манфӣ мерасонанд, инҳоянд:

- номукаммалии қонунгузории андоз, ки мувофиқи он корхонаҳо аз додани ҳаққи суғурта барои СИТ аз фоида худдорӣ мекунанд;
- паст будани сатҳи сифати ёрии тиббӣ ва шароити бади будубоши беморон (истеъмолкунандагони хизматрасонихои СИТ) дар муассисаҳои тиббӣ, ки ба камбудӣ ва маҳдудияти давлат дар маблағгузории муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ вобаста аст;
- набудани танзими ҳадди ақали зарурии ёрии тиббӣ;
- набудани таҷрибаи зарурӣ дар соҳаи суғуртаи тиббӣ барои ширкатҳои суғуртаи ватанӣ;
- ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир накардан ба таҳияи стратегияҳои самарабахши маркетингӣ оид ба рушди суғуртаи ихтиёрии оқилонаи тиббӣ, ки бояд стратегияи маҳсулот, стратегияи нархгузорӣ ва стратегияи пешбурди маҳсулоти суғуртаро дарбар гирад.

Новобаста аз мушкилтҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар низоми суғуртаи миллӣ таи 5 соли охир рушди бозори суғуртавӣ дар сатҳи хуб қарор дошта, даромаднокии ширкатҳои суғуртавӣ низ таъмин карда шудааст. Дар баробари ин, бисери аз ширкатҳои суғуртавӣ дар самти тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ба дастовардҳои зиёде ноил гаштаанд. Дар ин, замина то кадом андоза рушди суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ба рушди бозори суғурта таъсир мерасонад онда бо истифода аз маълумотҳои оморӣ дар модели регресионӣ-корелатсионӣ бо истифода аз барномаи Statistica-10 ва Exel арзёбӣ менамоем. Нишондиҳандаҳои базавӣ барои

ташкили модел: Y - даромади ширкатҳои суғуртавӣ, X_1 - воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи ҳама суғуртаҳо ба ширкатҳои суғуртавӣ, X_2 - воридоти мукофоти суғуртавӣ ихтиёри тиббӣ баҳисоб меравад, ки дар ҷадвали 3.2. оварда шудааст.

Ҷадвали 3.2. Даромади ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн.сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	Даромади ширкатҳои суғуртавӣ Y	Воридоти мукофоти суғуртавӣ X_1	Воридоти мукофоти суғуртавӣ ихтиёри тиббӣ X_2
2016	236,4	123,1	2,5
2017	294,7	235,8	2,4
2018	371,9	234,2	3,4
2019	452,9	234,3	4,4
2020	412,4	235,8	4,6
2021	526	286,4	5,2
2022	690,6	321,5	6,1
2023	815,6	430,5	7,2
Сарчашма:[1, с. 10].			

Дар асоии маълумотҳои ҷадвали 3.2. воридоти ҳақи полиси суғуртавӣ ба рушди бозорӣ суғуртавӣ ва таҳкими низоми суғуртаи тиббӣ таъсир мерасонд дида мебароем. Дар раванди арзёбӣ аз модели аз формулаи мотематикии зерин истифода менамое:

$$y = a_0 + a_1 x_1 + a_2 x_2; \quad (3.1.)$$

Аз таҳлили коррелятсиони маълум мегардад, ки ба даромаднокии суғуртаи ширкатҳои суғуртавӣ таҳсири омилҳои *X_2 назаррас буда,* ба 0,98 баробар мебошад, ки ин хело нишондиҳандаи баланд маҳсуб мешавад (ҷадвали 3.3.).

Ҷадвали 3.3. Матритсаи корелиатсионӣ вобаста ба таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокии ширкатҳои суғуртавӣ

		Y	X_1	X_2
	1	0,959301	0,903086	0,983959
Y	0,959301	1	0,942233	0,976301
X_1	0,903086	0,942233	1	0,890339
X_2	0,983959	0,976301	0,890339	1

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар баробари ин, таҳлили натиҷаи регресионии маълумотҳои овардашуда, ки дар ҷадавали 3.3. инъикос гардидааст, маълум мешавад, ки таъсири суғуртаи ихтиёрии тиббӣ яъне X_2 ба даромаднокии ширкатҳои суғуртавӣ назаррас буда R-квадрат дар сатҳи 0,97 қарор гирифтааст, нишондиҳанда ба як таваҷҷуҳ намда, аз таъсири назарраси он гувоҳӣ медиҳад.

Ҷадвали 3.4. Натиҷаи таҳлили регресионӣ-дисперсионии таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокии ширкатҳои суғуртавӣ

Омори регрессионӣ	
R - зиёд	0,98
R-квадрат	0,97
R-квадрат - муътадил	0,97
Хатогии стандартӣ	33,75

Мушоҳидаҳо 8,00

Таҳлили дисперсионӣ

	df	*SS*	*MS*	*F*	*Аҳамияти F*
Регрессия	2	263870,36	131935,18	115,79	6,49
Боқимонда	5	5697,15	1139,43		
Ҳосил	7	269567,51			

	Нишон додҳо	Хатогии стандартӣ	*t-оморӣ*	*P-Маъноӣ*	*Поёнӣ 95%*	*Болоӣ 95%*
Y-баҳамоӣ	-74,78	39,73	-1,88	0,11	-176,93	27,36
X1	0,78	0,31	2,46	0,05	-0,03	1,59
X2	76,99	16,58	4,64	0,01	34,35	119,63

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар натиҷаи таҳлили регресионӣ-дисперсионии таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокии ширкатҳои суғуртавӣ аз рӯи формулаи овардашуда, чунин натиҷа бадаст оварда шуд:

$$\boldsymbol{y = -74,75 + 0,78x_1 - 76,99x_2}; \quad (3.2.)$$


Аз ин бар меояд, ки таъсири X_1 нисбат ба X_2 баландтар буда, рушди минбаъдаи бозори суғуртаи миллӣ ва даромаднокии ширкатҳои суғуртавиро метавон аз ҳисоби суғуртаи ихтиёрии тиббӣ таъмин намуд. Дар ин замина, дурнамои рушди суғуртаи ихтиёрии тиббиро бо истифода аз натиҷаи моддели регресионӣ-корелиатсонии овардашуда пешниҳод менамеом.

Тибқи натиҷаи дурнамо, дар асоси модели регресионӣ дурнамои суғураи ихтиёрии тиббӣ дар бозори суғуртаи миллӣ хуб буда, R-квадрат 0,99- ро ташкил додааст, ки ба 1 наздик буда, аз рушди босуботи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар натиҷа, нишондиҳандаҳои У – чунин мебошад:

$$y = 0{,}6673x + 1{,}7007 \quad (3.3.)$$

Вобаста ба ин, сенарияи дурнамои суғуртаи ихтиёрии тиббиро барои давраи то соли 2023 яъне дар давоми 10 соли оянда пешниҳод менамоем, ки тибқи он бояд суғурати ихтиёрии тиббӣ рушд намамуда, дар баробари ин сатҳи саводнокии иқтисодии аҳолӣ ва маърифати молияии он низ беҳтар хоҳад шуд.

Диаграммаи 3.2. Дурнамои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар солҳои 2023-2033 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: таҳияи муаллиф

Чи тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 3.5. дида мешавад, сернарияи ростхатари рушди суғуртаи ихтиёрии тиббӣ то соли 2033 дар ҳаҷми 13,7 млн.сомонӣ пешбинӣ менамояд, ки дар доираи эҳтимолияти баланд ба 15,2 млн.сомонӣ ва эҳтимолияти паст 12,43 млн.сомонӣ пешбинӣ шудааст. Дар ҳарсе ҳолат рушди суғуртаи тиббӣ дар сатҳи назаррас таъмин карда хоҳад шуд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, модели регресионӣ-коррелиатсионии пешниҳодкардаи мо барои

дар амал тадбиқ намудани суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқ буда, ҳангоми арзёбии суғуртаи тиббӣ истифода намудани он қобили қабул мебошад.

Ҷадвали 3.5. Сенарияи дурнамои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн.сомонӣ)

Солҳо	Даромаднокии ширкатҳои суғуртавӣ	Суғуртаи ихтиёрии тиббӣ
2023	815,6	7,2
2024	886,8	7,642
2025	963,7	8,320
2026	1040,6	8,998
2027	1117,5	9,676
2028	1194,3	10,354
2029	1271,2	11,032
2030	1348,1	11,710
2031	1425,0	12,388
2032	1501,9	13,066
2033	1578,8	13,744

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки дар асоси таҳлилҳо маълум гардид, ки суғуртаи ихтиёрии тиббӣ аз ҷониби ширкатҳои суғуратвӣ дар маркази шаҳрҳо калон аз қабили: шаҳри Душанбе, шаҳри Хуҷанд, шаҳри Бохтар ва қисман дар шаҳри Кӯлоб роҳандозӣ карда шуда, дар дигар шаҳрҳо тақрибан ба чашм намерасад. Дар замина бояд марҳила ба марҳила тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббиро дар дигар шаҳру ноҳияҳо амалӣ намуд. Тибқи пешниҳоди муаллиф суғуртаи ихтиёрии тиббӣ вобаста ба омода будани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Душанбе саравал дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказӣ

тадбиқ карда шавад, ки ҳар як суғурташуда, имконияти дар маркази шаҳр табобат гирифтанро пайдо намояд, то ин ки самаранокии суғуртаи тиббӣ дар амалия тадбиқ карда шуда, дастгирии молиявии оилаҳо аз ҳисоби коҳиш додани хароҷотҳо барои нигаҳдории тандурутӣ ва ёрии тиббӣ таъмин карда шавад.


Вобаста ба ин, суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар се сатҳи пайдарпай амалӣ карда шавад, ки он иборат аст аз:

Сатҳи якум - таҳия ва татбиқи барномаи СИТ дар минтақаҳо мебошад, ки бояд ба принсипи ҳамбастагии суғурта асос ёфта, мазмуни он ба шахси суғурташуда дар ҳолатҳо ва ҳаҷме, ки тибқи шартномаи суғурта муайян карда шудааст, ёрии тиббӣ расонида шавад.

Сатҳи дуюм – дар барномаҳои СИТ ба аҳолии минтақавӣ афзалияти беҳтар дода шуда, саҳми суғурташударо дар полиси суғуртавӣ нисбат ба аҳолии шаҳр баландтар пешниҳод намоянд.

Сатҳи сеюм – назорати иҷрои хизматрасониҳои босифати тиббӣ ба суғурташудагон дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ба филилҳо ва намояндагони минтақавии ширкатҳои суғуртавӣ гузошта шуда, раванди пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ба онҳо зери назорат гирифта шавад.

Дар доираи инкишофи СИТ дар шаҳри душанбе ва ноҳиҳои тобеи марказ *(минбаъд минтақаи марказӣ)* барои беҳтар намудани хизматсониҳои тиббӣ ва тадбиқи низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ вобаста ба коҳиш додани сарбориҳои буҷавӣ ба соҳаи тандурустӣ ва коҳиш додани ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии тиббӣ роҳандозӣ кара шавад.



Расми 3.3. - Модели такмили системаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар минтақаи марказӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Тадбиқи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар минтақаи марказӣ вобаста ба баланд будани сатҳи даромаднокии аҳолӣ нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳо ва таъмин будани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ, зиёд будани миқдори корхонаҳои саноатӣ ва бонкҳову ташкилотҳои молиявӣ барои рушди низоми СИТ муфид буда, барои беҳтар шудани соҳаи тандурустии минтақа низ кумак мерасонад. Модели такмили суғуртаи ихтиёрии тиббии минтақаи марказӣ дар расми 3.3. нишон дода шудааст.

Унсури муҳими системаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ҷузъи молиявӣ мебошад, ки бояд баланд бардоштани самаранокии ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявии СИТ-ро таъмин намуда, дар ин баробар ба беҳтар шудани вазъи солимии аҳолӣ ва коҳиш додани хароҷотҳои онҳо барои нигаҳдории тандурустӣ кумак хоҳад кард. Дар сохтор манбаи захираҳои молиявӣ бояд маблағҳои корфармоён (корхонаҳо, тиҷорати миёна ва хурд), муассисаҳои молиявӣ, бонкҳо ва аҳолӣ бошанд.

Провайдерҳои соҳаи тандурустӣ метавонанд бо мақмуи муассисаҳои тиббии давлатӣ ва хусусӣ намояндагӣ кунанд. Онҳо дар навбати худ бо агентии суғуртаи тиббии шаҳру ноҳияҳо шартномавӣ баста, хароҷоти хизматрасонии тиббии беморонро (пардохти шахсони сеюм) ба онҳо бармегардонанд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи ихтиёрии тиббӣ як намуди муҳими фаъолияти молиявӣ ва тиҷоратӣ мебошад, аз ин рӯ, манфиатҳои суғуртакунандагон пеш аз ҳама иборатанд аз: гирифтани фоида тавассути ҳадди аксар расонидани пардохтҳои суғуртавӣ ва кам кардани пардохтҳои суғурта, ташаккули портфели мутавозини

суғурта ва кам кардани арзиши хизмати тиббӣ, дар навбати худ, барои истеъмолкунандагони хизмати тиббӣ хеле манфиатовар хоҳад буд.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда ва бо назардошти хусусиятҳои хоси минтақаи марказӣ такмили системаи мавҷудаи суғуртаи тиббӣ бояд масъалаҳои зеринро ҳал намояд:

- баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии аҳолии минтақа ва сатҳи даромади он барои истифода бурдани хизматрасониҳои тиббӣ, бехтар намудани нархгузории хизматрасониҳои суғурта дар самти СИТ ва таҳияи стратегияи молиявӣ дар соҳаи СИТ;
- ба таври назаррас такмил додани ҳамкории байни вазоратҳо ва ва ширкатҳои суғуртавӣ;
- мукаммалсозии раванди таълими захираҳои кадрии соҳаи тандурустӣ. Он масъалаҳои таъмини кормандони соҳа бо донишҳои назариявии зарурӣ, малакаҳои амалӣ ва воридсозии тартиби рушди пайдарпайи касбиро дарбар мегирад;
- ҷорӣ намудани системаи ягонаи ҳамкориҳо байни муассисаҳои тиббии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳалӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ дар самти расонидани ёрии тиббӣ бе мурочиат ба ширкатҳои суғуртавӣ;
- мушахас кардани меъри нархномаҳои хизмат-расониҳои тиббӣ дар доираи СҲТ ва СИТ;
- таҳияи низоми иттилоотӣ барои такмил додани равандҳо ва идоракунӣ дар сатҳи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар доираи хизматрасонии СИТ;

- такмили низоми минтақавӣ ва муроҷиат барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои зарурии тиббӣ дар доираи хизматрасонии СИТ;

- баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум оид ба масъалаҳои гирифтани ёрии тиббӣ тибқи низоми СИТ, самти хизматрасонии онҳо бо истифодаи технологияҳои муосир.

Дар байни афзалиятҳои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ барои системаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуктаҳои зеринро метавон қайд кард:

- СИТ талаботи шаҳрвандони пардохтпазир ва кормандони корхонаҳои пардохтпазирро қонеъ мегардонад, ки ин ба давлат имкон медиҳад, ки ҳамчун қоида захираҳои молиявии хеле маҳдуди худро барои расонидани ёрии тиббии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашавандаи аҳолӣ равона кунад;

- СИТ маблағҳои (пасандозҳои) шахсии шаҳрвандонро барои инфрасохтори нигаҳдории тандурустии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ сафарбар мекунад, ки ин дар навбати худ ба ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва баланд бардоштани самаранокии ёрии тиббӣ, афзоиши иқтисодиёти муассисаҳои тандурустӣ мусоидат мекунад;

- СИТ имкон медиҳад, ки ҳаҷм ва муҳлатҳои маблағгузории муассисаҳои тандурустиро барои оянда беҳтар ба нақша гиранд, зеро муроҷиати шаҳрвандон ба муассисаҳои тиббӣ аз сабаби вобаста набудан аз хизматрасонии тиббӣ ва мавҷуд будани пасандозҳо ва аз ҳисоби худ пардохт намудани хизматрасонии тиббӣ;

- зарурати ҷустуҷӯи истеҳсолкунандагони ин ё он хадамоти тиббӣ ва зарурати пардохти он аз ҳисоби маблағҳои худ;

- мавҷудияти сатҳи баландтари хизматрасонӣ дар воҳидҳое, ки дар низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ фаъолият мекунанд;

- бо усули доимии муоинаи ташкилотҳои тиббии суғуртавии ҳодисаҳои муолиҷа аз руи СИТ (махсусан дар шароити беморхона).

Дар шароити ҷустуҷӯи манбаъҳои алтернативии молиякунонии соҳаи тандурустӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дастрасии иқтисодии ёрии тиббӣ ба аҳолӣ нақши суғуртаи ихтиёрии тиббиро пурзӯр кардан зарур аст. Модели оптималии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ бояд ба принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муносибатҳои шарикии намояндагони бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар идоракунии баробарии механизмҳои бозорӣ ва рақобат ҳамчун асоси механизми бозор асос ёбад. Дар модели пешниҳодшудаи идоракунии объект, ба ғайр аз муассисаҳои тандурустӣ ва кормандони тиб бояд унсурҳои нав бошанд: хавфи суғуртавии вобаста ба хароҷоти расонидани ёрии тиббӣ дар ҳолати ҳодисаи суғурта ва беморон, инчунин ҷорӣ намудани вазифаи мудир бо ширкатҳои суғурта.

Бо мақсади такмили низоми идоракунии муассисаи тиббӣ дар доираи СИТ ва баланд бардоштани сифати чунин идоракунӣ, ки шарти ҳатмии таъмини афзалиятҳои рақобатии он дар шароити гузариш ба модели мустақили фаъолият мебошад, татбиқи чораҳои зерин мувофиқ аст:

-дар сатҳи давлатӣ:

1. Таҳияи сиёсати давлатӣ оид ба сифати ёрии тиббӣ дар доираи СИТ ва тамоюли системаи идоракунии тандурустӣ ба ҳалли масъалаҳои такмили он, кафолати дастрасӣ ва бехатарӣ;

2. Таҳияи меъёрҳои возеҳи сифати ёрии тиббӣ, муқаррар намудани талабот барои расонидани он ва танзими масъулият барои сифат ва сатҳи нокифояи ёрии тиббӣ, иштибоҳ ва нуқсон дар амалияи тиббӣ;

3. Дастгирӣ ва пешбурди ташаккули бозори хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи СИТ, ки ба шаҳрвандон имкон медиҳад, то ки интихоби салоҳиятноки провайдери муассиртарин кӯмаки тиббиро аз рӯи меъёрҳои сифат таъмин намуда, рақобати солимро дар заминаи кафолати сифат ва бехатарӣ муҳайё созад;

4. Тезонидани ҷорӣ намудани иҷозатномадиҳии касбии амалияи тиббӣ дар доираи СИТ ва худидоракунии воқеии тиббӣ дар муассисаҳои тандурустӣ, ки тағйироти азнавташкилдиҳиро дар системаи идоракунӣ татбиқ менамоянд;

-дар сатҳи муассисаи тиббӣ:

1. Фаъолгардонии татбиқи моделҳои (системаҳои) муосири сифат дар фаъолияти муассисаи тиббӣ, ки вобастагии бевоситаи сифати ёрии тиббиро аз системаи идоракунӣ таъмин менамояд.;

2. Татбиқи технологияҳои муассири коммуникатсионӣ ва муқаррар намудани муносибатҳо байни кормандони тиббии (хизматрасонии) муассисаи тандурустӣ бо беморон (истеъмолкунандагони хизматрасонӣ) ва ҳуҷҷатгузории онҳо.

Дар асоси таҳлилҳо чунин хулоса ва пешниҳодҳо карда мешавад:

1. Рушди минбаъдаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ тавассути такмили инфрасохтори алоҳидаи мустақил.

2. Васеъ намудани доираи маблағгузории системаи суғуртаи тиббӣ.

3. Тағйир додани самти мақомоти идоракунии тандурустӣ ба системаи назорати мустақил ва экспертизаи маҷмӯӣ ва сифати расонидани ёрии тиббию санитарӣ дар доираи СИТ.

4. Таҳияи консепсияи идоракунии стратегии СИТ ба манфиати тандурустии аҳолӣ (идоракунӣ барои тандурустӣ) ва такмили ҳамоҳангсозӣ ва ҳамгироии фаъолияти давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ. Татбиқи усулҳои нави идоракунии стратегиро ба манфиати саломатӣ дар доираи шаклҳое, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ кор карда баромадааст, ба амал баровардан мумкин аст: идоракунӣ ба воситаи ҳамкорӣ; сохторҳои устувор ва дурандешӣ дар низоми СИТ.

5. Ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии сифати хизматрасонӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ; сифати технология ва таҷҳизоти тиббӣ; сифати раванди расонидани ёрии тиббӣ (аз муоинаи бемор ва муқаррар намудани ташхис, муолиҷаи ӯ ва гузаронидани чорабиниҳои тавонбахшию пешгирикунанда дар доираи СИТ); сифатҳои ташкили таҷрибаи тиббӣ; сифати расмиёти тиббӣ; сифати маълумоти тиббӣ; сифати қонунгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ.

6. Яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ин ҷорӣ намудани СИТ ва беҳтар кардани сатҳи хизмати

тиббӣ ва сифати ёрии тиббӣ инчунин ташкил намудани участкаҳои беморхонаҳо мебошад. Таъмини фаъолияти самараноки онҳо ва идоракунии онҳо дар асоси ба назар гирифтани омилҳои ибтидоии зерин имконпазир аст:

- самаранокии ноҳиябандии беморхонаҳо бо рушди онҳо ҳамчун системаҳои функсионалии динамикии мутобиқшавӣ, ки ба мушкилот ва талаботи муҳити фаъолияти онҳо нигаронида шудаанд, муайян карда мешавад;
- доираи иштирокчиёни СИТ дар беморхонаҳои ноҳиявӣ зарурати ҷорӣ намудани шаклҳои самарабахши ҳамкории шарикиро дар таҳия ва қабули қарорҳои стратегӣ оид ба рушди онҳо ба миён меорад;
- мустақилияти идоракунӣ ва молиявии муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ барои баланд бардоштани сифати ёрии тиббӣ имкониятҳои калон фароҳам меоварад, ки онро дар сурати ҷорӣ намудани шаклу усулҳои прогрессивии хизматрасонии тиббӣ ва муқаррар намудани ҳамкории мутақобила бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор ба амал баровардан мумкин аст.

3.3. Таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокӣ ва дастгирии молиявии суғурташудагон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурати ҳатмии тиббӣ ва ихтиёрии тиббӣ дар 5 солаи охир хело рушд карда, дуюми боиси рушди бозори суғуртаи ватанӣ гаштааст. Суғуртаи тиббӣ дар баробари беҳтар намудани вазъи молияи муассисаҳои тиббӣ, беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳои тиббӣ дармонгоҳӣ ҳамзамон, барои баланд бардоштани дармоднокии моливии хонаводаҳо ва

дастгирии моливии онҳои саҳми арзанда дорад. Суғуртаи тиббӣ датгирии молиявии оилаҳоро дар самти коҳиш додани хароҷотҳои моливии соҳаи тиббӣ баланд мебардорад. Бояд гуфт, ки таъсири суғуртаи тиббӣ ба буҷаи молиявии шахсӣ аз қабили буҷаи хонаводаҳо, баланд бардоштани дастгирии молиявии хонаводаҳо дар баробари таъсири он дар баланд бардоштани солимии аҳолӣ ва коҳиш додани хароҷот барои хизматрасонии тиббӣ то ба имрӯз дар самти илми ватанӣ аз ҷониби муҳаққиқот арзёби пурра нагардидааст. Дар ин самт, баяд диққати махсус зоҳир намудан зарур аст, зеро суғуртаи тиббӣ яке аз механзмҳои асосии молиякунонии хизматрасониҳои тиббӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баҳисоб меравад. Тадбиқи ҳамаҷонибаи суғуртаи тиббӣ метавонад ҳамчун як шабакаи иҷтимоӣ-молиявӣ дар мадди аввал барои беҳтар намудани вазъи молиявии суғурташудагон ва баъдат барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии хонаводӣ оварда мерасонад.

Масъали таъсири суғуртаи тиббӣ ба даромаднокӣ ва дастгирии молияии суғурташудагон ва оилаҳои онҳо дар адабиётҳои хориҷӣ инъикоси худро пайдо намудааст. Олимон [154] таъсири суғуртаи тиббиро дар баланд бардоштани дармаднокии хонаводаҳо ва иштироки онҳо дар бозори коғазҳои қимматнок таҳқиқ намудаанд. Дар асоси таҳқот онҳо исбон намуданд, ки иштироки хонаводаҳо дар суғуртаи тиббӣ ба қобилияти хонаводаҳо барои иштирок дар бозори саҳҳомӣ ва саҳмияҳои саҳҳомӣ, асосан аз ҳисоби пасандозҳои эҳтиётӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, минтақаҳо, шаҳру деҳот ва сатҳи даромад низ омилҳои муҳими таъсиркунанда мебошанд. Суғуртаи

тиббӣ дар пешбурди иштирок дар бозори саҳомӣ нисбат ба минтақаҳо дар доираи хонаводаҳои шаҳрӣ ва даромади баландтар нақши муҳимтар дорад. Дар баробари ин, олимони дигар [153, с. 15] дар раванди таҳқиқот самтҳои ислоҳоти ҳамгирошудаи суғуртаи тиббӣ то кадом андоза метавонад нобаробарӣ дар хароҷоти соҳаи тандурустиро кам карда намояд қайд, ки ин омил дар раванди тадбиқи пура метавонад системаи тандурустиро аз мушкилоти молиявӣ раҳо кард.

Беккер ва Барро қайд мекунанд, ки суғуртаи тиббӣ ба беҳбуди вазъи иқтисодӣ ё саломатии волидайн оварда расонида, кӯмаки молиявии оиларо аз онҳо дур мекунад [129]. Дар раванди таҳқиқоти худ олимон Дейндл ва Брандт системаи суғуртаи иҷтимоиро дар 14 давлати Аврупои таҳқиқ намуда, маълум намуданд, ки суғуртаи иҷтимоӣ дар баланд бардоштнаи вазъи молиявии оилаҳо ва дастгирии онҳои нақши калон дорад [133]. Дар баробари ин, масъалаи таъсири суғуртаи тиббӣ барои дастгирии молиявии оилаҳо ва болоравии буҷаи хонаводаҳо кам таҳқиқ шудааст. Гарчанде, аз таҳлилҳои дар боби 2 кардашуда бар меояд, суғуртаи тиббӣ ҳамчун як шабакаи иҷтимоӣ-молиявӣ дар баланд бардоштани сатҳи даромади хонаводаҳо аз ҳисоби коҳиш додани хароҷот барои нигаҳдории тандурустӣ таъсир намуда, ин маблағҳо барои буҷаи оила ва пасандозҳо равона намудан лозим аст.

Вобаста ба он, ки то кадом андоза суғуртаи тиббӣ ба сатҳи даромаднокӣ ва беҳдошти молиявии суғурташудагон таъсир мерасонад дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ ва пурсишнома (анкета) вобаста ба нишондиҳандаҳои интегриалӣ дар модели регресионӣ дида мебароем.

Нишондиҳандаи номълум дар модели мо суғуртаи тиббӣ (СТ), нишондоди шахсони суғуташуда 1 ва нишондоди шахсони суғрутанашуда 0. Дар инҷо тағирёбандаҳои вобаста Дастгирӣ$_{дм-в}$ дасгирии молиявӣ аз волидайн ва Дастгирӣ$_{дм-ф}$ дасгирии молиявӣ аз фарзанд. Дар раванди таҳқиқот мо ҳама хароҷоти моҳонаи оиларо таҳлил намуда, дар ин баробар дастгирии молиявие, ки волидайн аз фарзанд дастрас менамояд. Зеро дар шароити имрӯза бисере аз оилаҳои тоҷик бо дастгирии молиявии фарзандон зиндагии худро пеш мебаранд. Ҳамзамон хароҷот барои хизматрасониҳои тиббӣ, ки аз ҳисоби даромади хонавода ва хароҷот барои табобат, ки берун аз доираи суғуртаи тиббӣ ҳар як оилаи пурсидашуда харҷ мекунад. Тағирёбандаҳои назорати дар раванди таҳқиқоти мо хусусиятҳои фардӣ ва оилавиро низ дар бар мегирад. Ба хусусиятҳои фардӣ дохил мешавад: син, сол, дараҷаи таҳсил, ҷои истиқомат шаҳр ё деҳот, вазъи оилавӣ, ҷинсият, худбаҳодиҳии вазъи саломатӣ, навафақаи давлатӣ, маълумотнокӣ. Ба хусусиятҳои хоси тағирёбандаҳои оилавӣ дохил мешаванд: шумораи кӯдакон, дороиҳои молиявии оила, шароити зиндагонии суғурташудагон.

Дар модели регресияи хаттӣ вобаста ба маълумоти дар ҷадвали 3.6. оварда шудааст, таъсири суғуртаи тиббиро ба дастгирии молиявии оилавҳо дар гуруҳи табобатӣ ва назоратӣ санҷида мебароем. Дар асоси маълумотҳо дида мешавад, пурсидашудагоне, ки бо маблағи зиёдтар худашонро суғурта намудаанд даромади онҳои зиёдтар мебошад ва дастгирии молиявӣ ба оилаҳои худ низ зиёд мебошад. Дар нишондиҳандаҳои байни шахсони

суғурташуда ва шахсони суғуртанашуда нобаробариҳои назаррас ба чашм мерасад.

Ҷадвали 3.6. - Маълумотҳои замина барои ташкили маддели регресионӣ вобаста ба таъсири суғуртаи ба вазъи молиявии хонаводаҳо

Тағирёбандаҳо	Шарҳи мухтасар	Гуруҳи табобатӣ	Гуруҳи назорати	Фарқият
Тағирёбандаҳои мутлақ				
Суғуртаи тиббӣ	1, пурсидашуда суғуратаи тиббӣ шудааст; агар не 0;			
Тағирёбандаҳои вобаста				
Дастгирӣ$_{дм-в}$	Дасгирии молиявӣ аз пурсидашуда аз ҷониби волидайн	4196.393	2925.427	1270.996***
Дастгирӣ$_{дм-ф}$	Дасгирии молиявӣ аз пурсидашуда аз ҷониби фарзанд	3882.124	2420.817	1461.307***
Тағирёбандаҳои назоратӣ				
Сину сол	Сину соли пурсидашудагон	60.664	61.509	-0,845***
Мард	1. агар пурсидашуда мард бошад; 0- агар пурсидашуда зан бошад	0,48	0,428	0,052***
Шаҳрнишин	1, агар пурсидашуда шаҳрнишин бошад; 0. агар пурсидашуда дар деҳот зиндагӣ кунад.	0,203	0,312	-0,108***
Вазъи оилавӣ	1. агар пурсидашуда оиладор бошад; 0. Агар он оиладор нашудааст, ҷодошудагӣ.	0,883	0,806	0,077***
Тағирёбандаҳои маълумотнокӣ:				
Маълумоти миёна ва ё олӣ надорад.	1. Агар маълумот дошта бошад; 0. Агар не.	0,245	0,302	-0,057***

Хонда ва навишта метавонад	1. агар хонда ва нивишта тавонад. 0. Агар не.	0.197	0,222	-0,024***
Маълумоти ибтидоӣ	1. агар пурсидашуда маълумоти ибтидоӣ дошта бошад; 0. Агар не.	0,226	0.200	0,027***
Маълумоти миёна ва олӣ	1. агар пурсидашуда маълумоти миёна ва олӣ дошта бошад; 0. Агар не.	0,332	0,277	0,055***
Худбаҳодиҳии саломатӣ	1. хело бад; 2. бад; 3 - қаноъатбахш; 4 - хуб; 5 – хело хуб.	3.042	3.083	-0,042**
Нафақаи давлатӣ	1. агар пурсидашуда нафақаи давлатӣ гирад; 0. агар не	0,602	0,294	0,308***
Шумораи кӯдакон	Шумораи умумии кудакон, фарзандхондҳо	3.029	3.162	-0,132***
Шароити зиндагӣ	1. агар пурсидашуда бо кудаконаш зиндагӣ кунад. 0. Агар не	0,279	0.349	-0,069***
Дороиҳои молиявии хонавода	Ҳаҷми умумии молиявии хонаводаҳо	4708.932	3091.608	1617.324***
Эзоҳ: * аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳо аз 0 боло буда дар сатҳи 10%,5% ва 1% қарор доранд.				

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Чи тавре, ки аз маълумотҳо дида мешавад, сину соли шахсони суғуташуда нисбат ба шахсони суғуртаношуда ҷавонтар мебошад ва онҳо дорои оила ва фарзанд мебошанд. Аз дигар тараф, шахсони суғуртанашуда сатҳи саломатиашон тибқи худбаҳодиҳӣ поинтар буда, дар ин баробар суғуртаи иҷтимоии онҳо низ паст ва шумораи кудакон зиёд мебошад. Хусусиятҳои хоси шахсони суғурташуда дар он аст, ки онҳо аз дастгирии молиявии фарзандон ва ё аъзои оила вобастагӣ доранд.

Дар раванди таҳлил тағирёбандаҳои муталқ ва доираи фарогирии он (Дастгирӣ$_{дм-в}$ дасгирии молиявӣ волидайн ба фарзанд ва Дастгирӣ$_{дм-ф}$ дасгирии молиявии фарзанд ба волидайн) аз рӯи шакли логарифмии он мо шакли зерини регресияи хаттӣ арзёйро мегузаронем.

$$\boldsymbol{L_n}(\text{Дастгирӣ}_{\boldsymbol{it}}) = \boldsymbol{B_0} + \boldsymbol{B_1 CT_{it}} + \boldsymbol{B_x X_{it}} + \boldsymbol{B_2}\text{Сол}_{\boldsymbol{t}} + \boldsymbol{B_3}\text{Де}\boldsymbol{x}\text{а}_{\boldsymbol{i}} + \boldsymbol{U_{it}} \quad (3.4)$$

Дар он:

Дастгирӣ$_{it}$- тағирёбандаҳое дусамта мебошанд, ки шумораи умумии пурсидашудагон дар он оварда шудаас. B_1- ин натиҷаи арзёбии вазифаҳое ҳаст аз ҳама бештар барои мо лозим мебошад барои он, ки он таъсири СТ ба даромаднокии молиявии оилаҳо нишон медиҳад. X_{it}- вектори тағирёбандаҳои назоратӣ дар сатҳи инфиродӣ ва оилавӣ мебошад. Сол_t – нишондиҳандаи таъсиррасон дар давоми сол. B_2 - таъсироти солонаро ифода мекунад. B_3 – таъсири вазифаи деҳотро нишон медиҳад ва U_{it} – хатогиҳои нишондиҳандаҳоро нишон медиҳад.

Натиҷаи империкии нишондиҳандаҳои модели регресионии хаттӣ бо усули кватрати камтарин (OLS) нишон медиҳад, ки суғуртаи тиббӣ барои расонидани дастгирии молиявӣ мусбат мебошад. Дар ҷадвали 3.7. натиҷаи модели регресионӣ оварда шудааст, ки натиҷаи сутуни 1 ва сутуни 2 таъсири СТ ба сатҳи дастгирии молиявии оилаҳои суғурташванда нишон медиҳад. Дар ин замина, аз ҳаҷми умумии маблашге волидайн аз ҳисбои сарфаи маблағ барои ёрии тиббӣ сарфа намудаанд ва онро барои нигоҳубини фарзанд равона намудаан 21,9% афзоиш ёфтааст. Арзёби дар сутури 3 ва 4 дастригирии молиявии

волидайн аз ҷониби фарзандро нишон медиҳад. Натиҷаи он низ шаҳодат медиҳад, ки таъсири суғуртаи тиббӣ дар муқоиса ба дастгирии молиявии волидайн ба фарзанд назаррас буда, дар асоси сутуни 4 дида мешавад, ки ҳаҷми ин маблағҳо барои пурсидашудагон дар доираи суғуртаи тиббӣ 51,9% зиёд шудааст.

Ҷадвали 3.7. - Таъсири СТ ба дастгирии молияии суғурташудагон бо истифода аз усули арзёбии OLS

	Ln (Дастгирӣ$_{дм-в}$)	**Ln (Дастгирӣ$_{дм-в}$)**	**Ln (Дастгирӣ$_{дм-ф}$)**	**Ln (Дастгирӣ$_{дм-ф}$)**
	I	**II**	**III**	**IV**
Суғуртаи тиббӣ	0,309*** (0,21)	0,191*** (0,071)	0,704*** (0,079)	0,521*** (0,072)
Сину сол		-0,069*** (0,02)		0,067*** (0,003)
Ҷинс		-0,013 (0,035)		-0,231*** (0,033)
Зиндагӣ дар шаҳр		0,820*** (0,051)		-0,547*** (0,045)
Мақом: оиладор		0,425*** (0,045)		0,349*** (0,046)
Хонда ва навишта метавонад		0,197*** (0,048)		0,146*** (0,047)
Маълумоти ибтидоӣ		0,372*** (0,045)		0,148*** (0,044)
Маълуоти миёна ва олӣ		0,662*** (0,048)		0,122*** (0,045)
Худбаҳодии саломатӣ		0,132*** (0,020)		0,034** (0,020)
Суғуртаи давлатӣ		-0,167*** (0,036)		0,289*** (0,035)
Миқдори кӯдакон		0,126*** (0,011)		0,280*** (0,012)
Шароити зиндагӣ		-0,420*** (0,040)		-1,680*** (0,040)

Дороиҳои молиявӣ		0,580*** (0,078)		0,150** (0,061)
Доимӣ	0,779** (0,343)	2,996*** (0,373)	0,213 (0,324)	-3,682*** (0,346)
Назоратшаванда	54,059	54,059	54,059	54,059
R -квадрат	0,103	0,149	0,096	0,220
Минтақа. Таъсири собитшуда	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Сол. Таъсири собитшуда	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Эзоҳ: * аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳо аз 0 боло буда дар сатҳи 10%,5% ва 1% қарор доранд. Тағйирёбандаҳои вобаста ба миқёси логарифмии худ. Дороиҳои молиявии оила дар 1/100000 миқёс доранд.				

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар баробари ин, нишондиҳандаи сину соли пурсидашудагоне вобаста ба таъмини молиявии оилаҳо аз фарзандонашон мусбат мебошад назар ба ёрии пурсидашудагон ба фарзандон. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сини одамон то чанде баланд бошанд ҳамонқадар ёрии молиявӣ аз фарзандон дастрас менамояд. Ин тамоил дар оилаҳои дар шаҳр зиндагимекарда нибат ба деҳот камтар мебошад, дар деҳот дастгириии молиявии оилаҳо аз фарзандон зиёдтар мебошад дар шаҳр камтар. Аз ин бар меояд, ки оилаҳои дар деҳот буда аз фарзандон вобастагии калон дошта суғуртаи тиббӣ таъсири худро ба вазъи молияии оилаҳо кам мерасонад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои гетерогенӣ, ки дар ҷадвали 3.8. оварда шудааст шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми умумии дастгирии молиявии аз волиядайн ба фарзанд дар 14,4% дар деҳот ва 10,4% дар шаҳр баъд аз бадаст овардани болиси суғуртаи тиббӣ баланд шудааст. Қисмати 2-юми ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таъмини молиявии

оилаҳои пурсидашуда аз аз фарзандони суғурташуда ба волидайн дар сатҳи 67,8% болро рафтааст, дар ҳоле, ки ин нишондиҳанда дар шашрҳо нисбат ба деҳот поинтар мебошад. Таъсири суғуратаи тиббӣ дар минтақаҳо ва ё деҳот ва шаҳрҳо низ дар доираи суғуртаи тиббӣ бачашм мерасад.

Ҷадвали 3.8. - Самари гетерогенӣ суғуртаи тиббӣ ба дастгирии молиявии хонаводаҳо

	Доираи истиқомат		**Сину сол**	
	Деҳот	**Шаҳр**	**Сини миёна**	**Сини калон**
	I	**II**	**III**	**IV**
Тағирёбандаҳои вобаста: Ln (Дастгирӣ$_{дм-в}$**)**				
Суғуртаи тиббӣ	0,144* (0,079)	0,104 (0,144)	0,522*** (0,115)	0,482*** (0,096)
Мушоҳидаҳо	43,611	11,451	26,361	28,701
R -квадрат	0,147	0,145	0,203	0,166
Ковариатсияҳо	Ҳа	Ҳа	Ҳа	Ҳа
Минтақа. Таъсири собитшуда	Ҳа	Ҳа	Ҳа	Ҳа
Сол. Таъсири собитшуда	Ҳа	Ҳа	Ҳа	Ҳа
Тағирёбандаҳои вобаста: Ln (Дастгирӣ$_{дм-ф}$**)**				
Суғуртаи тиббӣ	0,678*** (0,086)	0,016 (0,144)	0,093 (0,109)	0,253*** (0,087)
Мушоҳидаҳо	43,611	11,451	26,361	28,701
R -квадрат	0,204	0.244	0,166	0,125
Ковариатсияҳо	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Минтақа. Таъсири собитшуда	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Сол. Таъсири собитшуда	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Эзоҳ: * аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳо аз 0 боло буда дар сатҳи 10%,5% ва 1% қарор доранд. Тағйирёбандаҳои вобаста ба миқёси логарифмии худ.				

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар сутуни 3 ва 4 дастгирии молиявии аз ҷониби фарзандон дар зиёдатр шудааст. Дар баробари ин таҳсири суғуртаи тиббӣ дар дастгирии молиявии оилаҳои суғурташуда дар байни калонсолон назаррас ва дар миёни сину соли мина онқадар зиёд намебошад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки калонсолон бисертар ба маблағгузорӣ ва дастгирии молиявии аз ҷониби фарзандон ниёз доранд ва дар ин баробар фарзандон бо хараиди полиси суғуртавӣ метавонад маблағҳоро сарф намуда, ба волидайни худ кумаки молиявӣ расонанд.

Натиҷаи регресионии таносуби хароҷоти барои ёрии тиббӣ дар беморхонаҳо аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва суғуртаи тиббӣ дар ҷадвали 3.9. оварда шудааст. Чи тавре, ки аз маълумотҳои овардашудаи сутуни **I** дида мешавад таносуби хароҷот аз ҳисоби худ ҳангоми гирифтани полиси суғуртаи тиббӣ коҳиш ёфта, дар сатҳи -0,03 қарор гирифтааст, ки аз поёнравии хароҷоти тиббӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҷадвали 3.9. - Таҳлили миёнаравӣ суғуртаи тиббӣ дар дастгирии молиявии оилаҳои суғурташуда

Нишондиҳандаҳо	Хароҷоти тиббӣ (таносуби хароҷот аз ҳисоби худ)	**Ln (**Дастгирӣ$_{дм-в}$**)**	**Ln (**Дастгирӣ$_{дм-ф}$**)**	Ln (Хароҷот барои нигаҳдории тандурустӣ)	**Ln (**Дастгирӣ$_{дм-в}$**)**	**Ln (**Дастгирӣ$_{дм-ф}$**)**
	I	**II**	**III**	**IV**	**V**	**VI**
Суғуртаи тиббӣ	-0,032*** (0,004)	0,186*** (0,072)	0,179** (0,073)	0,308*** (0,054)	0,519*** (0,072)	0,508*** (0,075)

Харочоти тиббӣ (таносуби харочот аз ҳисоби худ)			-0,335*** (0,095)			
Ln (Харочот барои нигаҳдории тандурустӣ)						0,048*** (0,006)
Мушоҳидаҳо	55,062	55,062	55,062	55,062	55,062	55,062
R -квадрат	0,053	0,151	0,151	0,103	0,216	0,217
Ковариатсияҳо	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Минтақа. Таъсири собитшуда	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Сол. Таъсири собитшуда	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Эзоҳ: * аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳо аз 0 боло буда дар сатҳи 10%,5% ва 1% қарор доранд. Тағйирёбандаҳои вобаста ба миқёси логарифмии худ.						

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Натиҷаи сутуни III нишон медиҳад, ки пас аз хариди полиси суғуртавӣ харочот барои нигаҳдории тандурустӣ ба маротиб поин рафта таъсири суғуртаи тиббӣ ба дастгирии молиявии оилаҳои суғурташуда мушоҳида карда мешавад. Натиҷаҳои сутуни VI нишон медиҳанд, ки пас аз назорати таъсири истеъмоли хизматрасонии тиббӣ, таъсири суғуртаи тиббӣ ба дастгирии молиявии оилаҳои суғурташуда назаррас буда, коэффисиенти он аз 0,51 то 0,50 коҳиш меёбад.

Дар асоси таҳлили регресионӣ оид ба таъсири суғуртаи тиббӣ ба дастгирии молиявии оилаи суғурташудагон бояд қайд намуд, ки суғуртаи тиббӣ дар баланд бардоштани буҷаи хонавода ва кам кардани харочот барои ёрии таббӣ ва нигоҳдории тандурустӣ

таъсирӣ мусбат мерасонад. Ҳамзамон, суғуртаи тиббӣ дар баланд бардоштани саломатии оилаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи тандурустӣ ва молиякунонии он саҳми арзанда дорад.

Бояд қайд намуд, ки саводнокии молиявӣ барои тадбиқи суғуртаи тиббӣ ва рушди бозори суғуртаи ихтиёрии тиббӣ нақши калон дорад. Ба ғайр аз ин саводнокии молиявӣ ва донишҳои молиявӣ барои қабули қарор, таҳлилили молиявӣ, дарки самаранокии иқтисодии суғуртаи тиббӣ муҳим буда, ҳамзамон барои танзими буҷаи оила муҳим мебошад. Боло будани сатҳи саводнокии моливӣ ва дарки механизми хизматрасониҳои суғуртавӣ имкон медиҳат, одамон худ ва саломатиии худро аз хавҳо ва ҳодисаҳои дар пешистода суғурта намоянд. Чи тавре, ки за ҷадвали 3.10. дида мешавад саҳми шахсони пурсидашуда, ки маълумоти олӣ ва ё миёнаи касбӣ доранд дар тадбиқи суғуртаи тиби нисбат ба дигар самтҳои ҷомеа баланд мебошад.

Натиҷаи таҳлили ҷадвали ҷадвали 3.10. аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шахсони дорои таҳсилоти миёна ва олидор дар низоми суғуртаи тиббӣ нишондиҳандаҳои моливии оилавии онҳо мусбат мебошад, ин аз он гувоҳӣ медиҳад таҳсилоти волидайн ба тадбиқи суғуртаи тиббӣ ва дастгирии молиявии оилавӣ кумак хоҳад намуд. Сатҳи баланди саводнокии молиявии волидайн шароит фароҳам меоварад, ки фаъолияти моливӣ ва танзими буҷаи хонаводагӣ дар ин баробар дастгирии молиявӣ ба фарзандон беҳтар карда шавад.

Шахсоне, ки дорои маълумоти олӣ мебошанд, нишондиҳандаҳои молиявишон дар доираи суғуртаи тиббӣ баланда, он дар сатҳи 0,22 % қарор доранд.

Ҷадвали 3.10. Натичаҳои регрессияи иерархивии сершумор барои таҳлили модератсия

	Ln (Дастгирӣдм-в)	**Ln (Дастгирӣдм-в)**	**Ln (Дастгирӣдм-в)**	**Ln (Дастгирӣдм-ф)**	**Ln (Дастгирӣдм-ф)**	**Ln (Дастгирӣдм-ф)**
	I	**II**	**III**	**IV**	**V**	**VI**
Суғуртаи тиббӣ	0,230*** (0,071)	0,188*** (0,071)	-0,018 (0,219)	0,523*** (0,075)	0,519*** (0,075)	0,973*** (0,250)
Маълумоти миёна ва олӣ		0,219*** (0,017)	0,089 (0,060)		0,036** (0,016)	0,043 (0,059)
Худбаҳодиҳии саломатӣ		0,127*** (0,016)	0,126** (0,067)		0,029** (0,016)	0,170** (0,075)
Суғуртаи тиббӣ / саводнокии моливӣ			0,136** (0,060)			-0,008 (0,061)
Суғуртаи тиббӣ / Худбаҳодиҳии саломатӣ			0,003 (0,070)			-0,146* (0,077)
Мушоҳидаҳо	55,062	55,062	55,062	55,062	55,062	55,062
R -квадрат	0,146	0.150	0,151	0,216	0,216	0,216
Ковариат-сияҳо	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Минтақа. Таъсири собитшуда	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Сол. Таъсири собитшуда	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст
Эзоҳ: * аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳо аз 0 боло буда дар сатҳи 10%,5% ва 1% қарор доранд. Тағйирёбандаҳои вобаста ба миқёси логарифмии ҳуд.						

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар доираи арзёбии гитерагинӣ мо таъсири суғуртаи тиббиро ба дастгирии молиявии хонаводаҳо ошкор намудем. Аз нақтаи назари гитерагинӣ сину соли суғурташудагон ба раванди бозори суғуртавӣ таъсир мерасонад зеро агар суғурташавандагон ҳамоқадар боло бошад таваккали таъмини молиявӣ ва хариди полиси суғурта ҳамонқадар кам мешавад. Гурӯҳи ҷавонон вобаста ба он, ки нисбат ба суғуртаи тиббӣ маълумоти бештар доранд таваҷҷуҳашон ба ин самт зиёдтар мебошад. Вобаста ба суғурташудагоне, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд таваҷҷуҳашон ба суғуртаи тиббӣ бештар мебошанд нисбат ба шахсоне, ки дар деҳот ва ноҳияҳо истиқомат менкунанд. Сабаби асосӣ дар надоштани маълумоти кофӣ оид ба суғуртаи тиббӣ дар муҳити деҳод ва набудани инфрасохтори тандурустӣ баҳисоб меравад. Дар шаҳр инфрасохтори хуби тандурустӣ муҳаё буда, дар ин раванд тадбиқи суғуртаи тиббӣ барои ширкатҳои суғуртавӣ осонтар мебошад. Бинобар ин, зарурати муҳайё намудани инфрасохтори тандурустӣ дар марказҳои ноҳия ва деҳаҳо ба миён омадааст, то ин ки тадбиқи суғурати тиббӣ дар деҳот ва ноҳияҳо низ амалӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, аз маълумотҳои модели регресионии хатӣ ва сершумор дида мешавад суғуртаи тиббӣ ҳамчун воситаи ҳифзи молиявии аҳолӣ баромад менамояд ва дар ин баробар маърифати молиявии аҳолӣ барои рушди бозори суғуртаи тиббӣ нақши калидӣ дорад. Зеро таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳар шахси дорои маълумоти олӣ ва ё мийнаи касбӣ мебошанд, саводнокии молиявии кофӣ доранд, полиси суғуртаи тиббиро дастрас намудаанд ва боис

гаштааст, вазъи таъмини молиявии оилаашон ба қадре ҳам бошад хуб гаштааст.

Дар ин самт сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ нақши калидӣ дорад. Дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 сенарияи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар 3 давра оварда шудааст, ки он ба шаҳр, деҳот, синусоли, ҷинс ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоии аҳолиро фаро мегирад. Дар доираи ин стартегия дониши молиявии аҳолӣ аз 2,6 банди фоизии соли 2017 ба 3 банди фоизӣ дар соли 2026 баланд бурда мешавад. Муносибати молиявии аҳолӣ низ дар чунин сатҳ қарор дода шудааст. Дар ин замина, аз таҳлилҳои модели мо бар меояд, ки агар маърифати молиявии аҳолӣ сол аз сол баланд шавад, пас натиҷаи фарогирии аҳолӣ дар шаҳр ва деҳот ба суғуртаи тиббӣ ба маротиб боло меравад. Дар ин замина барои тадбиқи Қонуни Ҷумҳуҳури Тоҷикистон Қонун «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар амалия шароити хуб фароҳам оварда хоҳад шуд.

Хулоса ва пешниҳодҳои зербоби 3.3.

1. Суғуртаи тиббӣ дар баланд дастгирии молиявии суғурташудагон ва аҳли оилаи онҳои нақши арзанда дорад, ки дар натиҷаи таҳлилҳои регресионӣ ин таъсир муаяйн карда шуд. Вобаста ба ин, ширкатҳои суғуртавиро зарур аст ки ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ муҳтавои суғуртаи тиббӣ, самтҳои самаранокии он, ва манфиатҳои иқтисодӣ-иҷтимои онро барои буҷаи оилавӣ ва баланд бардоштани солимии хонаводаҳо расонанд. Ба ҳисоби миёна агар як

шахс полиси суғуртавии тиббиро ба маблағи 30 сомонӣ харидорӣ намояд, дар ин баробар ширкати суғуртавӣ ба у дар давоми 1 соли ба маблағи 1000 сомон хизматрасонии тиббиро пешниҳод менамояд, ки ба ҳисоби миёна 970 сомонӣ дар як сол ба буҷаи оила аз ҳисоби сарфаи маблағ барои нигаҳдории тандурстӣ даромад мешавад. Агар ҳама аъзои оила полиси суғуртавиро харидорӣ намояд пас даромаднокии оила аз ҳисоби он дучанд мешавад. Дар ҳолати бемор нашудани суғурташуда ва муроҷиат накардан ба ширкати суғуртавӣ маблағи онқадар калонро низ аз даст намедиҳад. Дар ҳар сурат суғуртаи тиббӣ дар шароити имрӯза барои ҳар як оила муфид буда, барои дастгирии молиявӣ ва баланд бардоштани буҷаи оила саҳми назарраст дорад.

2. Ташкилотҳои суғуртавиро мебояд, ки ҳамкориро дар самти баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми суғуртавӣ, баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, ташкили суҳбатҳо бо аҳолии деҳот, тақвият додани фарҳанги суғуртавии иштирокчиёни бозори суғуртавӣ ва аҳолӣ бо шарикони рушд ба роҳ монда, низоми маркетингӣ ва химатрасониҳои тиббиро дар доираи суғуртаи тиббӣ хуб намоянд. Дар баробари ин, ширкатҳои суғуртавиро мебояд барои ташкили инфрасохтори мусоид барои тадбиқи низоми суғуртаи тиббӣ дар манотиқи ҷумҳурӣ бо истифода аз маблағҳои худӣ ва ҷалбшаванда фароҳам оварад.

3.4. Татбиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти ташаккул ва рушди суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон

Дар сиёсати иҷтимоии давлат беҳтар намудани соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хуб намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ, маблағгузории соҳаи тандурустӣ ва солимии аҳолӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки соҳаи тандурустӣ, хизматрасонии тиббӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, таъмини озуқаворӣ ба аҳолӣ ва роҳҳои беҳтар намудани ғизои солим яке аз масъалаҳои душвор ва печида ба ҳисоб меравад. Ин проблемаҳо таҳти таваҷҷуҳи созмонҳои байналмиллалӣ аз ҷумла: Созмони Байналмилалии Тандурустӣ ва Созмони Милали Муттаҳид қарор дорад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки бинобар сабаби норасоии маблағҳо ба соҳаи тандурустӣ «...аксари системаҳои тандурустии саросари ҷаҳон барои қонеъ кардани ниёзҳои одамони солхӯрда, ки аксар вақт бемориҳои музмин ё синдромҳои гериатрикӣ доранд, муҷаҳҳаз нестанд. Системаҳо бояд тавонанд нигоҳубини вобаста ба синну сол ва ҳамгироиро таъмин кунанд ва инчунин бояд ба нигоҳ доштани тавонмандӣ бо синну соли одамон тамаркуз кунанд» [151]

Дар баъзе аз кишварҳо инфрасохтори соҳаи тандурустиро аз нав эҳё карда истодаанд дар дигар кишварҳо ин системаро таҷдиди назар намуда, аз шабакаи асосии бехатарӣ барои осебпазиртарин ба системаи васеътаре, ки қобилиятҳои функсионалии беморонро таъмин намуда, мустақилият ва шаъну шарафи онҳоро нигоҳ медорад, гузашта истодаанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ

нишон медиҳад, ки самтҳои ҳалли ин мушкилот метавонанд гуногун бошанд. Дар маҷмуъ, онҳо аз рӯи сохтори манбаъҳои маблағгузории соҳаи тандурустӣ ва ташкили хизматрасонии тиббӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар баъзе кишварҳои ҷаҳон раванди маблағгузории соҳаи тандурустӣ тибқи низоми мутамарказ, дар баъзе давлатҳои низоми ғайримарказонида ба роҳ монда шудааст. Баъзеҳо аз рӯи принсипҳои суғурта дастгирӣ мешаванд, дигарон аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ карда мешаванд. Дар баъзе аз давлатҳо суғуртаи тиббӣ ҳама шаҳрвандонро дар баъзе аз кишварҳо қисме аз шаҳрвандонро фаро мегиранд. Дар айни замон дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда се навъи маблағгузории соҳаи тандурустӣ маъмул буда, истифода мешаванд: давлатӣ (буҷетӣ), суғуртаи иҷтимоӣ ва суғуртаи тиббии хусусӣ.

Шакли ягонаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар амал вуҷуд надорад, бинобар ин дар бисёре аз давлатҳо шакли омехтаи маблағгузорӣ истифода мешавад. Вобаста ба он, ки кадом шакли маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар давлатҳои пешрафта истифода мешавад: дар давлатҳои (Англия, Ирландия, Италия, Шотландия) шакли маблағгузории давлатӣ, дар (Австрия, Белгия, Нидерландия, Олмон, Шветсия, Ҷопон) суғуртаи ҳатмии тиббӣ, дар ИМА суғуртаи омехта истифода мешавад, ки тақрибан 90% аҳолии кишвар аз хидматҳои ширкатҳои суғуртаи хусусӣ истифода мебаранд [71, с. 77].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ин соҳа корҳое зиёде анҷом дода шуда, системаи омехтаи буҷетӣ ва

суғуртаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ ба роҳ монда шудааст. Тоҷикистон таҷрибаи худро оид ба маблағгузории омехтаи соҳаи тандурустӣ надошта, ин таҷрибаро аз дигар кишварҳои ҷаҳон қабул мекунад. Қонунҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи ин соҳа татбиқ мешаванд, бояд аз ҷониби мутахассисоне, ки таҷрибаи дохилию хориҷӣ дар соҳаи суғуртаи тиббии амалӣ доранд, бодиққат баррасӣ карда шаванд.

Аз ин рӯ, мо принсипҳои асосии муттаҳид кардани маблағҳои буҷетӣ ва суғуртаи тиббиро барои расонидани хизмати босифат ба аҳолӣ дар соҳаи тандурустӣ бо мисоли он кишварҳое баррасӣ хоҳем кард, ки аллакай дар ин соҳа дастоварда ва таҷрибаи кофӣ доранд.

Олмон яке аз кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки аввалин шуда суғуртаи тиббиро ҷорӣ кардааст. Соли 1881 Вилгелм I модели суғуртаи иҷтимоиро пешниҳод кард ва дар соли 1883 Бисмарк ба қонунҳои суғуртаи беморӣ имзо гузошт.

Айни замон дар системаи суғуртаи тиббии Олмон ду намуди суғурта амал мекунанд:

1. Суғуртаи давлатии ҳатмии тиббӣ;
2. Суғуртаи ихтиёрии шахсӣ.

Ташкилотҳои суғуртавии Олмон яке аз системаҳои боэътимод дар ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Маҳз дар Олмон бузургтарин консерни суғуртаи Аврупоӣ Allianz Holding фаъолият мекунад, ки 42% суғуртаи ҳаёт ва 38% дигар намудҳои суғуртаро дар Олмон ташкил медиҳад. Ва инчунин, бузургтарин ширкатҳои азнавсуғуртакунии ҷаҳонӣ, ба монанди Munich Re ва Sovag дар Олмон мебошанд [76, с.6]. Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии малкунандаи соҳаи суғуртавӣ дар Олмон ба ҳама

шаҳрвандон ва истиқоматкунандагон аз соли 2009 суғуртаи тиббӣ ҳатмӣ шудааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ 87%-и аҳолӣ дар Олмон ва ё зиёда аз 70 млн.нафар бо суғуртаи ҳатмии тиббӣ фаро гирифта шудаан [64]. Суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар Олмон аз ҳисоби маблағгузориҳои махсуси давлатӣ ва аз ҳисоби пардохти шахсони ҳуқуқӣ барои фонди иҷтимоӣ равонакардашуда маблағгузорӣ карда мешавад. Дар ин замина ба шахсони бекор ва шахсони дар сини нафақа буда, хизматрасониҳои ройгони тиббӣ дар доираи суғуртаи ҳатмии тиббӣ расонида мешавад.

Хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ дар Олмон чунин мебошад:

1. Гуногунии системаи суғуртаи тиббӣ ба шаҳрвандон имкони интихобро фароҳам меорад. Дар натиҷа, фарогирии таваккалҳои суғурта васеъ мегардад.

2. Системаи суғуртаи тиббӣ барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ имкониятҳои алтернативӣ фароҳам меорад.

3. Ба суғуртаи тиббии ҳуқуқӣ ва шахсӣ тафриқабандӣ намудани суғуртаи тиббӣ барои аҳолӣ шароит фароҳам меорад, ки мувофиқи даромадашон хизматрасонии тиббиро интихоб намоянд.

4. Барои ғайрирезидентҳо додани тахфифҳои муайян Олмонро барои сайёҳон ҷолибтар мегардонад.

5. Принсипи ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқии низоми суғуртаи тиббӣ ҳам объекти системаи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва ҳам бевосита иштирокчии ташаккули он мегардад.

6. Муҳайё намудани шароит барои ёрии тиббӣ ва назорати иҷрои онҳо вазифаи асосии ҳукумат мебошад;

7. Тақсим намудани масъулият байни давлат ва фондҳои суғурта оид ба татбиқи сиёсати фаъолона дар самти нигоҳ доштани афзоиши нархи хизматрасонии тиббӣ.

Амрико дар соҳаи суғуртаи тиббӣ дар миёни дигар давлатҳо мавқеи пешсафиро ишғол намудааст. Ҳукумати Амрико восбата ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи тиб, ворид намудани технологияи пешрафтаи соҳа, хизматрасонии босифати тиббӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Амрико дар самти маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар ҷаҳон ҷои аввалро ишғол намуда, нисбат ба омода намудани мутахассисони соҳаи тиб таваҷҷуҳи хоса дорад.

Системаи муосири тандурустии Амрико бо он фарқ мекунад, ки дар ИМА бар хилофи аксари дигар кишварҳои пешрафта, дар он ҷо системаи универсалии ройгони тандурустӣ вуҷуд надорад. Мувофиқи тафаккури бозори озод, аксарияти амрикоиҳо аз тариқи барномаҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ ва механизмҳои рақобатпазир, ки ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам бахши хусусӣ маблағгузорӣ мешаванд, кумаки тиббӣ мегиранд [149]. Аксари беморхонаҳои ИМА моликияти хусусӣ буда, тақрибан 60%-и онҳо ғайритиҷоратӣ, 20% - тиҷоратӣ ва 20% - давлатӣ мебошанд [126]. Дар ИМА суғуртаи ихтиёрии тиббӣ васъ паҳн гашта, қисмати зиёди аҳолӣ ва шахсоне, ки мувақатан зиндаги мекунанд дар доираи суғуртаи тиббӣ хизматрасониҳои тиббиро бадаст меоваранд. Ба шахсе, ки полиси суғуртавӣ надошта бошад ёрии тиббӣ расонида

намешавад ва ё расонида шаванд ҳам бо арзиши хеле гарон.

Бар зами ин, дар ИМА соҳаи тандурустиро аз ҳисоби буҷаи федеролӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Дар онҷо барномаҳои давлатӣ амал мекунанд, ки аз 3 як ҳисаи аҳолӣ дар доираи ин барномаҳо хизмат расонида мешаванд:

1. Medicare, барои маъюбон ва шахсони синнашон аз 65 боло;
2. Medicaid, барои шахсони сатҳи зиндагиашон паст ва камбизоатон;
3. (FPL) барномаҳои суғуртаи саломатии кӯдакон, ки кӯдакони оилаҳои номатлубро фаро мегиранд [149].

Хизматрасонии тиббӣ дар Амрико дар миёни 11 кишвари сатҳи даромади аҳолиашон баланд, аз ҳама гаронтарин ба шумор рафта, дар соли 2019 маблағгузории соҳаи тандурустӣ 17%-и ММД-ро ташкил намудааст [101, с. 233]. Дар баробарии ин суғуртаи тиббӣ дар ИМА бисёр рушд кардааст.

Арзиши полиси суғурта аз меъёрҳои шартномае, ки бо ширкати суғурта баста шудааст, вобаста аст. Агар набудани суғурта ошкор карда шавад, мувофиқи қонунгузории амалкунанда шаҳрванд ҷарима баста мешавад. Суғуртаи тиббӣ доир ба сатҳи даромаднокии аҳолӣ ба якчанд намуд ҷудо мешавад: платина, тилло, нуқра ва биринҷӣ. Ҳангоми суғуртаи тиббии навъи палатина доштан ширкати суғуртавӣ 90% хароҷоти тиббиро пардохт мекунанд, дар ҳолати суғуртаи тиббии навъи тилло 80%, нуқра 70%, бириҷӣ 60%. Дар баробари ин, суғуртаи тиббии ҳадди ақал амал мекунад, ки он

маблағи камтарро талаб карда, барои кумакҳои тиббии аввалиндараҷа равона шудааст [68, с. 20].

Суғуртаи тиббӣ муҳимтарин унсури системаи тандурустӣ дар ИМА ба ҳисоб меравад, ки дастрасиро ба маводҳои доруворӣ ба аҳолӣ таъмин намуда, сатҳи хизматрасонии тиббиро хуб мегардонад. Дар баробари ин системаи суғуртаи тиббии ИМА ҷанбаҳои манфӣ ва мусбии худро дорад.

Ҷанбаҳои манфии системаи суғуртаи тиббии ИМА:

- арзиши баланди хизматрасонии тиббӣ;
- доруворӣ дар дорухонаҳо аз рӯи дорухати духтур фурӯхта мешаванд, ки на ҳама қобилияти харидории онро дорад ва онҳое, ки хоҳиши худтабобатӣ доранд, ин кор ба онҳо муяссар намешавад;
- дар байни кишварҳои пешрафта, низоми тандурустии ИМА яке аз системаҳое мебошад, ки ба ҳама дастраст нест;
- бинобар арзиши баланд доштани суғуртаи тиббӣ дастрасӣ ба табибон хело душвор аст;
- гурӯҳҳои этникӣ ва камбизоати иҷтимоӣ аз нобаробарии бузург дар расонидани хидматҳои тиббӣ азият мекашанд;
- тақрибан 11,2% шаҳрвандони ИМА (зиёда аз 27 миллион нафар) дар охири соли 2018 бинобар бад будани шароити зиндагӣ суғурта нашудаанд, ки ба гуфтаи коршиносон, боиси марги 60,000 нафар гардидааст;
- харочоти баланди тиббӣ дар солҳои 2018-2019 чоряки шаҳрвандони солхӯрдаро ба фақирӣ оварда расонидааст.

Ҷанбаҳои мусбати системаи суғуртаи тиббии ИМА:

- хизматрасонии тиббӣ дар онҷо фаврӣ мебошад;
- суғуртаи тиббӣ вобаста ба ҳама табақаҳои аҳолӣ ба роҳ монда шудааст;
- пиринсолон ва камбизоатон аз хизматрасонии ройгони тиббӣ тибқи барномаҳои давлатӣ бархурдоранд;
- беморхонаҳо бо мутахассисони баландихтисос ва таҷҳизотҳои баландсифат муҷаҳҳаз карда шудаанд;
- духтурон дорои тахссуси баланд буда, ҳамасола аз аттестатсия гузаронида мешаванд;
- суғуртаи ҳатмии тиббӣ 1/3 аҳолии кишварро фаро мегирад;
- камтар аз 10 фоизи буҷети соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби корфармоён ва зиёда аз 90 фоиз аз ҳисоби даромадҳои андоз ба буҷет ташаккул меёбад;
- пардохти аз 10-40 фоизи арзиши табобат вобаста ба навъи суғурта аз ҷониби беморон;
- фарогирии суғуртаи тиббии хусусии он категорияҳои шахсоне, ки фарогири суғуртаи ҳатмӣ нестанд ва васеъ намудани суғуртаи ихтиёрии хусусӣ ба навъҳои хизматрасониҳои тиббие, ки аз ҷониби Хадамоти миллии тандурустӣ пешниҳод нашудаанд.

Канада дар самти рушди рушди иҷтимоӣ ва дастгирии аҳолӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ дар ҷаҳон яке аз давлатҳои пешсаф ба шумор меравад. Тибқи таҳлилҳои СММ Канада дар самти рушди инсонӣ дар миёни давлатҳои пешрафта, аз ҷумла ИМА, Ҷопон, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса ва Италия пешсаф мебошад. Дар самти сиёсати иҷтимоӣ аз ҷумла соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ саҳми калон дорад.

Таваҷҷуҳи беандозаи Ҳукумати Канада дар соҳаи иҷтимоӣ ва системаи тандурустии миллӣ аз чанд омилҳо вобаста мебошад. Дар ин ҷо он натанҳо ҳамчун системаи нигоҳдории саломатии шаҳрвандон, балки ҳамчун унсури асосии ҳуввияти миллӣ, ки арзишҳои бартаридоштаи иҷтимоӣ - ҳамкории иҷтимоӣ, масъулияти муштарак, ки инъикоскунандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, қабул карда мешавад.

Соҳаи суғурта дар канада баъд аз соҳаи бонкдорӣ дар ҷойи дуюм қарор дорад. Дар Канада бе суғурта фаъолияти инсонро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҷмӯи хидматҳои ширкатҳои суғуртавӣ суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи тиббӣ, суғуртаи маъюбӣ, амволи ғайриманқул, суғуртаи тиҷорат ва қарзҳои бонкӣ, инчунин нақшаҳои нафақа ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ғайраҳо иборат аст. Ба фарқ аз ИМА дар Канада суғуртаи ҳатмии тиббӣ амал мекунад [132, с. 453].

Хусусиятҳои фарқкунандаи системаи суғуртаи ҳатмии тиббии Канада бо таърихи ташаккули он дар самти тақсим намудани салоҳиятҳои федералӣ яъне ғайримарказонида-шуда алоқаманданд. Дар Канада барномаҳои асосии иҷтимоӣ дар доираи салоҳияти имтиёзноки субъектҳои он (вилоятҳо) мебошанд.

Ҳамин тавр, дар Канада модели хоси нигаҳдории тандурустӣ ба вуҷуд омадааст, ки он аз маҷмуи даҳ системаи музофотӣ иборат мебошад, ки ҳар кадоми онҳо баъзе хусусиятҳои ташкилӣ ва тафовути механизмҳои маблағгузорӣ доранд. Ба ҳамин тариқ, дар чор вилоят маблағҳо барои ин мақсадҳо аз ҳисоби даромади буҷети умумӣ ҷудо карда мешаванд, дар дигар вилоятҳо бошад,

андозу ҳиссаҳои махсус ба таври илова истифода мешаванд. Дар баробари ин, ҳама музофотҳо аз ҳукумати федералӣ барои эҳтиёҷоти саломатӣ интиқоли мақсаднок мегиранд. Дар давраи ташаккули системаҳои минтақавии беморхона ва суғуртаи тиббӣ (ва барпо намудани инфрасохтори дахлдор дар солҳои 60-70-ум) то 50 фоизи маблағҳое, ки давлат ба ин мақсадҳо сарф кардааст, аз ҳисоби буҷаи федералӣ пӯшонда мешуд. Имрӯзҳо саҳми федералӣ ба маблағгузории буҷетии тандурустӣ тақрибан дар сатҳи 25% буд [140, с. 1735].

Ҳама кумаки тиббӣ дар Канада, ҳам сокинони доимии он ва ҳам онҳое, ки мақоми гуреза доранд, ройгон пешниҳод карда мешаванд. Ягона истисно нигоҳубини дандонпизишкӣ мебошад, ки ба соҳаи хусусӣ тааллуқ дорад. Аммо барои онҳое, ки барои истиқомати доимӣ ба Канада омадаанд, ин қоида танҳо пас аз се моҳи ворид шудан эътибор пайдо мекунад [128, с. 1735]. Инчунин, ҳамаи одамоне, ки муваққатан дар Канада ҳастанд, фарогирии хизматросонии тиббиро надоранд. Дар ин ҳолат, бо вуҷуди он, ки суғуртаи тиббӣ ҳатмӣ нест, хеле муфид аст, ки суғуртаи тиббӣ ҳангоми беморӣ ба даст оварда шавад. Арзиши табобат дар Канада хело гарон буда, як рӯзи бистарӣ дар беморхона метавонад беш аз ҳазор доллар ва баъзе ҷарроҳиҳо беш аз 10,0 ҳазор доллар арзиш дошта бошад. Аз ин рӯ, барои одамоне, ки фарогири суғуртаи тиббӣ нестанд, бояд ҳатман онро ба даст оранд.

Ҷанбаҳои манфии системаи суғуртаи тиббии Канада:

- вобаста ба назорати ҷиддӣ дар самти суғуртаи тиббӣ ба поин рафтани сатҳи муҷаҳҳазгардонии технологияи навтарини соҳаи тиб гардидааст;

- гарон будани арзиши суғуртаи тиббӣ ва табобат дар беморхонаҳо ва дастрасӣ надоштани беморон ба табибони баландихтисос;

- нигаҳдории тандурустӣ ва ҷорӣ намудани технология суст буда, дар ин самт аз ИМА қафо мондааст;

- дар доираҳои сиёсӣ бинобар фишори доимии иттиҳодияҳои тиббӣ вариантҳое, ки барои фаъолияти суғуртакунандагони хусусӣ фазои бештар медиҳанд, ба таври ҷиддӣ баррасӣ мешаванд.

Ҷанбаҳои мусбати ситемаи суғуртаи тиббии Канада:

-дар таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ масъулияти умдаи давлат ва асосан маблағгузории буҷетии ба соҳаи иҷтимоӣ, алалхусус соҳаи тандурустӣ нақши муҳим мебозад;

- ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронидани маблағҳо, нигаҳ доштани солимии коргарон, хосилнокии баланди меҳнат ва қобилияти корӣ ва ихтироъкории кормандон таҳти назорати давлат мебошад, ки дар натиҷаи қобилияти кории кормандон баланд шуда, ҳамасола ба ширкатҳои Канадагӣ нафъи бевосита меорад;

- дастрасӣ ва сифати хуби хизматрасонии тиббӣ омили муҳими ҷалби мутахассисон, олимон ва соҳибкорони баландихтисос ба кишвар маҳсуб меёбад, дар ҳоле ки вуруди муҳоҷирон дар шароити муосир беш аз 55 фоизи афзоиши миёнаи солонаи аҳолии Канадаро таъмин мекунад;

- суғуртаи тиббии ҳатмӣ ҷорӣ шудааст, ки барои солимии аҳолӣ нақши бориз мебозад ва дастрасиро ба хизматрасонии тиббӣ осон мегардонад;

- 90%-и хароҷотҳо барои нигаҳдории тандурустӣ ва ёрии тиббӣ-амбулаторӣ бо маблағгузориҳои давлатӣ фаро гирифта шудааст. Андозбандии прогрессивӣ 25% тамоми хароҷоти соҳаи тандурустиро фаро мегирад;

- қисми аҳолие, ки дар доираи СҲТ-химат расонида намешаванд ва ё ба ин категори дохил намешаванд аз ҳисоби суғуртаи ихтиёрии тиббӣ хизмат расонида мешаванд.

Ҷопон дар Осиё яке аз давлатҳои пешрафта аз ҷиҳати иқтисодӣ дар ҷаҳон маҳсуб ёфта, соҳаи иҷтимоӣ дар низоми иқтисодии он нақши калидӣ мебозад. Ҳаҷми маблағгузории соҳаи тандурстӣ дар Ҷопон дар қатори кишварҳои пешрафта ҷоӣ намоёнро ишғол менамояд. «Дар соли 2021 ҳаҷми маблағузорӣ аз буҷаи давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ нисбат ба ММД дар Ҷопон 8,2 %-ро ташкил дода буд, ки ин нишондиҳанда дар ИМА – 16,6%, Олмон – 14,9%, Фаронса – 15,7%, Британияи Кабир – 14,7%, Русия – 5,5% аст» [141]. Сири муваффақияти системаи тандурустӣ дар Ҷопон дар он мебошад, ки дар он ҷо системаи тандурустӣ дар асоси принсипҳои таносуби мувозинати элементҳои мутамарказ ва ғайримарказонидашуда ба роҳ монда шудааст.

Бояд гуфт, ки рушди соҳаи тандурустӣ ва сатҳи сифати хизматрасониҳои тиббӣ аз маблағгузории соҳаи тандурстӣ вобастагии калон дорад. Ҳамасола ҳаҷми маблағгузориҳо аз буҷаи давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ зиёд карда мешавад. Дар баробари ин, хизматрасониҳои тиббӣ дар Ҷопон дар доираи суғуртаи тиббӣ амалӣ карда шуда, рушди бозори суғуртавӣ бачашм расида, сохтори он аз якчант зина иборат мебошад.

1. Низоми суғурта барои кормандони корхонаҳои бахши хусусӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва оилаҳои кормандон маҳсуб мешавад. Ҳаҷми суғуртаи тиббӣ аз миқдори музди меҳнати корманд вобаста буда, рушди он низ аз даромади корманд вобаста аст. Ин шакли суғуртаро, суғуртаи солимии кормандон меноманд, ки барои тадбиқи он 1900 ширкатҳои суғуртавӣ фаъолият мебаранд. Ин низоми суғуртавӣ аз ҷаҳор қисмат иборат мебошад, аз қабилӣ:

- суғуртаи давлатӣ - шахсоне, ки кори доимӣ надоранд ва корхонаҳои хурду миёна, ки аз 300 нафар шумораи кормандонашон поин мебошад ба суғуртаи давлатӣ фаро гирифта мешаванд;
- суғуртаи ҷамъиятӣ (алоҳида ё аз ҷониби ширкатҳои махсуси суғуртавӣ таъсис дода мешавад), ки ҳамаи кормандони корпоратсияҳои калон ва саноати вазнинро фаро мегирад ва аз тарафи намояндагони роҳбарикунанда ва кормандон якҷоя гузаронида мешавад;
- суғуртаи мустақил барои баҳрнавардон;
- ҷамъиятҳои кумаки мутақобилаи коргарони сохтори давлатии истеҳсолӣ (ба ин метавонад суғуртаи Siemens ва иттиҳодияи кумаки мутақобилан оид ба суғуртаи кормандони марказӣ, префектуравӣ ё мунисипалӣ, Ассотсиатсияи хусусии мутақобилаи муаллимони мактабҳоро дарбар гирад). Дар ин ҷо ҳамчун суғуртакунанда давлат ва ташкилотҳои суғуртаи тиббӣ фаъолият менамояд.

Сохтори суғуртаи тиббии кормандон дар Ҷопон таҳти назорати Вазорати нигоҳдории тандурустии ин кишвар қарор дошта, барои ворид шудан ба ин система ва

гирифтани суғуртаи тиббӣ бояд шартҳои зерин қатъиян риоя карда шавад [66]:

- шаҳрванд бояд ҳатман дар ин корхона ба кор дарояд;
- он корхона бояд ба сохтори суғуртаи тиббӣ дохил карда шуда бошад;
- шаҳрванд бояд дар дигар сохторҳои суғуртавӣ ба қайд гирифта нашуда бошад.

Системаи дуюм ҳамчун системаи суғуртаи миллӣ (ССМ) тавсиф карда мешавад, ки ҳамаи категорияҳои дигари аҳолӣ, аз ҷумла шахсони мустақил, аз қабили деҳқонон, хоҷагидоронро фаро мегирад. Ин система инчунин ёрии тиббиро ба коргарони нафақахӯр, ки ба гирифтани нафақаи пиронсолӣ ё баромадан ба нафақа аз рӯи собиқаи корӣ дарбар мегирад. Пардохтҳои суғуртавӣ вобаста ба нарху навои бозорӣ, арзиши андозҳо ва аъзои оилаи суғурташаванда ва дигар омилҳо вобаста мебошад. Асосан ин системаи суғурта пиронсолон, нафақахӯрон, камбизоатон ва шахсоне, ки сатҳи даромади паст доранд, фаро гирифта шуда, 50 %-и маблағи онро дотатсияи давлатӣ ташкил медиҳад.

Дар муқоиса бо Ҷопон, системаи муосири суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷавон аст (баъд аз солҳои 1990) ва дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Системаи хозираи суғуртаи тиббӣ дар Ҷопон асосан ба принсипҳои суғуртаи иҷтимоӣ асос ёфтааст. Қариб 50 % хароҷот аз ҳисоби саҳмҳои суғуртаи ҳатмӣ (ҳам коргарон ва ҳам корфармоён), тақрибан 38 % дотатсияҳои давлатӣ ва 13,9 % аз ҳисоби маблағҳои худи аҳолӣ маблағгузорӣ

карда мешаванд. Тибқи нақшаҳои шуғл, корфармоён ва кормандон саҳмҳои ҳатмиро тақсим мекунанд [146]

Ҷанбаҳои мусбати системаи суғуртаи тиббии Ҷопон:

- 166 ширкат ба суғуртаи иҷтимоии корхонаҳо мушғул мебошанд;
- фонди суғуртаи иҷтимоӣ аз соли 1948 фаъолият мекунад, ки ҳамчун сеюмин системаи суғуртавӣ дар давлат ба ҳисоб меравад;
- тибқи қонуни хавфи саломатии кормандон, шахсони аз 70 боло ба таври хоса хизматрасонии тиббиро бархурдор мешаванд;
- ҳар як муассисаи тиббӣ уҳдадор аст, новобаста аз он ки суғурташуда дар кадом системаи суғурта ба қайд гирифта шудааст, хизматрасониҳои тиббиро пешниҳод намояд;
- давлат тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ ба пиронсолон ёрии тиббии моддӣ мерасонад. Дар ҳолати суғуртаи тиббӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои суғурта идора карда мешавад, давлат як қисми хароҷоти маъмуриро мепӯшонад ва дар сурати мушкилоти молиявии ширкатҳо кумаки минбаъда мерасонад. Он инчунин барои нигоҳубини саломатии пиронсолон кумакпулӣ медиҳад;
- ба таърифи хизматрасонии тиббӣ (машваратҳо, дорувориӣ, сӯзандоруҳо, табобат, амалиёти ҷарроҳӣ, муоина ва ғ. дар якҷоягӣ бо хароҷоти ҳуҷраҳои хоб, нигоҳубин, хӯрокворӣ) тақрибан ҳар ду сол тағйирот ворид карда мешавад. Арзиши хизматрасонии нави технологӣ бо усулҳои шабеҳи муоина ва табобат муқоисавӣ муайян карда мешавад.

Аз таҳлилҳои таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ дида мешавад, ки пардохти пурраи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва ба дӯш гирифтани ин масъала дар баъзе аз кишварҳо ба чашм мерасад. Аксари кишварҳои пешрафта кӯшиш мекунанд, ки системаҳои гуногуни маблағгузории соҳаи тандурустиро муттаҳид созанд. Ин пеш аз ҳама бо он шарҳ дода мешавад, ки дар шароити муосир вобаста ба зиёд шудани вирусҳои гуногун ва омилҳои зерин таҳдидҳо ба саломатии шахрвандон меафзояд:

- равандҳои ҷаҳонишавӣ, норасоии ҷойҳои корӣ муҳоҷирати аҳолиро тезонидааст, ки бо ин восита бемориҳои сироятӣ дар ҷаҳон паҳн гардида истодааст, зеро ин бемориҳо хоси тамоми минтақаҳо нестанд;

- суръати ниҳоят тези тараққиёти ҷамъиятӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ, омилҳои экологӣ, бад шудани муҳити зист тағйироти мусбат ба рушди иқтисодиёти ҳар як мамлакат ворид намуда, ҳолатҳои стрессиро ба вуҷуд меорад, ки ба саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд;

- амалҳои террористӣ, нооромиҳо дар минтақа, садамаҳои фавқулоддаи техногенӣ ва ғайра эҳтиёҷоти ёрии тиббиро зиёд мекунанд;

- дарозшавии давомнокии умр бо пиршавии аҳолӣ мушоиат мегардад, ки барои расонидани нигоҳубини вобаста ба бемориҳои пиршавӣ ва ғайра хароҷоти иловагиро ба миён меорад.

Ин, албатта, танҳо як тарафи масаъала ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар, буҷаи ҳар кишвар ҳамеша маҳдуд буда, барои маблағгузории тамоми ниёзҳои ҷамъиятӣ кифоякунанда нест. Илова бар ин, агар давлат як

қисми муҳими масъулиятро барои саломатии миллат ба дӯш гирад, худи корфармоён ва шаҳрвандон аз ғамхории он даст мекашанд. Аз ин рӯ, аксарияти кишварҳои ҷаҳон системаҳои омехтаи маблағгузории соҳаи тандурустиро истифода мебаранд.

Агар дар мамлакат чунин системаи маблағгузории муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ ба вуҷуд оварда шавад, ки ҳиссаи давлат аз 70 фоизи ҳаҷми умумии захираҳои молиявӣ зиёд бошаду қисми боқимонда ба ҳисоби ташкилотҳои суғуртавӣ дохил шавад, пас чунин системаро суғуртаи буҷетӣ меноманд.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба чунин хулоса омадан зарур аст, ки ҳар як давлат дар самти маблағгузории соҳаи тандурустӣ, ҳифзи солимии аҳолӣ ва суғуртаи тиббӣ механизмҳои махсуси худро доранд. Таҷрибаи давлати Ҷопон, ки соҳаи иҷтимоиро хуб фаро гирифтааст, ба соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодии давлати мо хос мебошад ва истифодаи ин таҷриба барои рушди соҳаи тандурустӣ муфид хоҳад буд.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

1. Суғуртаи тиббӣ ҳамчун омили муҳимтарини ҳифзи объективии ҳам давлат ва ҳам ҷамъият ба ҳисоб меравад. Бояд самтҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлат, ки ба рушди иқтисодии ҷамъият, баланд бардоштани некуаҳволӣ ба инобат гирифта, дар навбати худ муҳити рушди иҷтимоӣ муҳайё карда шавад. Самтҳои назариявии мафҳуми суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ оварда шуда, ки он метавонад ҳамчун ташаккул барои хусусиятҳои LES-маълумот истифода шавад. Дар асоси таҳлили адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ мафҳуми суғуртаи тиббӣ пешниҳод карда шудааст, ки он ҳамчун суғуртаи шахсӣ, ки аз бастани шартнома барои манфиатҳои суғуртакунанда амалӣ карда шуда, барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ бо пардохти ҷуброни зарар равона карда мешавад. Аз тарафи дигар он рушди маблағгузории муассисаҳои тиббиро аз ҳисоби маблағҳои ҷамъоваришуда ва пардохти ҷуброни зарар хуб мегардонад;

2. Дар асоси таҳлилҳои адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ хусусиятҳои хоси суғуртаи тиббӣ ҳамчун механизми асосии баланд бардоштани сатҳи солимии аҳолӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявии оилаҳо нишон дода шудааст. Рушди суғуртаи тиббӣ метавонад якчанд хусусиятҳои мусбат барои оилаҳо ба бор оварад, ки муҳимтарини он сарчашмаи иловагии малбағ барои хизматрасонии тиббӣ ва дастрасӣ ба ёрии тиббии босифат дар шароити имрӯза мебошад, ки ҳамарӯза бемориҳои гуногун хуруҷ карда истодааст ва суғуртаи тиббӣ кафолати асосии аз расонидани ёрии тиббӣ ва маводҳои доруворӣ дар муҳити

хона мебошад. Лекин, мутаассифона низоми суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле суст рушд карда истодааст, ки барои беҳтар шудани вазъ, такмил ва таҷдиди ин низом ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоиро тақозо менамояд. Муҳим он аст, таҷдиди низоми суғуртаи тиббӣ бояд маблағгузории соҳаи тандурустиро хуб ва сатҳи хизматрасониҳои тиббиро ба маротиб беҳтар гардонад. Агар аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ таъмин карда нашавад, дар ин замина мушкилоти асосии кадрӣ дар иқтисодиёт ба вуҷуд меояд.

3. Усулҳои баҳодиҳии суғуртаи тиббӣ аз ҷиҳати методологӣ асоснок карда шудаанд. Дар ин замина, 3 усули баҳодиҳии суғуртаи тиббӣ пешниҳод карда мешаванд: иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маркетингӣ. Вобаста аз хусусиятҳои иҷтимоии суғуртаи тиббӣ, сухан дар бораи қаноатмандии ҷабрдидагон аз суғуртаи тиббӣ ва расонидани ерии тиббӣ дар доираи он меравад. Аз ин рӯ, ақидаҳои олимон дар ин самт гуногунанд ва онҳо ба 5 гурӯҳ тақсим шудаанд, ки дар асоси онҳо маълум аст, ки арзёбии суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари иҷтимоӣ самаранок нест. Арзёбии суғуртаи тиббӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва молиявӣ ба сатҳи даромаднокии ширкатҳои суғурта, раванди ҷуброн, самаранокии низоми суғуртаи тиббӣ ва вазъи молиявии ширкатҳои суғурта асос ёфтааст. Аз ин рӯ, арзёбии низоми миллии суғурта бояд ба шароити бозори иқтисодӣ бо усулҳои иқтисодӣ асос ёбад, самаранокии системаи суғуртаи тиббӣ бо назардошти қаноатмандии иҷтимоӣ асоснок ва пешниҳод карда шавад. Арзёбии суғуртаи тиббӣ асоси муайян кардани мушкилоти

мавҷуда дар соҳа мебошад ва барои рафъи онҳо бояд барномаҳо ва консепсияҳои мушаххас таҳия карда шаванд.

